# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ЯНВАР-МАРТИ 2018

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Дилбар Ҳусейнова,** иқтисодчӣ
**Шуҳрат Салоҳиддинов,** иқтисодчӣ
**Абдулло Қурбонов,** коршинос
**Давлатбек Ҳалимов,** иқтисодчӣ
**Мустафо Ниёзов,** муҳаққиқ

БОВАРИИ АҲОЛӢ – МАРОМИ НИЗОМИ БОНКӢ 12
ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ МЕБОШАНД 55
ФАЗОИ ЯГОНАИ СУҒУРТАВӢ ОМИЛИ ПЕШРАВИСТ 40
ПУЛИ НАҚД: ЧАРО АҲОЛӢ АЗ ОН ЗИЁД ИСТИФОДА МЕБАРАД? 48
БИТКОИН – ҲУБОБИ КАФИДАНӢ Ё ПУЛИ ҲАҚИҚӢ? 73
БАРҲАМ ДОДАНИ ФОНДИ ЭҲТИЁТӢ ЧӢ ОҚИБАТЕ БА МИЁН МЕОРАД? 68

## 2018
## СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ


НАВРӮЗ - 2018 - NAVRUZ
Фарҳанги ориёӣ дар тимсоли Наврӯз ба ҷаҳониён ҷашнеро бахшидааст, ки бар пояи меҳру садоқат, хираду заковат ва адлу адолат бунёд гардида, ақлу мантиқро бар ҷаҳлу зулмат пирӯз гардонидааст.
Эмомалӣ Раҳмон
НАВРӮЗИ
НАВБАҲОРОН
БАР ДӮСТОН
МУБОРАК!

# ДАР ИН ШУМОРА


**3 | ПРЕЗИДЕНТ: МОДАР РАМЗИ ҶОВИДОНАИ МЕҲРУ ВАФО ВА ИДОМАБАХШИ НАСЛИ ИНСОН МЕБОШАД**

**12 | БОВАРИИ АҲОЛӢ – МАРОМИ НИЗОМИ БОНКӢ**

“Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзӣ ва асъории пайгирона ва шаффофро ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои афзалиятноки худ татбиқ намуда, истифодаи фишангҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвилро барои танзими ҳаҷми . . .

**22 | ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2018 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ**

Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №937 «Дурнамои сиёсати пулию қарзии . . .






**40 | ФАЗОИ ЯГОНАИ СУҒУРТАВӢ ОМИЛИ ПЕШРАВИСТ**

Суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгири манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимою иқтисодии ҷомеа ба . . .

**32 | ТАВАРРУМ ДАР ДОИРАИ НИШОНДИҲАНДАИ ЯКРАҚАМА НИГОҲ ДОШТА ШУД**

Нишасти матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон барои намояндагони Воситаҳои ахбори оммаи дохиливу хориҷи кишвар оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти бонк ва низоми бонкии мамлакат дар соли 2017, ки . . .

**45 | ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ДУРУСТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТУ ИҶТИМОИЁТ МУСОИДАТ МЕНАМОЯД**

Бо мақсади паст намудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва хавфи асъорӣ, инчунин баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ, ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ 10,9 фоиз коҳиш ёфта, . . .

**48 | ПУЛИ НАҚД: ЧАРО АҲОЛӢ АЗ ОН ЗИЁД ИСТИФОДА МЕБАРАД?**

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон аз 25 сентябр то 9 октябри соли 2017 доир ба сабабҳои аз ҷониби аҳолӣ бештар истифода бурдани пули нақд назарсанҷии шаҳрвандонро баргузор намуда буд.

**65 | АҲДИ ИСТИСНОЪ**

Ҳамчунин имкон дорад объекти истисноъ қабл аз муҳлат супорида шавад, ба шарте, ки мутобиқи сифатҳои талабкардаи тарафи дигар сохта шуда бошад . . .




**73 | БИТКОИН - ҲУБОБИ КАФИДАНӢ Ё ПУЛИ ҲАҚИҚӢ?**

# В ЭТОМ НОМЕРЕ



32 | ТАВАРРУМ ДАР ДОИРАИ НИШОНДИҲАНДАИ ЯКРАҚАМА НИГОҲ ДОШТА ШУД



60 | МО МАСЪУЛЕМ, КИ РӮЗ АЗ РӮЗ БЕҲТАР ШАВЕМ



55 | ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ МЕБОШАНД

68 | БАРҲАМ ДОДАНИ ФОНДИ ЭҲТИЁТӢ ЧӢ ОҚИБАТЕ БА МИЁН МЕОРАД?

Вазорати молия ба наздикӣ бояд нақша ва ҳисобу китоб оид ба пурра кардани захираҳоро нашр намояд, баҳои қаблии он дар сурати ба $55-60 барои як баррел арзиш доштани нефти навъи Urals . . .

73 | БИТКОИН – ҲУБОБИ КАФИДАНӢ Ё ПУЛИ ҲАҚИҚӢ?

Агар дар ибтидои кор, яъне пайдоиши он дар соли 2009 1000 биткоин бар ивази 3 сент мубодила мешуд, ҳоло дар ибтидои соли 2018 ҳар як биткоин бар ивази 11000 доллар мубодила мешавад.

80 | САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ – МАСЪАЛАИ МУҲИМ

Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва рузмарра ба ҳисоб рафта, даст ёфтан ба сатҳи болои он барои рушди иқтисодиёт, хусусан барои пешрафти соҳаи бонкдорӣ мусоидат хоҳад кард.

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

МАҶАЛЛАИ ТАҲЛИЛИИ БОНКӢ
1 (80) ЯНВАР-МАРТ, 2018

**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**

РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нурмаҳмадзода
АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нуралиев, Ф.Ҳамрализода, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 286 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.

# Модар рамзи ҷовидонаи меҳру вафо ва идомабахши насли инсон мебошад



Табрикномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи модар

**МОДАРОН ВА ХОҲАРОНИ АЗИЗ!**
Фарорасии фасли зебои сол - баҳори оламафрӯз ва ҷашни модаронро ба ҳамаи занону модарони мушфиқ ва бонувони меҳрубони Тоҷикистон табрик гуфта, барояшон саломатӣ ва саодати ҳамешагӣ орзу менамоям.

Модар рамзи ҷовидонаи меҳру вафо ва идомабахши насли инсон мебошад.

Модар аввалин шахсест, ки бо шири покаш ва бо меҳрубонии ба худаш хос дар қалби тифли худ хислатҳои неки инсониро парвариш карда, ӯро ба шоҳроҳи зиндагӣ раҳнамоӣ месозад.

Маҳз ба ҳамин хотир ҳар як фарди тарбиятдидаву оқил тамоми умри худро бо ҳастии модар пайванд медонад, ӯро дӯст медорад ва ранҷу азияти кашидаи модарро то лаҳзаи охирини ҳаёт қадршиносиву посдорӣ менамояд.

Зан-модар ба мисли баҳори пурнакҳату муаттар таҷассумгари фардои обод буда, бо нияту орзуҳои нек фарзанди худро ба камол мерасонад ва ӯро дар роҳи хизмат ба халқу Ватан ҳидоятгару насиҳатгар мебошад.

Шахс нахустин дарси одамияту худшиносиро аз модар меомӯзад ва тавассути суханони пурҳикмати ӯ соҳиби маърифат мегардад.

Бинобар ин, аввалин омӯзгори беминнати инсон модар буда, ба фарзанд на танҳо сухан гуфтанро меомӯзонад, балки беҳтарин амалу рафтор ва адабу хислатҳои ҳамидаро дар зеҳну шуури ӯ тарбия мекунад.

Аз ин лиҳоз, аксари мутафаккирони барҷастаи гузаштаву муосири олам, аз ҷумла адибони мо хислатҳои ҳамида, бузургӣ ва қудрати азалии модарро ситоиш карда, дар назди мақому мартаба ва нақши беназири ӯ дар зиндагӣ сари таъзим фуруд овардаанд.

Бузургии зан-модар, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки ӯ посдори забон ва таъриху фарҳанги миллӣ мебошад.

Ин масъулияти бузург модарону бонувони моро водор месозад, ки дар баробари нигоҳубини парасторӣ ва камолоти ҷисмонии фарзандон, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳисси баланди миллӣ тарбия намоянд.



Зеро нақши модар, махсусан, дар раванди таълиму тарбия, омӯхтани забон, таъриху фарҳанг ва умуман, камолоти маънавии фарзанд барҷаста мебошад.

Агар ободиву суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, пас ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифат ва тандурустии зан - модар вобаста аст.

Мо ифтихор мекунем, ки модари тоҷик дар тӯли тамоми таърих тарбиятгари фарзандони нобиғаву хирадманд, солеҳу поктинат, бофазлу соҳибмаърифат, ватандӯсту ватанпарвар ва ҳунарманду созанда будааст ва ин рисолати муқаддаси

> Зан-модар ба мисли баҳори пурнакҳату муаттар таҷассумгари фардои обод буда, бо нияту орзуҳои нек фарзанди худро ба камол мерасонад ва ӯро дар роҳи хизмат ба халқу Ватан ҳидоятгару насиҳатгар мебошад.

худро имрӯз низ бо иффату шараф идома мебахшад.

Имрӯз модари тоҷик баробари иҷрои рисолати аслии хеш, яъне тарбияи насли ояндасоз, инчунин, сиёсатмадору олим, омӯзгору табиб, ҳунарманду варзишгар, соҳибкори муваффақу коршинос буда, дар рушди ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, яъне барои ободии кишвар саҳми басо арзишманд дорад.

Модарони арҷманди мо дар ҳифзу нигоҳдошти расму ойинҳои миллӣ ва суннату анъанаҳои ниёгон нақши муҳим доранд.

Ин аст, ки дар ҳамаи суханрониҳои худ ман ба нерӯи занону модарон ва ҷавондухтарон такя карда, онҳоро борҳо «нигини пурҷилои тоҷи миллат» гуфтаам.

Дар сатҳи давлатӣ ҷашн гирифтани Рӯзи модар нишонаи эътибору эҳтироми зиёди давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба модарону занон ва гувоҳи равшани дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба мақому манзалати хосса соҳиб гаштани онҳо мебошад.

Дар баробари ин, масъалаву мушкилоти вобаста ба ҳаёту фаъолияти бонувон низ вуҷуд доранд, ки Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ҳалли онҳо чораҷӯӣ карда истодааст.



Бовар дорам, ки модарону бонувони хирадманди мо бо қалби ҳассоси худ набзи ҷомеаи имрӯзаро хуб дарк менамоянд ва бо истифода аз рисолати пурмасъули хеш барои таҳкими сулҳу субот, тарбияи фарзандони худогоҳу хештаншинос ва ватандӯсту ватанпараст, инчунин, риояи муқаррароти қонунҳои миллиамон – “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” саҳми арзандаи худро мегузоранд.

**МОДАРОНУ БОНУВОНИ МУҲТАРАМ!**
**ФАРЗАНДОНИ АЗИЗ!**

Густариш додани соҳибкории хурду миёна барои бонувон яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат оид ба дастгирии занону духтарон мебошад.

Барои амалӣ сохтани ин ҳадаф ва дастгирии занону модарони соҳибкор грантҳои президентӣ ва дигар имтиёзҳои зарурӣ ба роҳ монда шудаанд, ки бонувони мо бо истифода аз чунин ғамхориҳои давлату Ҳукумат ба соҳибкорӣ машғул гардида, дар ин самт ба пешрафту дастовардҳои назаррас ноил шуда истодаанд.

Мо соли 2018-ро “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намудем.

Ҳадафи асосии ин иқдом эҳё намудан ва густариш додани ҳунарҳои аҷдодӣ, ташаккули фарҳанги хонавода, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва таъмини ҷойҳои кории нав, алалхусус, барои бонувону ҷавондухтарон мебошад.

Мо хуб медонем, ки нигоҳдоранда ва тараққидиҳандаи ҳунарҳои милливу мардумӣ маҳз модарону занону бонувони соҳибмаърифатамон мебошанд.

Итминони комил дорам, ки модарону хоҳарони азизи мо минбаъд низ дар амалӣ гардидани нияту ҳадафҳои пешбиникардаи давлату Ҳукумати мамлакат ва тарбияи фарзандони солеҳу соҳибмаърифат, ободии Ватан ва пешрафти давлат саҳми худро мегузоранд.

Бори дигар тамоми занону модарон ва хоҳарону бонувони арҷманди кишварро ба ифтихори ҷашни пуршукӯҳи Рӯзи модар самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тансиҳатӣ, хушбахтиву саодатмандӣ ва рӯзгори хушу осуда орзумандам.

**Ҷашн муборак бошад, модарону хоҳарон ва бонувони азиз!**

### МУЛОҚОТ БО РАИСИ БОНКИ РУШДИ АВРОСИЁ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода 29 январи соли ҷорӣ бо ҳайати намояндагии Бонки рушди АврОсиё таҳти роҳбарии Раиси Раёсати бонки мазкур ҷаноби Андрей Белянинов мулоқот баргузор намуд.

Дар робита ба ин, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон қайд намуд, ки пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои зикршуда пурра ҳамаҷониба омӯхта шуда, вобаста ба имкониятҳои мавҷуда дар самти ба сатҳи нав гузаронидани ҳамкориҳо ва дастгирии низоми бонкии кишвар таклифҳо манзур карда мешаванд.





Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои ҷоннок намудани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд дар самти рушди иқтисод ва низоми бонкиро баррасӣ карданд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода Андрей Беляниновро барои ба вазифаи Раиси Раёсати Бонки рушди АврОсиё таъйин шуданаш табрик гуфта, ҷиҳати рушд додани муносибатҳои дуҷониба дар сатҳи нави ҳамкорӣ даъват кард. Номбурда зимни мулоқот бо ҳайати Бонки рушди АврОсиё изҳор дошт, ки марҳилаи солимгардонии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Андрей Белянинов, раиси Раёсати Бонки рушди АврОсиё таваҷҷуҳи аҳли нишастро ба мусоидат намудан дар самти қарздиҳӣ ва бахши хусусӣ, имкониятҳои кушодани суратҳисобҳои Бонки рушди АврОсиё дар Бонки миллии Тоҷикистон, гузаронидани амалиётҳои СВОП ва дигар масъалаҳои низоми бонкӣ ҷалб намуд.

Дар мулоқот муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ, Директори намояндагии Бонки рушди АврОсиё дар Тоҷикистон Рашид Қодиров, сардори шуъбаи тадорукотбозрасии Бонки рушди АврОсиё Антон Мартинюк, сардори шуъбаи равобити байналмилалӣ ва ташрифоти Бонки рушди АврОсиё Михаил Панченко, намояндагони Вазорати молияи ҷумҳурӣ ва роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ширкат варзиданд.

### ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ БАТР

Дар вохӯрии муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо муовини директор оид ба институтҳои молиявӣ дар Осиёи Марказии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд Артур Погосян, ки 26 январи соли 2018 баргузор гардид, сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба ва дурнамои рушди он мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар рафти мулоқот Сироҷиддин Икромӣ оид ба нақши Намояндагии доимии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои қарздиҳӣ ба бахши хусусӣ, аз ҷумла тавассути ҷалби сармоягузорони институтсионалии нави хориҷӣ, ки ба сохтори сармояи бонк нигаронида шудааст, изҳори қаноатмандӣ намуд.

Муовини директор оид ба институтҳои молиявӣ дар Осиёи Марказии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд Артур Погосян иброз намуд, ки барои дар сатҳи сифатан нави ҳамкории судманд ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷонибаи судманд мусоидат хоҳад кард.

Дар вохӯрӣ роҳбари Намояндагии доимии БАТР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Айтен Рустамова, сармутахассиси Департаменти институтҳои молиявии БАТР Бахтиёр Мансуров ва роҳбарони воҳидҳои сохтории БМТ иштирок намуданд.

### ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ: МУАММОҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШД

Бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) бо иштироки намояндагони ширкатҳои "Имкон консалтинг", "Legal Consulting Group" 27 феврали соли равон дар мавзӯи «Идоракунии корпоративӣ дар низоми молиявӣ-бонкии Тоҷикистон: муаммоҳо ва имкониятҳои рушд"конфронси амалӣ баргузор гардид, ки дар он раисони Раёсат ва роҳбарони Шӯрои нозирони бонкҳои кишвар ширкат варзиданд.

Зимни ифтитоҳи конфронс раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳор дошт, ки ҳадаф аз баргузории конфронси амалӣ баланд бардоштани фаъолияти самараноки Шӯрои нозирон дар бонкҳо ва ҳамкории зичи онҳо ва Раёсати бонкҳо дар фаъолияти ташкилотҳо буда, баргузории чорабинии мазкур метавонад дар идоракунии самарабахши корпоративии низоми бонкии кишвар мусоидат намояд.

Оид ба вазъи кунунии идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкии ҷумҳурӣ, самтҳои мукаммалгардонӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба идоракунии корпоративӣ муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ суханронӣ намуда, зикр кард, ки "Бонки миллии Тоҷикистон дар самти тақвияти институтсионалии қоидаву меъёрҳои идоракунии корпоративӣ ва такмили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ҳамкории зичро бо ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ мондааст. Дар оянда наздик ба қонунгузориҳои бонкӣ, аз ҷумла, дар бахши зиёд намудани



ухдадориҳо ва масъулияти тамоми мақомоти идоракунӣ, низоми назорати дохилӣ ва аудит як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд".

Дар бахши ифтитоҳи конфронс инчунин Манижа Мамаднабиева, роҳбари лоиҳаи IFC дар Тоҷикистон, Денис Хил, менеҷери барномаҳои DFID дар Осиёи Марказӣ, Сергей Трипутен, менеҷери барномаҳои IFC оид ба идоракунии корпоративӣ дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ баромад намуданд.

Дар конфронс масъалаҳои зарурати идоракуниии корпоративӣ барои самаранокии фаъолият, аҳамияти Шӯрои нозирон дар фаъолияти бонкҳо, нақши директорони мустақил дар фаъолияти самаранокии Шӯрои нозирон, аҳамияти Кумитаи Шӯрои нозирон, вазифа ва мавқеи котиби корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ баррасӣ шуданд.

### ▲ ҲАДДИ АҚАЛЛИ САРМОЯИ ОИННОМАВӢ БАРОИ БОНКҲОИ НАВТАЪСИС 50 МИЛЛИОН СОМОНӢ МУҚАРРАР КАРДА ШУД

**Тадбирҳо бахри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат**

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 22 декабри соли 2017 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид, дар баробари дигар вазорату мақомотҳои дахлдор дар назди Бонки миллии Тоҷикистон як қатор вазифаҳо гузошта шуд.

Бо мақсади иҷрои саривақтии масъалаҳои дар назди Бонки миллии Тоҷикистон гузошташуда, Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатӣ аз 4 январи соли 2018 (№1) ҷиҳати таъмини рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ, инчунин, ҷалби бештари сармоя ба низоми бонкӣ ба Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ" (банди 9) тағйирот ворид намуда, ҳадди ақалли сармояи оиннномавиро барои бонкҳои навтаъсис 50 миллион сомонӣ муқаррар намуд.

Санади мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №550 "ж" аз 5 январи соли 2018 ба қайд гирифта шуда, дар нашрияи расмӣ чоп шуд ва тибқи муқаррароти қонунгузорӣ мавриди амал қарор мегирад.

### ▲ ҶАЛАСАИ ГУРӮҲИ КОРӢ ОИД БА ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо иштироки намояндагони Бонки милии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдори кишвар 16 феврали соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он иштирокдорони ҷаласа масоили марбут ба ҷорӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо кортҳои пардохтиро баррасӣ намуданд.

Машварати гурӯҳи кориро муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ифтитоҳ намуда, ба зарурати рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тибқи супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаи ҷамъбастии



Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардиданд, таъкид намуд.

Сипас, Шуҳрат Салоҳидинов, сардори Идораи низоми пардохти Бонки милии Тоҷикистон дар бораи вазъи феълии бозори кортҳои пардохтӣ дар кишвар ва рафти иҷрои қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ таҳти №815 "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ", фаъолияти ҳайати муштараки корӣ маълумот дода, зарурияти роҳандозӣ намудани муомилоти ғайринақдӣ ҳамчун омили асосии шаффофияти ҷараёнҳои молиявӣ дар низоми молиявии кишварро махсусан қайд намуд.

Дар ҷаласа намояндагони вазорату идораҳои дахлдор вазифадор шуданд, ки барои ҷорӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муассисаю коргоҳҳои соҳаи зери назарашон мусоидат намоянд. Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова аз намояндагони вазорату идораҳои дахлдор даъват ба амал овард, ки оид ба зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ андешаҳои худро дар муддати наздиктарин пешниҳод кунанд.

Ҳамчунин, дар нимаи дуюми ҳамин рӯз, дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи кории муштарак бо иштироки Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андоз ва ташкилотҳои қарзӣ оид ба татбиқи воситаҳои пардохтҳои электронӣ ва ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ баргузор гардид. Дар ин ҷаласа низ масоили зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ баррасӣ шуд. Намояндаи Кумитаи андоз Х. Бобоев мавқеи кумитаи мазкурро оид ба ҳамоҳангсозии электронӣ бо соҳаи бонкӣ ба ҳозирин шарҳ дод. Намояндагони ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати роҳандозӣ намудани ҳамкорӣ дар самти пешниҳод намудани хизматрасониҳои эквайрингӣ ба Кумитаи андоз омодагии худро изҳор намуданд.

### ИҶОЗАТНОМА БА ҶДММ “СУҒУРТАИ АСРИ 21”



Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ аз 16 феврали соли 2018 тибқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, инчунин боби 54 Низомнома “Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Суғуртаи асри 21” барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ иҷозатнома дод.

Мутобиқи ҳуҷҷати мазкур ба ҶДММ “Суғуртаи асри 21” барои анҷом додани намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ, аз ҷумла, суғуртаи ихтиёрии ҳолатҳои нохуш ва беморӣ, суғуртаи ихтиёрии молу амвол ва суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон иҷозат дода мешавад.

Ба Идораи назорати суғуртавӣ дастур дода шуд, ки сабти дахлдорро ба Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта ворид намояд.

### БОЗХОНДИ ИҶОЗАТНОМАИ ТАШКИЛОТ ВА ФОНДИ ҚАРЗӢ

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2018, тахти №12 мутобиқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва моддаҳои 8, 9 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” фаъолияти ҶСП ТАҚХ “Боварӣ ва ҳамкорӣ” қатъ карда шуд.

Иҷозатномаи ҶСП ТАҚХ “Боварӣ ва ҳамкорӣ”, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2014, №74 дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шуд.

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ аз 29 январи соли 2018 дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» фаъолияти ФҚХ “Сомит”-ро бо дархости фонди мазкур оид ба барҳамдиҳии ихтиёрӣ қатъ намуд.

Мутобиқи қарори мазкур иҷозатномаи Фонди қарзии хурди “Сомит”, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ дода шудааст, бозхонд гардид.

Дар робита ба ин, мақомоти ваколатдори фонди қарзии мазкур вазифадор карда шуд, ки барои анҷом додани расмиёти барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва ҳисоббаробаркунӣ бо қарздеҳони ташкилотҳои қарзӣ комиссияи барҳамдиҳиро таъсис дода, ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботи тавозунӣ ва дигар маълумоти заруриро пешниҳод намояд.

### ИҶОЗАТНОМАҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ ТАМДИД ШУДАНД

Иҷозатномаҳои корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷиксуғурта” ва ҶДММ ташкилоти суғуртавии “Эсхата - Суғурта” бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2017 тахти №166-167 дар асоси моддаҳои 6, 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ва моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ба мӯҳлати 5 сол тамдид карда шуданд.

Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон барои ворид намудани сабтҳои дахлдор дар Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта вазифадор карда шуд.

### СЕМИНАРИ МАШВАРАТӢ ОИД БА РАВАНДИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ VOLIP

Семинари машваратӣ дар бораи рафти корҳо ҷиҳати маблағгузории хурд мувофиқи принсипҳои маблағгузории хурди исломӣ 21 феврали соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки муовини Раиси БМТ Сироҷиддин Икромӣ, ҳамоҳангсози Барномаи VOLIP (Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон) Исроил Исмоилов, намояндагони ташкилотҳои қарзӣ ва Вазорати маорифи кишвар доир гардид.




Зимни ифтитоҳи кори семинар муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ изҳор дошт, ки ҳадаф аз роҳандозии Барномаи VOLIP паст намудани сатҳи камбизоатӣ тавассути баланд бардоштани маърифати молиявии ҷавонон, ҷалб намудани занҳои беихтисос ба касбу ҳунарҳо, дастгирии молиявӣ ва таъмин намудани онҳо бо ҷойи кор ва даромад мебошад.

Дар ҷорабинии мазкур ба иштирокдорон дар бораи раванди татбиқи маблағгузории хурди исломӣ тибқи Созишнома оид ба маблағгузорӣ дар доираи “Барномаи саводнокии касбӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон” маълумот дода шуд. Таъкид гардид, ки барои тезонидани раванди қарздиҳӣ, зиёд намудани гурӯҳҳои иловагии мақсадноки қарзгир дар доираи Барномаи VOLIP бо назардошти “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардидани соли 2018, баланд бардоштани масъулияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳавасманд намудан ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо қарзгирон ҷораву тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Ҳамоҳангсози Барномаи VOLIP Исроил Исмоилов дар семинар нақшаи чорабиниҳоро барои соли 2018 ҷиҳати татбиқи бомуваффақияти барномаи мазкур ба иштирокдорон муаррифӣ намуд.

Барномаи VOLIP дар 11 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ - Душанбе, Ҳисор, Норак, Сарбанд, Шаҳринав, Файзобод, Нуробод, Хуросон, Муъминобод, Ҳамадонӣ ва Зафаробод тавассути ташкилотҳои қарзии БДА “Амонатбонк”, ҶСК “Бонки Эсхата”, ҶСП “Спитамен Бонк”, ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”, ҶСК ”Коммерсбонки Тоҷикистон”, ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл”, ҶСП ТАҚХ “Ҳумо”, ҶДММ ТАҚХ “Арванд” амалӣ шуда истодааст.

### ТАЪМИНИ ҲИФЗИ ИТТИЛООТ



## ДАР НИЗОМҲОИ ИТТИЛООТӢ

Ҷаласаи корие, ки 26 феврали соли ҷорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон бо намояндагони КВД “Маркази ҳифзи техникии иттилоот, сертификатсия ва экспертиза” ва кормандони масъули ташкилотҳои қарзӣ баргузор гардид ба масъалаҳои ҳифзи иттилооту сертификатсиякунонии таҷҳизоти техникӣ ва таъминоти барномавӣ бахшида шуд.

Дар ҷараёни суханронии худ дар оғози ҷаласа муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода изҳор намуд, ки ҳадаф аз баргузории чорабинии мазкур – баррасии масъалаҳо оид ба таъмини ҳифзи иттилоот дар низомҳои иттилоотӣ, хусусан хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили “Интернет банкинг” ва “Мобайл банкинг”, мутобиқшавӣ ба талаботҳо ва стандартҳои миллӣ, риоя ва иҷро намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи имзои электронии рақамӣ” ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулшуда мебошад. Дар баробари ин, пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва ҳифзи иттилооти хусусияти сирри бонкидошта, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

Иштирокдорони ҷаласа ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба истифодаи имзои электронии рақамӣ, сертификатсияи он, сертификатсияи таҷҳизот, ҳаққи хизматрасонӣ барои гузаштани сертификатсия, дастрас намудани рӯйхати маълумотҳое, ки бояд ҳифз шаванд, номгӯи таҷҳизоти техникӣ ва таъминоти барномавие, ки бояд аз сертификатсия гузаронида шаванд, муҳокима намуданд. Намояндагони КВД “Маркази ҳифзи техникии иттилоот, сертификатсия ва экспертиза”ба саволҳои ҳозирин посуххои мушаххас доданд.

Муовини Раиси БМТ Ҳамидулло Машрабзода таъкид намуд, ки омӯзиши масъалаҳои ҷаласа ва риояи тартибу талаботҳои зикргардида аз ҷониби иштирокдорон метавонад дар самти ҳифзи иттилоот ва пешгирии берунрафти он дар ташкилотҳои қарзӣ мусоидат намояд.

## ТАЪСИСИ ТАШКИЛОТИ НАВИ ҚАРЗӢ БО ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ

Мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва моддаҳои 14 ва 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2018 ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ардо-капитал” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Мутобиқи иҷозатномаи мазкур ЧСП ТАҚХ “Ардо-капитал” метавонад амалиётҳои бонкӣ, аз қабили ҷалби амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, додани қарзи хурд, кушодани пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ, интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён, додани кафолат, қарордодҳои форвардӣ ва СВОП барои худ, амалиёти кассавӣ, амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва мубодилавӣ, бароriши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳоро анҷом диҳад.



Қайд кардан бамаврид аст, ки ЧСП ТАҚХ “Ардо-капитал” дар партави иҷрои дастуру супоришҳо аз Паёми навбатии Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар якҷоягӣ бо соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

## «СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ» ДАР БМТ

Бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки васеи кормандони бонк ҷаласа баргузор гардид. Дар он оид ба аҳамияти эълон намудани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба иқтисодиёти кишвар суханронӣ сурат гирифт. Зикр шуд, ки эълон гардидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба эҳё ва рушди ҳунарҳои миллие, чун дӯхтани чакан, бофтани атласу адрас, сабадбофию кулолгарӣ, табақтарошию кордсозӣ ва даҳҳо намудҳои ҳунарҳо мусоидат мекунад.

Аҳли нишаст таъсиси низходи алоҳидаи соҳавӣ, фароҳам овардани имтиёзҳои андозию гумрукӣ

барои беҳтар намудани инфрасохтори сайёҳӣ ва сода гардонидани низоми раводиди туристӣ ва додани имтиёзҳо барои соҳибкороне, ки ба ҳунарҳои мардумӣ машғуланд, тадбирҳои муҳими ҳукумати ҷумҳурӣ барои рушди соҳаҳои сайёҳиву эҳёи ҳунарҳои мардумӣ арзёбӣ карданд.

Ҳамчунин таъкид шуд, ки дар ин замина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҷудо намудани қарзҳои хурд барои дастгирии соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ зарур буда, рушди онҳоро такони ҷиддӣ мебахшад. Қайд шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» барои бештар ҷудо шудани қарзҳо ба соҳаҳои мазкур мусоидат менамояд.

## ▲ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН МЕЪЁРИ БОЗТАМВИЛРО ТО САТҲИ 14,75 ФОИЗИ СОЛОНА ПАСТ НАМУД

23 январи соли равон Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон меъёри бозтамвилро ба андозаи 1,25 банди фоизӣ паст фароварда, дар сатҳи 14,75 фоизи солона муқаррар намуд. Иқдоми мазкур вобаста ба нисбатан коҳиш ёфтани хавфҳои таваррумӣ ва наздик гардидани сатҳи таваррум ба нишондиҳандаи мақсаднок барои давраи миёнамуҳлат -7,0 фоизи солона(+/-2%) қабул гардид.

Тавре аз маълумоти оморӣ бармеояд, сатҳи таваррум дар ҷамъбасти соли 2017 ба 6,7 фоиз баробар шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 0,6 фоиз тағйир ёфт. Тибқи ҳисобҳо саҳми маҳсулоти хӯроквори дар таваррууми солона 4,3 банди фоизӣ, маҳсулоти ғайрихӯроквории 1,2 банди фоизӣ ва хизматрасониҳо 1,2 банди фоизиро ташкил доданд. Омилҳои асосии таъсиррасон ба раванди тағйирёбии сатҳи нархҳо бо омилҳои кӯтоҳмуддати мавсимӣ ва пешниҳодот, бахусус дар натиҷаи болоравии нархи маҳсулоти сабзавот (картошка, сабзӣ, пиёз) дар нимсолаи аввал вобастагӣ дошт. Ҳамзамон, афзоиши ҳаҷми нишондиҳандаҳои пулӣ вобаста ба қарор оид ба сармоякунонии бонкҳои муаммодор то андозае фишорҳои қурбӣ ва таваррумиро дар нимаи аввали соли 2017 ба вуҷуд оварда буд.

Бо андешидани чораҳои қатъии сиёсати монетарӣ муяссар гардид, ки фишорҳои монетарӣ нисбатан дар давоми сол коҳиш ёбанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи таваррууми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, дар соли 2017 ба 1,6 фоизи солона баробар шуд, ки ин аз маҳдуд гардидани таъсири омилҳои монетарӣ шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ, ба сатҳи таваррум омилҳои ғайримонетарӣ, аз лиҳози мавсимӣ ва равандҳои кӯтоҳмуддат таъсир расонида, нишондиҳандаи мазкур дар доираи дурнамои нишондиҳандаи мақсаднок пасттар ҷамъбаст ёфт.

Интизор меравад, ки дар ибтидои сол ба таври муқаррарӣ эҳтимоли ба миён омадани тағйирёбиҳои кӯтоҳмуддат вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ мавҷуд буда, дар давраи миёнамуҳлат бошад, тибқи дурнамо сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаи мақсаднок (7,0% + 2 б.ф.) боқӣ хоҳад монд.

Инчунин, дар баробари баланд гардидани нархи нафт дар бозори ашёи хоми ҷаҳонӣ, устувор гардидани қурби рубли русӣ ва



нисбатан муътадилгардии талаботи ташкилотҳои қарзӣ ба асъори хориҷӣ аз ҳисоби қонеъ гардонидани барзиёдии он аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, эҳтимолияти афзоиши вуруди интиқолҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ дар аввали соли равон ва то андозае коҳишёбии омилҳои берунӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла хавфҳои қурбию таваррумӣ мавҷуд аст.

Дар давраи миёнамуҳлат эҳтимолияти хавфҳо бо тадриҷан афзоиш ёфтани сатҳи талабот дар бахши истеъмолию хароҷоти инвеститсионӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, болоравии нархҳои маъмурӣ, ноустувории молиявӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва хавфи зиёд шудани интизориҳои таваррумӣ метавонанд таъсири худро ба сатҳи нархҳо расонанд.

Бо дарназардошти нисбатан пастравии интизории сатҳи таваррум, коҳиш ёфтани таъсири омилҳои берунӣ ва тадриҷан ба эътидол омадани вазъи макроиқтисодӣ, Бонки миллии Тоҷикистон меъёри бозтамвилро то сатҳи 14,75 фоизи солона поён бурд.

Қобили зикр аст, ки меъёри фоизи бозтамвил маҳз барои таъсирбахш намудани фишангҳои фоизии амалиётҳои монетарӣ, идоракунии босамари сатҳи пардохтпазирӣ ва татбиқи сиёсати пайгиронаи монетарӣ баҳри нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳо истифода мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи ҷории макроиқтисодӣ ва сатҳи талабот, пайваста таъсири омилҳои берунӣ ва дурнамои сатҳи таваррумро мавриди таҳлилу мониторинг қарор дода, вобаста ба он, фишангҳои амалиётии сиёсати пулию қарзиро дар ҷаласаҳои минбаъдаи Кумита баррасӣ хоҳад намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома медиҳад.

Ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи нақшаи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардида, дар ҳолати зарурӣ қарори навбатӣ фавран дида баромада шуда, оид ба тағйиротҳо дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон хабар нашр хоҳад гардид.

**Маводи ин бахшро хабарнигорони шуъбаи матбуоти БМТ ва маҷаллаи "БТҶ" таҳия карданд**

# Бонувони волейболбози БМТ соҳиби медалҳои бириншӣ гардиданд





Дар арафаи ҷашни Рӯзи модар, 6 марти соли равон мусобиқаи волейбол байни бонувони вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои шаҳри Душанбе барои дарёфти Ҷоми "Раиси шаҳри Душанбе" анҷом ёфт.

Чорабинии мазкур бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аз 6 январ то 6 марти соли равон идома дошта, дастаи бонувони Бонки миллии Тоҷикистон баъди рақобатҳои ҷолибу шавқовар миёни 26 дастаи бонувони волейболбоз соҳиби ҷои сеюми мусобиқа гардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки шарафи Бонки миллии Тоҷикистонро дар сабқати мазкур бонувони зерини бонк: Нигина Қурбоналиева, Мавҷуда Ҳасанова, Саодат Ибрагимова, Ҳомия Туфонова, Ибодат Холмуродова, Дилшода Нигмонова, Шаҳноза Саидшарипова, Фарзона Нуруллоева, Нигора Икромова, Махфират Нурова ва Ҷамнура Давлатова ҳимоя намуданд.

Дар қисмати ҷамъбастии чорабинӣ муовини Раиси шаҳри Душанбе Муинзода Мавсума Муинӣ қайд намуд, ки ҳадаф аз ташкили мусобиқаи зикршуда ҷалб намудани таваҷҷӯҳи бонувон ба намудҳои гуногуни варзиш ва таблиғи ҳаёти солим буда, баргузории он дар таҳкими дӯстиву рафоқат миёни кормандони вазорату идораҳо мусоидат хоҳад намуд.

Сипас, ғолибони мусобиқа аз ҷониби намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медалу диплом ва тӯҳфаҳои моливу пулӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# БОВАРИИ АҲОЛӢ – МАРОМИ НИЗОМИ БОНКӢ



**Ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2017 ва вазифаҳо барои соли 2018 аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки 10 январи соли равон дар ҷаласаи васеъи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва хориҷӣ, шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва бюроҳои таърихи қарз мавриди муҳокимаи ҳамаҷонибаи иштирокдорон қарор гирифт.**

Нахуст Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода диққати аҳли нишастро ба нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои низоми бонкӣ ва вазифаҳои дар пеш гузошташуда бахшида шудаанд, ҷалб намуд.

Аз ҷумла, мавсуф иброз намуд, ки низоми бонкии кишварро зарур аст, барои иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат "дар самти гузаронидани ислоҳоти зарурии пуливу қарзӣ, муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ, сатҳи нархҳо, фаъолияти бонкҳо, назорати риояи қонунгузории бонкӣ ва такмили он, паст кардани дараҷаи хавфҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои идораи корпоративӣ" чораҳои мушаххас андешад.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни суханронии хеш қайд намуд, ки бо вуҷуди он ки низоми бонкӣ дар давраи ҳисоботӣ таҳти таъсири омилҳои берунаи ба идомаёбии буҳронҳои сиёсию молиявӣ дар ҷаҳон алоқаманд фаъолият намуд,






ба вазъи мураккаби сиёсӣ дар ҷаҳон ва тағйирёбии нархи молу ашёи асосии содиротӣ, соли 2017 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар ҷумҳурӣ то андозае мусбат арзёбӣ гардиданд.

Аз ҷумла, сатҳи таваррум дар моҳи декабри соли гузашта 0,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 бетағйир мебошад. Дар соли 2017 сатҳи таваррум 6,7 фоизро ташкил дода, он асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯроквор 7,5 фоиз, маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 4,4 фоиз ва хизматрасониҳо 7,7 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

> “Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзӣ ва асъории пайгирона ва шаффофро ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои афзалиятноки худ татбиқ намуда, истифодаи фишангҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвилро барои танзими ҳаҷми пулҳои захиравӣ ва бартараф намудани фишорҳои қурбию таваррумӣ ба роҳ монда, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва боварию эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ислоҳоти сохторӣ, солимгардонӣ ва мониторинги доимии фаъолияти низоми бонкиро идома медиҳад”.

Қобили зикр аст, ки сатҳи таваррум аз нишондиҳандаи мақсадноки муқарраршуда, ки тибқи дурнамо дар соли 2017 то 7,0 фоизи солона пешбинӣ гардида буд, 0,3 банди фоизӣ пасттар мебошад, изҳор намуд ӯ.

Таъкид карда шуд, ки дар соли 2017 Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати қурбии речаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб”- ро амалӣ намуд. Қурби пули миллӣ дар асоси таносуби талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ



дар бозори дохилӣ муқаррар гардида, хусусиятҳои мавсимӣ дорад ва ҳамасола дар аввали сол талабот ба хариди он зиёд ва пешниҳоди фурӯши он кам мешавад.

Таъкид гардид, ки дар натиҷаи татбиқи чораҳои солимгардонӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла нисбат ба бонкҳои мушкиладор ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (қарзҳое, ки зиёда аз 30 рӯз ба таъхир афтодаанд) тамоюли камшавӣ дошта, тибқи маълумотҳо ба санаи 31 декабри соли гузашта 35,8 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2016  11 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Бақияи умумии пасандозҳо бошад, 9,3 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 37,4 млн. сомонӣ зиёд шуд. Ҳамзамон, қайд кардан лозим аст, ки пасандозҳо бидуни ду бонки муаммодор нисбат ба соли гузашта 1,8 млрд. сомонӣ ё 31,2 фоиз зиёд шудааст, ки ин дар навбати худ аз афзоиши боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи вазифаҳои дар назди кормандони бонк гузошташуда чунин гуфт: “Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзӣ ва асъории пайгирона ва шаффофро ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои афзалиятноки худ татбиқ намуда, истифодаи фишангҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвилро барои танзими ҳаҷми пулҳои захиравӣ ва бартараф намудани фишорҳои қурбию таваррумӣ ба роҳ монда, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва боварию эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ислоҳоти сохторӣ, солимгардонӣ ва мониторинги доимии фаъолияти низоми бонкиро идома медиҳад”.

Дар идомаи ҷаласа муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо таҳлили амиқ ва муаррифии муфассал аз рӯи масъалаи асосии рӯзномаи маҷлис таҳти унвони “Ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2017 ва вазифаҳо барои соли 2018”, оид ба мавқеи низоми бонкӣ дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, чораҳои андешидашуда, нақшаҳои минбаъда ва вазифаҳо барои соли 2018 дар назди ҳозирин суханронӣ намуд.

Қисмати зиёди муаррифии васеъи омоданамуда ба масъалаҳои муҳими фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар соли қаблӣ, натиҷаҳои татбиқи сиёсати асъорӣ дар соли 2017, сохтори низоми бонкӣ, нишондиҳандаҳои маҷмӯии тавозунии ташкилотҳои қарзӣ, сохтори дороиҳо ва ӯҳдадориҳо дар низоми бонкӣ, сохтори сармояи низоми бонкӣ, саҳми низоми бонкӣ дар иқтисодиёт, тақсимоти дороиҳои низоми бонкӣ аз рӯи даромаднокӣ, ғайридолларикунонии низоми бонкӣ, сифати сандуқи қарзӣ, нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтӣ, дороиҳо ва ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бахшида шуда буд.

Илова бар ин, Сироҷиддин Икромӣ баъди таҳлили амиқи масъалаҳои мавҷуда ва нишон додани камбудиҳои ҷойдошта диққати роҳбарони ташкилотҳои қарзиро ба андешидани чораҳои воқеӣ барои ҷалби бештари сармояи арзон ва дарозмуҳлат, тоза кардани тавозун аз дороиҳои ғайрифаъол ва дигар дороиҳои ба фаъолия-

ти бонкӣ тааллуқнадошта, аз ҷумла гаравҳои гирифташуда, баланд бардоштани фарҳанги қарздиҳӣ, такмил ва таҷдиди сиёсати қарзӣ, такмили идоракунии корпоративӣ, тахассуси кормандон, ҷобаҷогузории дурусти онҳо, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, васеъ намудани доираи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини соҳибкорон бо терминалҳо, зиёд кардани қарздиҳӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла истеҳсолоти хонагӣ ва истифодаи тамоми имкониятҳои гуногун барои баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ҷалб намуд.

Дар робита ба масъалаҳои баррасишаванда сардори Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Ҳалимзод суханронӣ намуда, таъкид кард, ки Бонки миллии Тоҷикистонро зарур аст, барои вусъат додани кори низоми пардохтҳои ғайринақдӣ беҳтар кардани фаъолияти бонкҳои муаммодор, баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол, паст намудани сатҳи долларизатсия, таъмини сиёсати макропруденсиалӣ, баланд кардани боварӣ ва эътимоди мардум ба бонкҳо, ба роҳ мондани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, инчунин дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат - Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардида буданд, тадбирҳои зарурӣ андешад.

Роҳбарони як қатор ташкилотҳои қарзӣ дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ҷаласа ба сухан баромада, пиромуни баъзе ҷанбаҳои фаъолияти хеш, роҳҳои беҳтар кардани кори бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд фикру андешаҳояшонро баён намуданд ва ҳамзамон изҳор доштанд, ки омодаанд дар ҳамбастагӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаллу фасли мушкилоти ба миёномада саҳмгузор бошанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар қисмати хотимавии ҷаласаи васеъ фаъолияти низоми бонкии кишварро дар соли 2017 ҷамъбаст намуда, бо истифода аз дастуру супоришҳои дар Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда, дар назди роҳбарони ташкилотҳои қарзии кишвар вазифаҳои навро баён намуд. Таъкид карда шуд, ки дар соли 2018 барои ҷалби ҳарчи бештари сармояи арзон ва дарозмуҳлат, баланд бардоштани фарҳанги қарздиҳӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, такмил ва таҷдиди сиёсати қарзӣ, такмили идоракунии корпоративӣ, тахассуси кормандон ва ҷобаҷогузории дурусти онҳо, бозомӯзии кормандон дар хориҷи кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, васеъ намудани доираи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини соҳибкорон бо терминалҳо, зиёд кардани пешниҳоди қарзӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла истеҳсолоти хонагӣ, истифодаи ҳамаи имкониятҳои гуногун барои баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ чораҳои амалӣ андешида шаванд.

Ҳамчунин ба бонкҳои хориҷӣ, ки дар низоми бонкии кишвар бо бонкҳои ватанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, дастур дода шуд, барои ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон саҳми назаррас гузоранд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо боварӣ изҳор намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон чун таҷрибаи мусбати солҳои пешин дар якҷоягӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ барои босамар дар амал татбиқ намудани сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рушди низоми бонкӣ тадбирҳои пайваста хоҳад андешид. Номбурда қайд кард, ки умедворӣ аз он дорем, ки соли 2018 соли баланд гардидани боварӣ ва эътимоди мардум ба бонкҳо ва оғози раванди солимгардонӣ дар низоми бонкии кишвар хоҳад гашт.

**А. Ардамехр,**
**"БТҶ"**

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ОКТЯБР-ДЕКАБРИ СОЛИ **2017** **ДОРОИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| БДА ЧТ "АМОНАТБОНК" | 3 687 128 586 | 2 914 170 274 | 772 958 312 | 26,5% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 841 896 757 | 2 428 131 211 | 413 765 546 | 17,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 036 848 989 | 1 677 980 345 | 358 868 644 | 21,4% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 956 199 149 | 760 225 214 | 195 973 935 | 25,8% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 730 825 460 | 474 699 372 | 256 126 088 | 54,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 553 223 392 | 461 232 411 | 91 990 981 | 19,9% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 340 342 217 | 299 223 387 | 41 118 830 | 13,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 307 512 740 | 188 474 154 | 119 038 586 | 63,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 215 869 964 | 229 661 643 | -13 791 679 | -6,0% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 138 364 781 | 123 876 739 | 14 488 042 | 11,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 106 620 337 | 100 184 477 | 6 435 860 | 6,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 103 711 058 | 105 098 800 | -1 387 742 | -1,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 102 091 377 | 114 747 136 | -12 655 759 | -11,0% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 39 568 458 | 135 965 293 | -96 396 835 | -70,9% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ОКТЯБР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2017 ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 292 875 052 | 2 061 648 049 | 231 227 003 | 11,2% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 253 683 767 | 1 022 680 019 | 231 003 748 | 22,6% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 896 654 904 | 1 105 119 858 | -208 464 954 | -18,9% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 265 056 434 | 247 730 807 | 17 325 627 | 7,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 218 132 608 | 192 793 718 | 25 338 890 | 13,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 87 349 320 | 49 255 435 | 38 093 885 | 77,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 51 565 821 | 43 140 767 | 8 425 054 | 19,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 38 360 985 | 57 797 110 | -19 436 125 | -33,6% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 31 306 810 | 78 842 467 | -47 535 657 | -60,3% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 29 201 184 | 34 263 241 | -5 062 057 | -14,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 26 170 220 | 31 588 474 | -5 418 254 | -17,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 24 657 558 | 35 439 894 | -10 782 336 | -30,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 11 928 750 | 16 170 532 | -4 241 782 | -26,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 6 601 013 | 4 792 566 | 1 808 447 | 37,7% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ОКТЯБР-ДЕКАБРИ СОЛИ **2017** **УҲДАДОРИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 326 478 026 | 2 594 838 311 | 731 639 715 | 28,2% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 202 142 925 | 1 919 325 351 | 282 817 574 | 14,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 758 445 594 | 1 403 796 491 | 354 649 103 | 25,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 880 956 682 | 680 455 094 | 200 501 588 | 29,5% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 637 085 624 | 402 153 975 | 234 931 649 | 58,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 486 244 927 | 396 446 447 | 89 798 480 | 22,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 286 751 449 | 235 978 618 | 50 772 831 | 21,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 209 706 676 | 101 912 049 | 107 794 627 | 105,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 152 922 109 | 166 377 894 | -13 455 785 | -8,1% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 56 884 181 | 48 977 169 | 7 907 012 | 16,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 55 298 337 | 50 931 180 | 4 367 157 | 8,6% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 54 611 127 | 57 589 351 | -2 978 224 | -5,2% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 27 717 474 | 114 443 361 | -86 725 887 | -75,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 755 334 | 2 151 166 | -1 395 832 | -64,9% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ОКТЯБР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2017 ◙ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 2 892 395 955 | 2 218 090 551 | 674 305 404 | 30,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 078 421 727 | 801 650 913 | 276 770 814 | 34,5% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 053 945 060 | 991 609 040 | 62 336 020 | 6,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 610 614 989 | 426 966 245 | 183 648 744 | 43,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 498 676 575 | 306 730 893 | 191 945 682 | 62,6% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 429 860 612 | 324 753 291 | 105 107 321 | 32,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 168 885 125 | 97 496 303 | 71 388 822 | 73,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 42 766 607 | 20 334 103 | 22 432 504 | 110,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 41 072 967 | 45 890 561 | -4 817 594 | -10,5% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 39 425 987 | 34 596 308 | 4 829 679 | 14,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 29 161 319 | 27 463 536 | 1 697 783 | 6,2% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 9 019 405 | 23 571 285 | -14 551 880 | -61,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 3 292 025 | 2 843 109 | 448 916 | 15,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 425 768 | 230 536 | 195 232 | 84,7% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ОКТЯБР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2017 САРМОЯ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 639 753 832 | 508 805 860 | 130 947 972 | 25,7% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 360 650 560 | 319 331 963 | 41 318 597 | 12,9% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 278 403 395 | 274 183 854 | 4 219 541 | 1,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 102 955 724 | 102 947 634 | 8 090 | 0,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 97 806 064 | 86 562 105 | 11 243 959 | 13,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 93 739 836 | 72 545 397 | 21 194 439 | 29,2% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 81 480 600 | 74 899 570 | 6 581 030 | 8,8% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 75 242 467 | 79 770 120 | -4 527 653 | -5,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 66 978 465 | 64 785 964 | 2 192 501 | 3,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 62 947 855 | 63 283 749 | -335 894 | -0,5% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 53 590 768 | 63 244 769 | -9 654 001 | -15,3% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 51 322 000 | 49 253 297 | 2 068 703 | 4,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 47 480 250 | 57 157 785 | -9 677 535 | -16,9% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 11 850 984 | 21 521 932 | -9 670 948 | -44,9% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ОКТЯБР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2017 ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 49 494 349 | 42 731 594 | 6 762 755 | 15,8% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 31 818 597 | 2 809 134 | 29 009 463 | 1032,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 30 893 191 | 26 037 965 | 4 855 226 | 18,6% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 21 194 439 | 9 265 181 | 11 929 258 | 128,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 11 243 960 | 4 846 539 | 6 397 421 | 132,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 10 157 826 | 3 066 915 | 7 090 911 | 231,2% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 6 581 033 | 6 630 289 | -49 256 | -0,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 5 635 307 | -12 578 290 | 18 213 597 | 144,8% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 2 068 702 | -582 329 | 2 651 031 | 455,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 8 090 | 125 853 | -117 763 | -93,6% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -7 677 535 | -13 956 915 | 6 279 380 | 45,0% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | -8 980 826 | -28 320 116 | 19 339 290 | 68,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | -9 544 262 | 5 258 096 | -14 802 358 | -281,5% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | -78 488 871 | 8 780 267 | -87 269 138 | -993,9% |

# ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2018 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №937 «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат» 29 ноябри соли 2017 тасдиқ гардид.

## ■ МУҚАДДИМА

Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба мақсади таҳия ва татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ тарҳрезӣ гардида, мақсад ва самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии (монетарии) давлатро барои соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат муайян менамояд. Дурнамои мазкур ба иҷрои мақсади асосии тибқи қонун муқарраршудаи Бонки миллии Тоҷикистон - ноил шудан ва нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат равона мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2017 новобаста аз таъсири манфии фишорҳои қурбию тавваррумӣ, сиёсати пайгирона ва шаффофро бо истифода аз фишангҳои сиёсати монетарӣ амалӣ намуда, ҷиҳати танзими нишондиҳандаҳои пулӣ, ба эътидол овардани тағйирёбии қурби пули миллӣ, нигоҳдории қобилияти харидории пули миллӣ, афзун гардидани эътимоднокии он ва барқарор намудани фаъолияти солими низоми бонкӣ чораҳои мушаххас андешида, дар доираи ваколатҳои худ дар маҷмӯъ ба сатҳи муътадили тавваррум ноил гардид.

Дар соли 2017 нисбатан муътадил гардидани вазъи геосиёсӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ, нархҳои ҷаҳонии ашёи хом ва рушди иқтисоди ҷаҳон мушоҳида гардид. Дар ин раванд, суръати рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ то андозае тамоюли муътадил дошт ва дар нуҳ моҳи соли 2017 рушди воқеии он 6,8 фоизро ташкил дод. Аз тарафи дигар, афзоиши воридоти маблағҳои интиқолӣ дар ин давра бинобар сабаби беҳтар гардидани фазои иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони асосии савдо ба қайд гирифта шуд. Вале дар баробари ин, дараҷаи миёнаравии молиявӣ тамоили коҳишёбиро идома дод, ки бо афзудани хавфҳои муфлисшавӣ дар низоми бонкӣ ва вазъи носолими молиявӣ дар ташкилотҳои алоҳидаи қарзӣ алоқаманд буд.

Дар соли 2017 фишорҳои назаррас аз ҷониби омилҳои ғайримонетарӣ, пеш аз ҳама болоравии нархи сабзавот то андозае ба болоравии сатҳи тавваррум, бахусус дар нимсолаи аввали сол таъсир расонид. Аммо новобаста аз ин, таъсири омилҳои мазкур дар маҷмӯъ ҳамчун равандҳои муваққатӣ ва гузаранда арзёбӣ гардида, дар натиҷаи муътадилгардии нархҳои маҳсулоти хӯроквори (сабзавот), татбиқи сиёсати зиддитавваррумии монетарӣ ва таъмини вазъи боэътидоли қурби асъор сатҳи тавваррми солона дар моҳи сентябр ба 6,7 фоиз расид. Мутобиқи дурнамо, дар соли 2017 интизор меравад, ки тавваррум дар доираи нишондиҳандаи мақсаднок ва дар ҳудуди эътимоднокии 7,0 фоиз нигоҳ дошта шуда, дар соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат дар сатҳи нишондиҳандаи мақсаднок, яъне сатҳи барои рушди иқтисодиёт муътадили худ боқӣ мемонад.

Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2018 ва дав-

раи миёнамуҳлат бо дарназардошти таҳлилу мушоҳидаҳо ва арзёбии равандҳои ҷорӣ дар иқтисодиёти кишвар, таъсири омилҳои берунӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва хавфҳои эҳтимолӣ омода шуда, ба татбиқи рукнҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ҷиҳати нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо дар доираи нишондиҳандаҳои мақсаднок ва суботи низоми молиявӣ равона мегардад.

Таркиби ҳуҷҷати мазкур бахшҳои зеринро дар бар мегирад:

- шарҳи вазъи макроиқтисодӣ дар соли 2017;
- татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар соли 2017;
- самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат.

## 1. ШАРҲИ ВАЗЪИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР СОЛИ 2017

**Вазъи иқтисоди беруна.** Рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар соли 2017 новобаста аз номуайяниҳо ва хавфҳои сиёсӣ тамоюли барқароршавӣ дошт. Аз ҷумла, дар ин давра фишорҳои қурбӣ ва таваррумӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф то андозае муътадил гардида, дар ин замина ба эътидол омадани нархҳои молу ашёи хом дар биржаҳои ҷаҳонӣ, болоравии нархҳои ҷаҳонии сӯзишворӣ, вусъат ёфтани ҳаракати сармоя ва гардиши савдои ҷаҳонӣ ба назар расид.

Дар шароити тадриҷан зиёдшавии маҷмӯи талабот вобаста ба рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва аз тарафи дигар коҳишёбии пешниҳоди маводи сузишворӣ вобаста ба қарори кишварҳои истеҳсолкунандагони асосии нафт (ОПЕК), дар давраи ҳисоботӣ нархи маводи нафт ба ҳисоби миёна 53,0 долл. ИМА барои як баррелро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 ба андозаи 17,6 фоиз зиёд мебошад. Намояи нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ бошад, дар ин давра раванди муътадил дошта, вобаста ба афзоиши истеҳсоли гандум дар ҷаҳон (бахусус, дар Русия ва Иттиҳоди Аврупо) нархи он танҳо 1,0 фоиз баланд шуд.

Бо вуҷуди номуайяниҳои геосиёсӣ ва хавфҳои иқтисодӣ, сармоягузориҳо ба филизоти қиматбаҳо, бахусус тилло афзуда, болоравии нархи он барои як унсия ба ҳисоби миёна 1,0 фоизро ташкил дод. Нархи алюминий ба андозаи 31,7 фоиз ва пахта 3,5 фоиз зиёд гардид, ки ин фазои муносиби иқтисоди беруна барои беҳтар гардидани мавқеи содироти кишвар ва васеъ намудани иқтидори амалиётҳои содиротӣ шароит фароҳам овард.

Тибқи баҳодиҳӣ ва дурнамои коршиносони Хазинаи байналмилалии асъор суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар соли 2017 ба 3,5 фоиз мерасад, ки ин дар муқоиса ба соли қаблӣ 0,4 банди фоизӣ зиёд буда, барқарорёбии рушди иқтисодиро ҳам дар кишварҳои мутараққӣ ва ҳам рушдкунанда дар назар дорад.

**Вазъи макроиқтисодии кишвар.** Сарфи назар аз омилҳои манфии таъсиррасон дар соли 2017 рушди воқеии иқтисодиёт дар натиҷаи афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории давлатӣ нисбатан устувор буд. Ҳамзамон, вазъи нисбатан муътадили молиявию иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони асосии савдо ба коҳиш ёфтани фишорҳои берунӣ мусоидат намуд.

**Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД).** Дар давраи январ-сентябри соли 2017 тибқи маълумоти омори расмӣ рушди нисбатан устувори иқтисодӣ нигоҳ дошта шуд. Ҳаҷми ММД дар ин давра 42,4 млрд. сомонӣ ва рушди воқеии он 6,8 фоизро ташкил дод, ки ин нишондод дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2016 ба андозаи 0,1 банди фоизӣ зиёд аст. Дар ин давра рушди иқтисодиёт асосан аз ҳисоби афзоиши истеҳсолот дар соҳаҳои саноат (22,0 фоиз), кишоварзӣ (6,1 фоиз) ва савдои чакана (6,2 фоиз) ба вуқӯъ омад. Аз тарафи дигар фаъолнокии нисбатан сусти иқтисодӣ дар бахши сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ (сохтмон) ва хизматрасонӣ мушоҳида гардида, рушд дар ин соҳаҳо раванди нисбатан пасттар дошт (мувофиқан 4,3 фоиз ва 2,4 фоиз).

**Таваррум.** Мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи нишондиҳандаи муътадили якрақама нигоҳ доштани меъёри таваррум ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли ҳисоботӣ дар

тағйирёбии сатҳи нархҳо таъсири омилҳои ғайримонетарӣ асосӣ буда, ба он бештар омили пешниҳодот, коҳишёбии истеҳсол ва пешниҳоди ками маҳсулоти алоҳидаи хӯроквори ва омилҳои мавсимӣ таъсир расонид. Дар баробари ин, тағйирёбии қурби асъор дар аввали сол дар натиҷаи сармоякунонии бонкҳои муаммодор то андозае фишорҳои таваррумиро зиёд намуд.

Сатҳи таваррум дар моҳҳои январ - сентябри соли 2017 ба 5,6 фоиз баробар шуд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 0,6 банди фоизӣ зиёд мебошад. Нишондоди мазкур асосан бо таъсири назарраси омилҳои мавсимӣ ва пешниҳодот, бахусус дар натиҷаи болоравии нархи сабзавот дар нимсолаи аввал вобастагӣ дошт. Бо арзёбии солона бошад, сатҳи таваррум ба 6,7 фоиз (дар ҳамин давраи соли 2016 ба 6,4 фоиз баробар буд) расид. Тибқи ҳисобҳо саҳми маҳсулоти хӯроквори дар таварруми солона бартарӣ дошта, он 4,6 банди фоизӣ, маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 1,4 банди фоизӣ ва хизматрасониҳо 0,7 банди фоизиро ташкил намуд.

Бояд қайд намуд, ки таъсири омилҳои мазкур дар маҷмӯъ ҳамчун равандҳои кӯтоҳмуддат арзёбӣ гардида, интизор меравад, ки таваррум дар сатҳи ададӣ якрақама нигоҳ дошта шуда, тадриҷан дар давраи миёнамуҳлат ба сатҳи нишондиҳандаи мақсаднок 7,0 фоиз баробар мешавад.

**Гардиши савдои хориҷӣ.** Дар нуҳ моҳи соли 2017 вазъи берунӣ-иқтисодӣ тадриҷан беҳтар гардида, афзудани воридоти маблағҳои интиқолӣ ва коҳишёбии тавозуни манфии савдои берунӣ ба назар расид. Дар бахши тиҷорати берунии кишвар идомаи коҳишёбии касри тавозуни савдо, асосан аз ҳисоби камшавии ҳаҷми воридот, мушоҳида гардид. Дар давоми 9 моҳи соли 2017 ҳаҷми содирот ба 901,4 млн. долл. ИМА ва воридот 1967,2 млн. долл. ИМА расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 34,0 фоиз зиёд ва 11,5 фоиз кам мебошад. Касри тавозуни савдо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 31,2 фоиз коҳиш ёфта, 1065,8 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод (дар 9 моҳи соли 2016 – 1550,0 млн. долл. ИМА буд). Мушоҳидаҳои вазъи тавозуни савдо нишон медиҳанд, ки ба тасҳеҳи нишондиҳандаи иқтисоди беруна коҳишёбии талаботи дохилӣ, муътадилии нархи ҷаҳонии маҳсулоти алоҳидаи воридотӣ, инчунин раванди поёнравии қурби самараноки асъор замина гузошт.

**Қурби пули миллӣ.** Қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА аз аввали соли 2017 то санаи 30 сентябри соли ҷорӣ ба андозаи 11,7 фоиз коҳиш ёфт (дар ҳамин давраи соли 2016 – 10,8 фоиз коҳиш ёфта буд). Қурби фурӯши бозории доллари нақди ИМА дар ин давра ба андозаи 11,5 фоиз баланд шуд (дар ҳамин давраи соли 2016 – 6,0 фоиз афзоиш ёфт). Фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши бозории доллари нақди ИМА ба санаи 30 сентябри соли 2017 андозаи 0,3 фоизро ташкил дод.

**Пасандозҳо ва қарзҳо.** Вазъи бӯҳронии солҳои охир таъсири манфии худро ба иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла ба низоми бонкӣ низ расонид, ки дар натиҷа имкониятҳои қарзбаргардонии муштариён коста шуда, сатҳи қарзҳои барнагаштаи бонкҳо афзоиш ёфт. Ин ҳолат боиси афзудани мушкилиҳои молиявӣ ва пурра иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои ташкилотҳои алоҳидаи қарзӣ дар назди амонатгузорон гардид, ки дар навбати худ сабаби нисбатан кам шудани ҷалби пасандозҳо ва ҳаҷми пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби низоми бонкӣ ба иқтисодиёт арзёбӣ мегардад.

Ба ҳолати 30 сентябри соли 2017 бақияи умумии қарзҳои низоми бонкӣ нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 12,9 фоиз тамоюли поёнравӣ дошта, 9,2 млрд. сомониро ташкил дод. Ҳаҷми бақияи қарзҳо бо пули миллӣ 8,3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 15,6 фоиз кам шуда, ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумӣ мувофиқан 40 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 60 фоизро ташкил дод. Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда низ коҳиш ёфта, 4,8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 26,5 фоиз кам мебошад. Дар баробари ин, теъдоди қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ бо нишондиҳандаи мусбат ҷамъбаст ёфт. Дар ин давра

шумораи қарзҳои додашуда, ки қисми зиёди он аз қарзҳои хурд иборат мебошанд, ба 355,0 ҳаз. адад расида, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 6,9 фоиз афзуд. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 38,0 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ ва аз рӯи соҳаҳо бошад ба соҳаҳои савдои хориҷӣ 30,8 фоиз, саноат 20,2 фоиз, истеъмолот 19,7 фоиз, кишоварзӣ 10,3 фоиз, хизматрасонӣ 10,2 фоиз, сохтмон 4,6 фоиз, нақлиёт 1,9 фоиз, миёнаравии молиявӣ 0,9 фоиз ва дар дигар соҳаҳо 1,4 фоиз рост меояд.

**Бақияи умумии пасандозҳо** ба ҳолати 30 сентябри соли 2017 ҳаҷми 8,8 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 9,4 фоиз кам мебошад. Ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ 4,4 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 12,4 фоиз коҳиш ёфта, ҳиссаи онҳо дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо бо пули миллӣ 40,2 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 59,8 фоизро ташкил медиҳад. Ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар муқоиса ба ҳамин санаи соли гузашта мутаносибан 9,5 фоиз ва 9,2 фоиз кам шуда, ҳиссаи онҳо бошад, мувофиқан 55,9 ва 44,1 фоизи бақияи умумии пасандозҳоро ташкил доданд.

Вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон ба мақсади тақвият бахшидани раванди танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои амонатгузорон, иҷрои ухдадориҳои бонкӣ ва ба ин васила нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мунтазам бо ташкилотҳои қарзӣ ҳамкорӣ намуда, ҷиҳати солим гардонидани вазъи молиявии онҳо, паст кардани сатҳи хавфҳои низом, бештар бо пули миллӣ пешниҳод намудани қарзҳо, бахусус ба соҳаҳои истеҳсолӣ, тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

## 2. ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР СОЛИ 2017

Дар давоми соли 2017 Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ ба мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ, бартараф намудани фишорҳои қурбӣ ва пешгирии хавфҳои берунӣ сиёсати шаффоф ва пайгиронаи пулию қарзиро амалӣ карда, истифодаи фишангҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвилро барои танзими ҳаҷми пулҳои захиравӣ ва бартараф намудани фишорҳои қурбию таваррумӣ равона намуд. Тибқи натиҷагирии самтҳои асосии Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 ҳадафи ниҳоии Бонки миллии Тоҷикистон - нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи то 7,0 фоиз муқаррар гардида буд.

Тавре дар боло қайд гардид, дар соли 2017 тағйирёбии сатҳи нархҳо бештар бо таъсири омилҳои кӯтоҳмуддати хусусияти мувaққатӣ ва гузарандадошта, ки маъмулан берун аз тахти идораи бевоситаи сиёсати пулӣ аст, вобаста буд. Аз ҷумла сатҳи таваррум, ки дар моҳи июн то 9,0 фоизи солона боло рафт, асосан дар натиҷаи таъсири назарраси омилҳои ғайримонетарӣ, аз қабили омили мавсимӣ ва пешниҳодот, ки бо коҳишёбии истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулоти алоҳидаи хуроквории, пеш аз ҳама сабзавот, алоқаманд буд, ба вуқӯъ пайваст. Аммо новобаста аз ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ, хавфҳои қурбӣ ва баланд бардоштани ҷолибнокии пули миллӣ фишанги меъёри бозтамвилро аз 11,0 то 16,0 фоизи солона зиёд намуд. Ҳамзамон, ҷиҳати таъмини муътадилии талаботу пешниҳодот дар бозори асъор, танзими ҳаҷми пардохтпазирӣ ва кам намудани сатҳи долларикунонӣ меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ то 3,0 фоизи солона ва бо асъори хориҷӣ то 9,0 фоизи солона муқаррар карда шуд.

Дар натиҷаи андешидани сиёсати фаъоли зиддитаваррумии монетарӣ, таъмини вазъи боэътидоли бозори дохилии асъор ва қурби асъор ва дар баробари ин афзоиши ҷамъоварии ҳосили тирамоҳии сабзавот ва пешниҳоди он, сатҳи таваррумии солона дар моҳи сентябр то 6,7 фоиз коҳиш ёфт. Таҳлилҳо ва арзёбӣ нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди болоравии нархи хизматрасониҳо (қувваи барқ ва сӯзишворӣ дар моҳи октябр), дар ҷамъбасти соли 2017 сатҳи таваррумии солона дар доираи нишондиҳандаи якрақама ва мақсаднок бо ҳудуди эътимод-

нокии 7% (±3,0 б.ф.) нигоҳ дошта мешавад.

**Нишондиҳандаҳои миқдории монетарӣ.** Пулҳои захиравӣ ҳадафи амалиётии танзими ҳаҷми пул дар муомилот буда, ба ҳолати 30 сентябри соли 2017 афзоиши он нисбат ба интиҳои соли 2016 андозаи 13,1 фоизро ташкил дод ва ба 13,6 млрд. сомонӣ расид. Афзоиши ҷузъи таркибии пулҳои захиравӣ – пули нақд дар муомилот (ҳиссаи он дар ҳаҷми пулҳои захиравӣ 83,2 фоизро ташкил медиҳад) дар ин давра 35,2 фоизро ташкил дод.

Ҳаҷми нишондиҳандаи васеи пул (М4) 17,0 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 23,4 фоиз афзуд, ки ба он афзоиши пулҳои нақди берун аз бонкҳо (М0) ба андозаи 48,7 фоиз ва пасандозҳои мухлатнок 14,8 фоиз саҳми бештар гузошт. Пасандозҳо бо асъори хориҷӣ бошанд, дар ин давра ҳамагӣ 1,3 фоиз коҳиш ёфтанд.

Суръати гардиши пул нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ раванди пастравӣ дошта, 4,6 воҳидро ташкил намуд, ки поёнравии он зиёд шудани талабот ба пули нақдро нишон медиҳад (дар 9 моҳи соли қаблӣ 5,5 воҳид буд). Вобаста ба ин, сатҳи монетизатсия (таъминнокии иқтисодиёт бо пул) раванди мусбати болоравӣ дошта, 28,8 фоизро ташкил намуд (дар 9 моҳи соли қаблӣ 26,1 фоиз буд).

Нишондиҳандаҳои дигари монетарӣ – дороиҳои софи дохилӣ 4,4 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 50,1 фоиз кам гардид. Дороиҳои софи хориҷӣ бошад, ба андозаи 2,8 маротиба афзуда, 9,3 млрд. сомониро ташкил дод. Нишондиҳандаҳои мазкур асосан дар натиҷаи анҷомдиҳии амалиёти хариди асъору филизоти қиматбаҳо ва аввалин барориши вомбаргҳои давлатӣ (évробондҳо) дар бозорҳои дохилию берунӣ ба вуқӯъ пайваст.

Вобаста ба ин, ҳаҷми захираҳои софи байналмилалӣ ва захираҳои умумии хориҷӣ нисбат ба аввали сол мувофиқан 2,4 ва 2,2 маротиба афзуда, нишондиҳандаи устувории сатҳи захираҳои умумии хориҷӣ дар ин давра аз 2,6 то ба 5,6 моҳи воридотӣ расонида шуд, ки чунин нишондиҳанда дар таърихи Бонки миллӣ аз нишондиҳандаҳои беҳтарин ба ҳисоб меравад.

**Таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ.** Қайд намудан бамаврид аст, ки ба мақсади расидан ба самтҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” бо қарори Раёсати БМТ аз 14 декабри соли 2016, №174 “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020” ба тасвиб расонида шуд, ки он ҳадафҳои асосии сиёсати пулию қарзию асъорӣ ва нишондиҳандаҳои мақсадноки онро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуддат муайян менамояд. Аз ҷумла, дар стратегияи мазкур таҷдид ва ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, таҳкимёбии фишангҳои он ва вусъатдиҳии дараҷаи таъсирбахшии онҳо, бунёди инфрасохтори муосири амалиётӣ-молиявӣ, тақвияти фаъолияти низоми молиявию бонкӣ ва амалисозии дигар афзалиятҳои дахлдор дар давраи миёнамуҳлат бо мақсади марҳила ба марҳила ташкилдиҳии фазои мусоид ва заминаи устувор барои гузариш ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум пешбинӣ гардидааст.

Дар ин асно, Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2017 ба мақсади таҳкими дараҷаи таъсирбахшии сиёсати пулию қарзӣ, баланд бардоштани эътимоднокӣ ба он, идоракунии самарабахши пардохтпазирӣ ва танзими ҳаҷми пул як қаторислоҳотро амалӣ намуд, ки ин заминаи мусоидро барои гузариши батадриҷ аз ҳадафи амалиётии монетарӣ (пулҳои захиравӣ) ба меъёри фоизи кӯтоҳмуддат, ки яке аз шартҳои асосии реҷаи ҳадафгирии таваррум маҳсуб меёбад, гузошт.

Ба мақсади ҷоннок ва васеъ намудани имкониятҳои сиёсати монетарӣ, инчунин ташаккул ва таъсирбахш намудани механизми фишангҳои фоизии сиёсати пулию қарзӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ислоҳоти сохтории навро пайваста амалӣ намуда, гузариш ба таҷрибаи амалиётии муосири татбиқи сиёсати монетариро бомуваффақият таъмин намуд. Дар натиҷа, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фишангҳои нав ва доимамал-

кунандаи монетарии бо пули миллӣ ифодаёфта, аз қабили қарзҳои шабонарӯзӣ (овернайт), қарзҳои рӯзона (интрадей), музоядаҳои қарзӣ (7 ва 14 рӯза) ва пасандозҳои шабонарӯзӣ ҷорӣ ва дар амал татбиқ карда шуд. Инчунин, ҷиҳати идоракунии самараноки пардохтпазирӣ ва ҳавасманд намудани шарту шароити анҷомдиҳии амалиётҳо механизми нави музоядаҳои коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон бо тарзи прогрессивӣ, яъне зиёдшавии меъёри фоизӣ мутаносибан бо зиёдшавии мӯҳлатнокии он, ҷорӣ гардид.

Аз ҷумла, дар нуҳ моҳи соли 2017 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам тавассути фишангҳои қарзӣ дар ҳаҷми 380,5 млн. сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат барои таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ҷудо гардид. Инчунин, бо дарназардошти идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо, рушди низоми молиявӣ ва бозори аввалияи коғазҳои қиматнок 133 музоядаи коғазҳои қиматнок баргузор карда шуда, ҳаҷми фурӯши коғазҳои қиматнок 6,0 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,9 млрд. сомонӣ ё худ 2,0 маротиба зиёд мебошад. (Меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни онҳо 14,0 фоизро ташкил намуд, ки афзоиши он дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 6,9 банди фоизиро ташкил медиҳад).

Дар ин робита бояд қайд намуд, ки ба мақсади табдил додани меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ба меъёри фоизи калидӣ ва нишондиҳандаи асосноки инъикоскунандаи мавқеи сиёсати монетарӣ дар бозори пулӣ, меъёрҳои фоизии ҳамаи фишангҳои болозикр бо меъёри бозтамвил пайваст карда шуданд. Ин имконият медиҳад, ки механизми трансмиссионии алоқамандии меъёри бозтамвил бо меъёри ниҳоии фоизӣ ташаккул дода ва пурзур карда шавад.

Ҳамзамон, истифодаи фишангҳои мазкур тавассути ташкили платформаи савдои электронии байнибонкии “Thomson Reuters”, пайвастшавӣ ва оғоз кардани кори низоми электронии савдо ба роҳ монда шуда, он барои таъмини шаффофият, фаврият ва дастрасии беҳтари ташкилотҳои қарзӣ ба фишангҳои монетарии ҷалб ва пешниҳоди пардохтпазирии Бонки миллии Тоҷикистон шароит фароҳам овард.

Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон як қатор тадбирҳоро ҷиҳати таъмини шаффофият, беҳтар намудани раванди ахборотдиҳӣ дар самти сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ андешид. Аз ҷумла сифат ва дастрасӣ ба маълумотҳои оморӣ, таҳлилҳо ва дурнамои иқтисодӣ, маълумот оид ба мақсад ва вазифаҳои сиёсати пулию қарзӣ, фишангҳо ва воситаҳои муосири дар амал татбиқшуда ва заминаи меъёри ҳуқуқии он, оид ба раванди қабули қарорҳои марбут ба сиёсати монетарӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба сиёсати пулию қарзӣ беҳтар гардид.

**Сиёсати қурби асъор.** Дар соли 2017 татбиқи сиёсати қурбии ба реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” идома ёфт, ки тибқи он қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси таносуби талабот ва пешниҳод дар бозори дохилӣ муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон танҳо дар ҳолатҳои аз эътидол берун тағйир ёфтани қурб ба вазъи бозор дахолат мекард.

Бояд қайд намуд, ки талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ хусусиятҳои мавсимӣ дошта, ҳамасола дар аввали сол талабот ба он зиёд ва пешниҳоди он барои фурӯш кам мешавад. Бинобар ин, фишорҳои қурбӣ дар аввали сол нисбатан зиёд шуда, қурби сомонӣ махсусан дар бозори нақдӣ нисбатан коҳиш мeёбад. Ба коҳишёбии қурби сомонӣ дар баробари омилҳои мавсимӣ, инчунин зиёд шудани ҳаҷми пул дар иқтисодиёт бо сабаби сармоякунонии эмиссионии бонкҳои муаммодор дар интиҳои соли 2016, зиёд шудани дархостҳои маблағгузории асъории лоиҳаҳои муҳими давлатӣ ва хизматрасонии қарзҳои беруна таъсир расониданд.

Бонки миллии Тоҷикистон ба мақсади муътадил гардонидани вазъи бозори дохилии асъор ва кам кардани фишорҳо ба қурб дар ҳамин давра маҷмӯи чораю воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, аз он ҷумла дахолатҳои бевоситаи асъориро

анҷом дод. Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2017 дар бозори байнибонкӣ ба ташкилотҳои қарзӣ тавассути низоми электронии савдо маблағи 123 млн. доллари ИМА ва 27,2 млрд. рубли русӣ фурӯхта шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 2,7 маротиба ва 24,2 фоиз зиёд мебошад.

Татбиқи чораҳои мазкур имконият дод, ки фарқияти назарраси дар байни қурбҳо мавҷудбуда ба маротиб кам шуда, хариду фурӯши асъори нақд аз бозори ғайрирасмӣ ба бозори расмӣ баргардонида шавад. Дар баробари ин, баландшавии қурби нақдии доллари ИМА ва зиёдшавии фарқияти байни қурбҳои расмӣ ва мубодилавӣ боздошта шуд.

### 3. САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ БАРОИ СОЛИ 2018 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзиро дар соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат пеш аз ҳама барои таъмини иҷрои афзалияти асосӣ – ноил гардидан ва нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо дар ҷумҳурӣ амалӣ менамояд. Дар ин раванд, татбиқи сиёсати шаффоф, пайгирона ва мутавозуни пулию қарзӣ ҳамчун заминаи мусоид ва муҳим барои баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ва дигар агентҳои иқтисодӣ нисбат ба Бонки милли Тоҷикистон ва сиёсати пулию қарзӣ арзёбӣ мегардад.

Таъмин ва нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум дар давраи миёнамуҳлат омили муҳими рушди устувори иқтисодиёт ва суботи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ аҳамияти зиёд дошта, барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши пасандозҳо ва сармоягузориҳои аҳолӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Вобаста ба ин, дар доираи “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020” амалӣ гардиданиислоҳоти сохтории бахши монетарӣ, мукаммал намудани воситаҳои он ва дигар шартҳои зарурӣ баҳри гузариши пурра ба реҷаи ҳадафгирии таваррум дар давраи миёнамуҳлат идома меёбад.

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзиро бо дарназардошти таҳлили ҳолати кунунии иқтисодиёт ва пешбинии нишондиҳандаи ҳадафшаванда дар доираи салоҳияти худ татбиқ менамояд.

**Нишондиҳандаи мақсаднок барои давраи миёнамуҳлат.** Дар соли 2018 ҳадафи таваррум дар доираи 7,0 фоиз (±2 б.ф.) ва давраи миёнамуҳлат, яъне дар солҳои 2019 ва 2020 он мувофиқан дар доираи 7,0 фоиз (±2 б.ф.) ва 6,0 фоиз (±2,0 б.ф) муқаррар карда мешавад.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар давраи кӯтоҳмуҳлат таваррум дар натиҷаи таъсири таконҳои берунӣ ва дохилӣ метавонад аз доираи нишондиҳандаи мақсадноки муайяншуда каму зиёд шавад. Ба ин тамоюл омилҳои мухталиф, ба монанди эҳтимоли бавуқӯъоии хавфҳо ва фишорҳои берунаи геосиёсӣ, молиявӣ-иқтисодӣ, тағйирёбии назарраси нархҳои ҷаҳонии маводи сӯзишворӣ ва хӯрокворӣ, таварруми воридотӣ аз кишварҳои шарикони асосии савдо, таъсири омилҳои мавсимӣ ва нархҳои хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, ки маъмулан берун аз таъсири бевоситаи сиёсати пулию қарзӣ мебошанд, метавонанд таъсир расонанд. Дар чунин шароит дар муҳлатҳои кӯтоҳ баргардонидани таваррум ба сатҳи нишондиҳандаи мақсаднок метавонад ба рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ расонад. Бинобар ин, таассури сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба тағйирёбии кӯтоҳмуддати сатҳи таваррум, ки бо таъсири омилҳои даргузари берунӣ ва дохилӣ алоқаманд аст, мутавозун боқӣ мемонад, ба ғайр аз ҳолатҳои таъсири аз эътидол зиёди омилҳои мазкур ба интизориҳои аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт. Дар ин робита, Бонки миллии Тоҷикистон маълумотро оид ба муҳлатҳое, ки дар он таваррум ба ҳадафи муқарраршуда бозмегардад, мунтазам тавассути гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва нашри маводҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ дар воситаҳои ахбори омма ба самъи ҷомеа мерасонад.

**Реҷаи сиёсати пулию қарзӣ.** Дар давраи миёнамуҳлат (солҳои 2018-2020) гузариш ба реҷаи сифатан нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум (инфляционное тарге-

тирование) пешбинӣ гардида, мунтазам тағйир додани ҳадафи амалиётӣ ва гузариш аз танзими ҳаҷми пулҳои захиравӣ (миқдор) ба меъёри фоизи кӯтоҳмуддати бозори байнибонкӣ (сифат) бояд таъмин карда шавад. Дар давраи гузариш ба ҳадафгирии таваррум реҷаи ҳадафгирии пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ истифода мешавад. Нигоҳдории афзоиши ҳаҷми пул вобаста ба талаботи иқтисодиёт тавассути танзими ҳаҷми пулҳои захиравӣ, пардохтпазирии низоми бонкӣ, захираҳои софи байналмилалӣ ва дороиҳои софи дохилӣ пешбинӣ мегардад. Вобаста ба ин, дар соли 2018 нишондиҳандаҳои пулӣ бо дарназардошти эҳтимолияти тадриҷан зиёд гардидани сатҳи талаботи иқтисодиёт ва сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул, рушди ММД ва нишондиҳандаҳои дигари низоми бонкӣ тағйир меёбанд. Дар мавриди тағйирёбии вазъи дохилию берунии иқтисодиёт босуръат идома ёфтани ғайридолларишавии иқтисодиёт нишондиҳандаҳои пулӣ мавриди тасҳеҳ қарор дода мешаванд.

Барои натиҷабахш гардидани реҷаи ҳадафгирии таваррум дар асоси “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” ислоҳотҳои институтсионалӣ, таҷдид ва ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, бунёди инфрасохтори муосири амалиётӣ молиявӣ, тақвияти фаъолияти низоми молиявию бонкӣ ва амалисозии дигар афзалиятҳои дахлдор дар давраи миёнамуҳлат идома меёбад.

Бахри расидан ба ҳадаф ва пешгирии таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ тавассути танзим ва идоракунии босамари сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ истифодаи самараноки фишангҳои сиёсати монетариро ба роҳ мемонад. Бахусус, тағйири меъёри бозтамвил, амалиётҳои қарзӣ ва амонатии шабонарӯзӣ (овернайт), меъёри захираҳои ҳатмӣ, музоядаҳои қарзӣ ва музоядаҳои коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон барои танзим ва идоракунии пардохтпазирӣ бо дарназардошти тағйирёбии нишондиҳандаҳои пулӣ ва вазъи пардохтпазирии низом ба роҳ монда мешавад.

Тибқи таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ бозори байнибонкии хубфаъолияткунанда асоси татбиқи сиёсати самараноки монетарӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, табдил додани бозори байнибонкии қарзӣ ба воситаи самарабахши таъсирбахшии сиёсати пулию қарзӣ ва танзими мувозинатии сатҳи пардохтпазирии низом аҳамияти калидӣ дорад.

Дар навбати худ, дар самти таҳкими минбаъдаи механизми трансмиссионии меъёри бозтамвил ва вусъатёбии дараҷаи таъсирбахшии он, пеш аз ҳама ба меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуддати бозори байнибонкии пулӣ ва ба ин васила ба меъёрҳои фоизии дарозмуддати бозорӣ, вазъи макроиқтисодӣ, сатҳи талаботи маҷмӯӣ ва таваррум чораҷӯӣ карда мешавад. Аз ҷумла, дар самти идоракунии фаъоли пардохтпазирӣ, истифодаи афзалиятноки воситаҳои молиявии бо пули миллӣ ифодаёфта, рушди бозори байнибонкии қарзӣ ва рушди бозори аввалаи коғазҳои қиматнок кор бурда мешавад.

Баҳри баланд бардоштани эътимоднокӣ бо пули миллӣ, коҳиш додани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт, нигоҳ доштани сатҳи муътадили нишондиҳандаҳои молиявӣ ва истифодаи васеи пули миллӣ ҳамчун воситаи ягонаи пардохт миёни омма ташвиқоту тарғибот бурда мешавад.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон пайваста андешидани чораҳои заруриро ҷиҳати ғайридолларикунонии низоми иқтисодию молиявӣ идома медиҳад. Аз ҷумла, ба мақсади маҳдуд сохтани хавфҳо дар низоми бонкӣ, пешбурди сиёсати ғайридолларикунонӣ ва дигаргун сохтани сохтори пул дар муомилот, эҳтимолияти тағйир додани меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ дар давраи миёнамуҳлат пешбинӣ мегардад.

Ғайр аз ин, дар самти вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, кам намудани ҳиссаи пули нақд дар муомилот ва таҳкими инфрасохтори низоми пардохтии ҷумҳурӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Аз ҷумла, ба мақсади рушди инфрасохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва ҷавобгӯ намудани низоми пардохтӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи грантии Бонки Ҷаҳонӣ "Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ", Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо ва Амонатгоҳи (депозитарияи) марказии коғазҳои қиматнок харидорӣ ва насб карда мешавад. Фаъолияти боэътимод ва босамари низомҳои пардохтӣ ҳамчун омили муҳими афзоиши боварии аҳолӣ бо пули миллӣ буда, дараҷаи рушди инфрасохтори пардохтӣ бошад, дар шароити муосир ба афзоиши муомилоти ғайринақдӣ, рушди савдо ва фарогирии аҳолии кишвар ба хизматрасониҳои молиявӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ба мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти Бонки миллӣ барои беҳтар намудани равanди ахборотдиҳӣ, мунтазам ва саривақт ба самъи омма расонидани ахборот оид ба вазъи макроиқтисодӣ, сатҳи таваррум ва дурнамои он, инчунин доир ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва оид ба тағйирёбии шарту шароитҳои фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Инчунин, иқтидори имкониятҳои техникии дурнамо, таҳлил ва баҳодиҳии механизми сиёсати пулию қарзӣ бо дарназардошти имкониятҳои таъсири фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ такмил мегардад.

Дар соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат сиёсати қурбӣ ба реҷаи "шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб" асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилӣ муқаррар карда мешавад. Тибқи ин реҷа Бонки миллии Тоҷикистон танҳо дар ҳолатҳои аз эътидол берун тағйир ёфтани қурб ба бозори дохилӣ дахолат менамояд. Бо мақсади таъмини фаъолияти муътадили бозори дохилии асъор ва маҳдуд сохтани лаппишҳои аз эътидол беруни қурби пули миллӣ, нигоҳдории тафовути байни қурби расмӣ ва қурби бозории асъори хориҷӣ дар ҳудуди то 2 фоиз нигоҳ дошта мешавад. Ба мақсади нигоҳ доштани суботи молиявӣ, ба эътидол овардани мавқеи иқтисоди берунаи кишвар, зиёд намудани захираҳои умумии байналмилалӣ ва диверсификатсияи сохтори онҳо, амалиётҳои хариду фурӯши асъорҳои хориҷӣ дар бозорҳои дохилию берунӣ ва хариди тилло аз истихроҷкунандагони ватанӣ ва тасфияи такрории тилло идома меёбад.

Дар ин давра сиёсати қурбӣ-асъорӣ барои таъмини гузариши батадриҷ ба реҷаи ҳадафгирии таваррум ва низоми тағйирёбандаи қурби асъор ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон ва таҳким додани меъёри бозтамвил ҳамчун меъёри асосии сиёсати монетарӣ равона мегардад. Аз ҷумла, мудохилаҳои асъорӣ барои муътадил намудани фаъолияти бозори асъор ва лаппишҳои аз эътидол зиёди қурбӣ истифода шуда, амалиётҳо ҷиҳати ғун кардани захираҳои байналмилалӣ бояд бо дарназардошти хавфҳои эҳтимолӣ анҷом дода шаванд. Инчунин, додани имконият ба тағйирёбии дусамтаи (болоравӣ поёнравӣ) қурби асъор ҳамчун омили муҳими бздорандаи майли аҳолӣ ва дигар агентҳои иқтисодӣ аз истифодаи асъори хориҷӣ ва ба уҳдаи худ гирифтани хавфҳои потенсиалии қурбӣ арзёбӣ мегардад.

**Суботи молиявӣ.** Механизми трансмиссионии монетарӣ ва таъсирбахшии сиёсати фоизии Бонки миллии Тоҷикистон бо муътадил гардидани вазъи молиявӣ ва солимгардии низоми бонкӣ, баркароршавии эътимоднокӣ, фаъолнокии бозори байнибонкӣ ва миёнаравии молиявӣ пурзур хоҳад гашт. Зеро фаъолияти солим ва босамари низоми бонкӣ ҳамчун миёнаравӣ молиявӣ - шарти асосии татбиқи сиёсати муваффақи пулию қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷиҳати таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ ва эмин намудани он аз таъсири омилҳои берунию дохилӣ, татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ ва идоракунии хавфҳо татбиқ мегардад, ки мониторинг ва назоратро аз рӯи иҷрои меъёрҳои пруденсиалӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ ва

коҳиш додани хавфҳои низоми бонкиро дар бар мегирад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама мукаммал намудани заминаҳои меъёрии танзимию назоратӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти устувори низоми бонкӣ муҳим мебошад. Вобаста ба ин, ҷиҳати дастрас гардидани устувории низоми бонкии кишвар ва рушди миёнравии молиявӣ, татбиқи самтҳои асосии зерин дар давраи миёнамуҳлат мувофиқи мақсад мебошад, аз ҷумла:

- такмил додани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои беҳтар намудани устувории низоми бонкӣ;
- роҳандозии сиёсати макропруденсиалӣ ва идоракунии хавфҳои низоми бонкӣ;
- таъмин намудани ҳамоҳангии татбиқи сиёсати монетарию фискалӣ;
- пурзӯр ва самарабахш гардонидани назорати низоми бонкӣ;
- ҷорӣ намудани талаботҳои (BCBS II) Кумитаи Базел оид ба Назорати Бонкӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;
- андешидани тадбирҳо барои баланд бардоштани сатҳи идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, беҳтар намудани услуби баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳо;
- вусъат додани фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд тариқи гузаштан аз миқдор ба сифат;
- идомаи такмили раванди автоматикунонии қабули ҳисоботҳои молиявӣ;
- вусъат додани фаъолияти бозори байнибонкии қарзӣ;
- татбиқи рукнҳои бонкдории нав ва шаффофи ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ, ҷалби бештари мизоҷон тавассути ташвиқу тарғиби хизматрасониҳои бонкӣ;
- таъмин намудани танзим ва назорати субъектҳои низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- рушди инфрасохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳи татбиқи Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо ва Амонатгоҳи (депозитарияи) марказии коғазҳои қиматнок;
- ҷиҳати вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мусоидат намудан ба раванди татбиқи технологияҳои муосири пардохтӣ ва шаклҳои нави хизматрасониҳои пардохтӣ;
- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, тақвияти боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолии кишвар.

# ТАВАРРУМ дар доираи нишондиҳандаи якрақама нигоҳ дошта шуд

Нишасти матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон барои намояндагони Воситаҳои ахбори оммаи дохиливу хориҷи кишвар оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти бонк ва низоми бонкии мамлакат дар соли 2017, ки 9 феврали соли равон баргузор гардид, асосан ба амалӣ гаштани сиёсати пайгирона ва самарабахши пулию қарзӣ ва асъорӣ бахри таъмини рушди мӯътадили ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, нигоҳдории сатҳи зарурии нархҳо, суботи молиявӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёт бахшида шуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни ифтитоҳи нишасти матбуотӣ иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти солимгардонии низоми бонкӣ, таҳкими сиёсати пулию қарзӣ, мусоидат ба таъмини суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ

Номбурда қайд намуд, ки сарфи назар аз идома ёфтани таъсири манфии буҳрони сиёсӣ-иқтисодӣ ва мушкилоти ҷойдошта соли гузашта нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар маҷмӯъ мусбат ҷамъбаст гардиданд.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 61,1 млрд. сомонӣ ва афзоиши воқеии он 7,1 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба андозаи 0,2 банди фоизӣ зиёд мебошад. Ба рушди иқтисодӣ як қатор нишондиҳандаҳо, аз қабили афзоиши маҳсулоти саноатӣ 21,3 фоиз, кишоварзӣ 6,8 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 4,1 фоиз ва гардиши савдои чакана 6,6 фоиз мусоидат намуданд.

## САТҲИ ТАВАРРУМ АЗ НИШОНДИҲАНДАИ ДУРНАМО ПАСТТАР АСТ

Таваррум дар ин давра 6,7 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли 2016 0,6 банди фоизӣ афзоиш ёфт. Тавարруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 7,5 фоиз (аз ҷумла, пиёз - 82,6 фоиз, картошка - 49,3 фоиз ва гӯшти гов - 14,7 фоиз), маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 4,4 фоиз (гази моеъ - 47,2 фоиз, бензин - 25,6 фоиз, либосу пойафзол - 9,2 фоиз) ва хизматрасониҳо 7,7 фоиз (манзилию коммуналӣ - 17,5 фоиз ва қувваи барқ - 14,8 фоиз) ба вуқӯъ пайваст.

Қобили зикр аст, ки сатҳи таваррум аз нишондиҳандаи мақсадноки муқарраршуда, ки тибқи дурнамо 7,0 фоизи солона пешбинӣ гардида буд, 0,3 банди фоизӣ пасттар мебошад.

## СИЁСАТИ ҚУРБӢ ВА АСЪОРӢ

### Қурби сомонӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ мебошад

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор кард, ки сиёсати қурбӣ дар асоси талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ амалӣ гардида,

дар соли сипаришуда қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 12,0 фоиз коҳиш ёфт ва фарқияти он ба 0,9 банди фоизӣ баробар гардид, ки ин ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Дар баробари ин, қайд намудан зарур аст, ки дахолатҳои асъории Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2017 бе истифода аз захираҳои тиллоии асъорӣ ва кам кардани ҳаҷми онҳо, асосан аз ҳисоби маблағҳои бо рубли русӣ харидоришаванда, анҷом дода шуданд.






> Қобили зикр аст, ки сатҳи таваррум аз нишондиҳандаи мақсадноки муқарраршуда, ки тибқи дурнамо 7,0 фоизи солона пешбинӣ гардида буд, 0,3 банди фоизӣ пасттар мебошад.

Дар натиҷаи роҳандозии ин амалиётҳо аз муомилот барои пешгирӣ намудани фишори қурбӣ ва таваррум зиёда аз 6,0 млрд. сомонӣ пули нақд гирифта шуд.

Бо мақсади қонеъ кардани талабот ба доллари нақди ИМА дар ин давра ташкилотҳои қарзӣ тақрибан ба маблағи 300 млн. доллари нақдинаи ИМА таъмин карда шуданд.

Таъкид гардид, ки ҷиҳати идораи босамари захираҳои байналмилалӣ ва устувории низоми молиявӣ, амалиётҳои хариди филизоти қиматбаҳо ва асъори хориҷӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ тақвият ёфт. Дар натиҷа ҳаҷми захираҳои умумии байналмилалӣ бо ифодаи доллари ИМА дар соли 2017 тақрибан 2 маротиба зиёд гардида, таъминнокии онҳо аз 2,6 то ба 5,6 моҳи воридотӣ расонида шуд.



## ҚАРЗҲОИ ДОДАШУДА 15,1 ФОИЗ ЗИЁД ШУДАНД

Нисбати ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда таъкид карда шуд, ки он дар соли ҳисоботӣ қариб 8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли гузашта 1,3 фоиз кам мебошад. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда бидуни ду бонки муаммодор нисбат ба соли 2016 наздики 1 млрд. сомонӣ ё 15,1 фоиз зиёд шуд.

Теъдоди қарзҳои додашуда бошад, дар ин давра раванди мусбат дошта, афзоиши он 7,5 фоизро ташкил дода, ба 479,1 ҳаз. адад расид. Ҳамзамон ҳаҷми қарзҳои хурди аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ додашуда 5,2 фоиз афзоиш ёфта, маблағи он 3,8 млрд. сомониро ташкил намуд. Ба истиснои ду бонки

## НИЗОМИ БОНКӢ
### Пасандозҳо дар низоми бонкӣ афзоиш ёфтанд

Дар баробари ин, суханашро идома дода гуфт Ҷамшед Нурмаҳмадзода, барои боз ҳам беҳтар намудани нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ низ корҳои муайян анҷом дода шуданд.

Барои мисол, бақияи умумии пасандозҳо дар ҷамъбасти соли сипаригардида 9,3 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 37,4 млн. сомонӣ (ё 0,4%) зиёд шуд. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки пасандозҳо дар низоми бонкӣ ба истиснои ду бонки муаммодор нисбат ба соли қаблӣ 1,8 млрд. сомонӣ ё 31,2 фоиз ва миқдори ҳисобҳои пасандозгузорон 414 ҳазор зиёд шуданд.

Илова бар ин, бо мақсади паст намудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва хавфи асъорӣ, инчунин баланд



бардоштани боварии аҳолӣ ба пули миллӣ, ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ 10,9 фоиз (ҳиссаи он аз 62% ба 55%) коҳиш ва бо пули миллӣ бошад, 19,2 фоиз (ҳиссаи он аз 38% ба 45%) афзоиш дода шуд.

муаммодор ин нишондиҳанда нисбат ба соли қаблӣ 405,8 млн. сомонӣ ё худ 12,0 фоиз афзоиш ёфтааст.

Қобили қайд аст, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда, 58,4 фоизи вазни қиёсӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ ва аз рӯи соҳаҳо бошад, ба савдои хориҷӣ 20,3 фоиз, саноат 46,9 фоиз, истеъмолот 13,9 фоиз, хизматрасонӣ 6,5 фоиз, кишоварзӣ 6,5 фоиз, сохтмон 3,2 фоиз, нақлиёт 1,3 фоиз ва дигар соҳаҳо 1,4 фоиз рост меояд.

Ба андешаи Ҷамшед Нурмаҳмадзода, бо мақсади дастгирии бахши воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва пешниҳоди қарзҳои ҷолиб ба соҳибкорони истеҳсолӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати ҷалби захираҳои молиявии арзон ва дарозмуддат, зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ва паст кардани фоизи қарзҳо, коҳиш додани хавфҳои қарзӣ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст. Дар натиҷаи андешидашуда чораҳои мушаххас оид ба солимгардонии бонкҳои мушкилотдор ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз ба таъхир афтода) тамоюли камшавӣ дошта, дар интиҳои соли 2017 35,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба аввали сол 11 банди фоизӣ (1,6 млрд. сомонӣ) коҳиш ёфтааст, ки ин аз нисбатан беҳтар гардидани пардохтпазирии бонкҳои мазкур шаҳодат медиҳад.

Умуман, дар соли ҳисоботӣ новобаста аз ташкил додани фонди талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо ба маблағи 1,7 млрд. сомонӣ, даромаднокии дороиҳо, сармояи ташкилотҳои қарзӣ ва пардохтпазирии онҳо нисбат ба соли қаблӣ мусбат арзёбӣ гардида, ба буҷет 541,4 млн. сомонӣ андоз ва ба мизоҷон маблағи 302 млн. сомонӣ фоиз аз руи пасандозҳо пардохт карда шуд.

Дар идомаи суҳбат бо хабарнигорон Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъкид намуд, ки бо мақсади фаъол гардонидани бозори молиявӣ ва дастгирии ташкилотҳои қарзӣ, беҳтар намудани имкониятҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокии онҳо дар соли 2017 меъёри бозтамвил аз 11,0 то 16,0 фоиз, меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ аз 1,5 то 3,0 фоиз ва бо асъори хориҷӣ аз 7,0 то 9,0 фоизи солона тағйир дода шуд. Дар баробари ин, бо назардошти наздик гардидани сатҳи таваррум ба нишондиҳандаи мақсаднок, коҳиш ёфтани таъсири омилҳои берунӣ ва то андозае ба эътидол омадани вазъи макроиқтисодӣ, 23 январи соли 2018 меъёри бозтамвил ба андозаи 1,25 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 14,75 фоизи солона муқаррар гардид.

Қобили қайд аст, ки барои таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ механизми фишангҳои нави сиёсати монетарӣ – қарзҳои рӯзона (интрадей), шабонарӯзӣ (овернайт) ва музоядаҳои қарзӣ тавассути платформаи электронии байнибонкӣ роҳандозӣ гардида, тавассути фишангҳои зикршуда қарзҳои кӯтоҳмуҳлат бо пули миллӣ дар ҳаҷми 491,4 млн. сомонӣ дода шуд (ин нисбат ба соли қаблӣ тақрибан 3,5 баробар зиёд аст).

Ҳамзамон, ҷиҳати ба танзим даровардани ҳаҷми пул дар муомилот, пешгирӣ намудани фишорҳои қурбӣ ва сатҳи таваррум дар соли қаблӣ 187 музоядаи коғазҳои қиматнок ба маблағи 8,7 млрд. сомонӣ гузаронида шуд, ки ин нисбат ба соли 2016 қариб 2 маротиба ё ба маблағи 4,4 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Дар доираи фишанги нави амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) - 18,5 млрд. сомонӣ амонатҳои шабонарӯзӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҷалб гардид.

## АФЗОИШИ ПУЛҲОИ ЗАХИРАВӢ

Ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар соли 2017 маблағи 14,6 млрд. сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 11,7 млрд. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба соли 2016 ҳаҷми пулҳои захиравӣ 20,9 фоиз ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 39,0 фоиз зиёд мебошад. Соли гузашта барои таъмини гардиши пул вобаста ба талаботи иқтисодиёт 5,0 млрд. сомонӣ пули нақд ба муомилот бароварда шуд, ки нисбат ба соли 2016 ба андозаи 2,5 фоиз зиёд мебошад. Ҳамзамон, 1,7 млрд. сомонӣ пули нақд, аз ҷумла 970,2 млн. сомонӣ пулҳои коғазии коршоям, 757,2 млн. сомонӣ пулҳои коғазии фарсуда ва 0,4 млн. сомонӣ тангаҳои

филизӣ аз муомилот бозпас гирифта шуданд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади ғайридолларикунӣ ва диверсификатсияи муомилоти пулӣ маҷмӯи чораҳои таъсиррасон андешида шуда, афзоиши сатҳи монетизатсия, яъне таъминнокии иқтисодиёт бо пул қонеъ шуда истодааст. Аз ҷумла, сатҳи монетизатсия дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ 30,0 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 3,0 банди фоизӣ зиёд гардид.





Тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ зикр гардид, бо мақсади таъсис додани бонкҳои нави тиҷоратӣ, ташкили рақобати солим дар байни онҳо ва дар ин робита зиёд намудани сармоягузории дохилӣ ба иқтисодиёт, сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис аз 80 млн. сомонӣ то ба 50 млн. сомонӣ кам карда шуд.

Қобили зикр аст, ки бо қарори раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонати қарзии хурди «Ардокапитал» барои анҷом додани

## ГУЗАРИШ АЗ МИҚДОР БА СИФАТ

Тавре Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни суханрониаш қайд намуд, то 31 декабри соли гузашта дар ҷумҳурӣ 84 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 27 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 7 ташкилоти қарзии хурд ва 33 фонди қарзии хурд фаъолият менамуд. Дар натиҷаи ислоҳоти гузариши низоми бонкӣ аз миқдор ба сифат, дар давоми соли 2017 фаъолияти 21 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 2 бонк, 10 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 7 ташкилоти қарзии хурд ва 2 фонди маблағгузории хурд қатъ карда шуд.

амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд. Ба ҳамин тартиб, 8 феврали соли равон бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар якҷоягӣ бо соҳибкорони кишвар ЧСП ТАҚХ «Ардо-капитал»таъсис ёфт ва ба фаъолият шуруъ кард.

Дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ ва уҳдадориҳои умумии онҳо мувофиқан 20,9 млрд. сомонӣ ва 15,2 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ ҳаҷми дороиҳо 1,3 фоиз ва уҳдадориҳо 3,2 фоиз кам гардид. Сармояи тавозунӣ бошад, 4,1 фоиз афзуда, ба 5,7 млрд. сомонӣ баробар шуд.

## НИЗОМИ ПАРДОХТ

### Мақсад – вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ

Дар мулоқот бо намояндагони Воситаҳои ахбори омма махсус қайд карда шуд, ки яке аз масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ ин вусъат додани амалиётҳои ғайринақдӣ, рушди инфрасохтори низоми пардохт, бемамоният ва саривақт пешниҳод намудани хизматрасониҳои кортҳои пардохт аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ва тақвият бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, якҷоя бо Кумитаи андоз ҳайати муштараки корӣ таъсис дода шуд. Дар давраи фаъолияти он дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 1119 адад терминали электронӣ насб карда гардида, шумораи умумии онҳо ба 1944 адад расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли қаблӣ 2,7 маротиба зиёд мебошад ва ин ҳанӯз моро қаноатбахш карда наметавонад, гуфт Раиси Бонки миллии Тоҷикистон. Ҳоло аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ зиёда аз 1500 адад терминалҳои электронӣ харидорӣ шудаанд ва ҳангоми муроҷиати мизоҷон онҳо дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда мешаванд.

Дар айни замон миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ аз 1694 ҳаз. ададро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли қаблӣ 4,5 фоиз зиёд мебошад. Миқдори дорандагони кортҳои пардохт низ 4,1 фоиз зиёд шуда, 1672 ҳаз. нафарро ташкил намуд. Тавассути онҳо 17,6 млн. адад амалиётҳо ба маблағи умумии 8,3 млрд. сомонӣ гузаронида шудаанд, ки дар муқоиса ба соли пешин 16,6 фоиз зиёд мебошад.

Шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ бошад, дар ҷумҳурӣ мувофиқан 685 адад ва 3325 ададро ташкил намуда, дар муқоиса ба соли қаблӣ шумораи банкоматҳо 114 адад кам ва шумораи терминалҳои электронӣ 870 адад зиёд шудааст.

Умуман, соли гузашта дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути низомҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ зиёда аз 83,0 млн. амалиёти пардохти ғайринақдӣ ба маблағи 656,3 млрд. сомонӣ гузаронида шуда, афзоиши онҳо мувофиқан 37,0 фоиз ва 59,2 фоизро ташкил дод, ки ин аз беҳтар гардидани таъмини шаффофият ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ, нисбатан баланд шудани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ ва эътимоди он ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Боиси хушнудӣ ва ифтихори ҳамагон аст, ки дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон интишори нахустини рейтинги қарзии кишвар ва барориши аввалин коғазҳои қиматноки давлатӣ (евробондҳо) ба маблағи 500 млн. доллари ИМА ба бозори ҷаҳонӣ муваффақона амалӣ карда шуд ва ин бешубҳа, яке аз саҳифаҳои нав дар ташаккулёбии иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ ва ҳамгироии он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

## НАҚШАҲОИ МИНБАЪДА, КИ БА РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР РАВОНА ШУДААНД

Қайд гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил шудан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома медиҳад. Дар солҳои 2018-2019 сатҳи таваррум дар доираи 7 фоиз ва соли 2020 дар доираи 6 фоиз, инчунин қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар солҳои 2018-2020 тақрибан дар ҳудуди 9,0-10,0 сомонӣ пешбинӣ шудаанд.

Ҳадафҳои гузоштташуда тавассути андешидани маҷмӯи воси-



таю чораҳои зарурӣ, аз ҷумла истифодаи босамари фишангҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвил, музоядаҳои коғазҳои қиматнок, музоядаҳои қарзӣ ва амалиётҳои шабонарузӣ (овернайт), амалиёт дар бозори байнибонкии асъор, инчунин меъёри захираҳои ҳатмӣ амалӣ хоҳанд шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади таъмини фаъолияти муътадили бозори дохилии асъор ва маҳдуд сохтани лаппишҳои аз эътидол беруни қурби пули миллӣ, тафовути байни қурби расмӣ ва қурби бозории асъори хориҷӣ дар ҳудуди то 2 фоиз нигоҳ дошта мешавад.

Илова бар ин, ҷиҳати баланд бардоштани эътимоднокӣ ба пули миллӣ, коҳиш додани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт, нигоҳ доштани сатҳи муътадили нишондиҳандаҳои молиявӣ ва истифодаи васеи пули миллӣ ҳамчун воситаи ягонаи пардохт дар байни аҳолӣ корҳои ташвиқотию тарғиботӣ идома дода мешаванд.

## НИЯТҲОИ СОЗАНДА АМАЛӢ ХОҲАНД ГАШТ

Бонки миллии Тоҷикистон, гуфт Ҷамшед Нурмаҳмадзода, дастуру супоришҳои дар Паём зикршударо роҳнамои фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор дода, ҷиҳати таъмини устувории бахшҳои молиявию низоми бонкӣ ва нигоҳ доштани муътадилии қурби пули миллӣ ва сатҳи таваррум, пеш аз ҳама, андешидани чораҳои зеринро ҳамчун самти афзалиятнок қарор медиҳад:

**1.** Мусоидат барои нигоҳ доштани суботи молиявӣ, пешгирӣ намудани таъсири хавфҳои имконпазир, татбиқи чораҳои зарурӣ ҷиҳати баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол, фурӯши гаравҳои гирифташуда ва таъмин намудани фаъолияти солими низоми бонкии кишвар;

**2.** Таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар дар ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ бо вазорату идораҳо ҷиҳати тақвият додани ислоҳоти сохторӣ-иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва афзун намудани захираҳои асъорӣ ва

вусъат бахшидани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ;

**3.** Таъмини пешбурди сиёсати мутавозини монетарӣ бо назардошти ҳамоҳангии он бо сиёсати фискалӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ;

**4.** Тақвият додани назорат ва идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, пурзӯр намудани талабот нисбати ҷобаҷогузории кормандон, бахусус кормандони роҳбарикунанда, ҳамчунин ташкили бозомӯзии онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар;

**5.** Андешидани чораҳои зарурӣ бахри баланд бардоштани сатҳи маданияти қарздиҳӣ, беҳтар намудани сифати фаъолияти бюроҳои қарзӣ, ҷудо намудани қарзҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ба соҳибкорони хурду миёна барои таъмини бехатарии озуқаворӣ, инчунин маблағгузорӣ дар самти рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ;

**6.** Андешидани чораҳои фаврӣ ҷиҳати таҳия ва амалӣ намудани нақшаи иловагии таҷдиду солимгардонии ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи "Тоҷиксодиротбонк" ва "Агроинвестбонк", ба ин васила иҷрои уҳдадориҳо дар назди мизоҷон ва баланд бардоштани эътимоднокӣ ба низоми бонкӣ;

**7.** Дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор андешидани тадбирҳои мушаххас бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои иҷрои барномаи давлатии рушди содирот ва воридотивазкунӣ ва диверсификатсияи онҳо;

**8.** Зоҳир намудани таваҷҷуҳи махсус ба вусъатёбии бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва Бонки миллӣ баҳри татбиқи самараноки сиёсати макроиқтисодӣ, ҷалби маблағҳои озод ва афзоиши қарздиҳии дарозмуддат ба соҳибкории истеҳсолӣ;

**9.** Андешидани чораҳои таъхирнопазир барои ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаштан ба низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва пешниҳод намудани хизматрасонии муосири бонкӣ;

**10.** Идома додани ислоҳот дар низоми бонкии кишвар ва ба низоми стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи имрӯза ҷавобгӯй намудани дастурамалҳо ва дигар санадҳои меъёрии дохилии Бонки миллӣ, аз ҷумла риояи талаботи меъёрҳои мақбули (пруденсиалии) бонкӣ.

Бонки миллии Тоҷикистон бахри саривақт иҷро намудани вазифаҳои дарпешгузошта ва устувории низоми бонкии кишвар дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати ҷумҳурӣ тамоми чораҳои зарурира андешида, раванди ислоҳоти соҳаи бонкдориро бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар равона месозад.

## МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН САРИ ВАҚТ БАРРАСӢ МЕШАВАД

Дар фуроварди мулоқот бо рӯзноманигорон Раиси Бонки миллии Тоҷикистон иброз намуд, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон қабули муроҷиати шаҳрвандон тариқи хаттӣ, телефонӣ, шифоҳӣ ва сомонаи расмӣ ба роҳ монда шудааст. Барои мисол, дар соли гузашта дар маҷмӯъ 2 995 адад дархосту шикоятҳои муштариён тибқи тартиби муқарраргардида қабул ва мавриди ҳаллу фасл қарор гирифта шудаанд.

Ва ниҳоят дар бахши саволу ҷавоби нишасти матбуотӣ, ки барои ҳарду ҷониб ҷолибу судманд арзёбӣ мешавад, намояндагони Воситаҳои ахбори оммаи дохилию хориҷӣ ба саволҳои худ дар мавриди сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, ислоҳот дар низоми бонкӣ, тағйирот ба қонунгузории мавҷудаи бонкӣ, қурби доллари ИМА, вазъи макроиқтисодӣ, сатҳи таваррум, ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт, истифодаи кортҳои пардохтӣ, роҳандозии бонкдории исломӣ, ҳаҷми пули миллии дар муомилотбуда, тағйирёбии меъёри бозтамвил, сатҳи эътимоднокии мардум ба низоми бонкӣ ва тавсеаи ҳамкорӣ бо ХБА посухҳои мукаммал ва мушаххас гирифтанд.

**Таҳияи Абдуғаффор Қурбонов, "БТҶ"**

# Фазои ягонаи суғуртавӣ омили пешравист

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2017, таҳти №30 "Дар бораи таъсис додани Идораи назорати суғуртавӣ дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон" Идораи назорати суғуртавӣ ҳамчун воҳиди таркибӣ таъсис дода шуд ва чанд моҳ аст, ки фаъолияти худро идома дода истодааст. Хабарнигори маҷалла ба хотири пешниҳоди маълумоти бештар дар бораи фаъолияти Идораи мазкур ва умуман соҳаи суғуртаи ҷумҳурӣ бо сардори Идораи назорати суғуртавӣ Дилбар Ҳусейнова мусоҳибае анҷом дод, ки инак, ба хонандагони гиромӣ манзур карда мешавад.

**Дар ибтидои суҳбат аз Шумо хоҳиш менамоем, ки барои шинос намудани хонандагони маҷалла бо фаъолияти соҳаи суғуртаи ҷумҳурӣ, бозори он маълумоти умумии мухтасар манзур намоед.**

— Бахши суғурта яке аз унсурҳои муҳими таркибии бозори молиявии мамлакатҳо ба ҳисоб рафта, дар он хизматрасониҳои суғуртавӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар навбати худ хизматрасониҳои суғуртавиро дар бозор ширкатҳои суғуртавӣ анҷом медиҳанд. Тараққиёти бахши суғурта ба ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодии давлат мусоидат менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгири манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад.

Он барои дар амал татбиқ шудани принсипи тақсимоти зарарҳои тарафайн байни суғурташаванда ва суғуртакунанда равона карда шуда, ҳамзамон дар шароити гузариш ба сохти индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт ба ҳайси яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва гирифтани фоида ба шумор меравад.

Шартҳои зарурии сохтани фазои ягонаи суғуртавӣ аз инҳо иборат аст:
- мавҷудияти талаботи ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- мавҷудияти суғуртакунандагон, ки қодиранд чунин талаботро қонеъ гардонанд;
- мавҷудияти назорати давлатӣ аз руи фаъолияти суғуртавӣ.

Маҳз ба туфайли ҳузур доштани ин се шарти асосӣ суғурта ба яке аз механизм ё худ фишанги асосии инфрасохтори бозор табдил меёбад.

Айни замон дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ, аниқтараш ба ҳолати 1 январи соли 2018 дар маҷмӯъ 22 ташкилоти суғуртавӣ, аз он ҷумла, 2 ташкилоти суғуртавии давлатӣ, КВД "Тоҷиксуғурта" ва КВД Суғуртавии "Тоҷиксармоягузор", 18 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ ҶДММ «ТС "МУИН"», ҶСДММ «Спитамен Суғурта», ҶСП ТС «Ориён-Иншуранс» ҶСП ТС «Кафил», ҶДММ «ТС Меҳнат» , ҶСП «ТС Лондон-Душанбе», ҶДММ «ТС Эсхата Суғурта», ҶСП «ТС М-Полис», ҶДММ «ТС ИМДОД», ҶДММ «ТС "ИТМИНОН"», ҶДММ «Суғуртаи Наҷот», ҶДММ «Суғуртаи миллӣ», ҶДММ «Суғуртаи Бимарз» ҶДММ



**Дилбар Ҳусейнова**, *сардори Идораи назорати суғуртавии БМТ*

«Суғуртаи БИМА», ҶДММ «ТС Боварӣ», ҶДММ «Лидер иншуренс», ҶДММ «Суғуртаи Шарқ», ҶДММ «Суғуртаи Тоҷик ва Чин», ҶДММ «Дариён БИМА», ҶДММ «Суғуртаи аввалини миллӣ», ҶДММ “Суғуртаи асри 21”, 1 брокери суғуртавӣ-ҶДММ Ташкилоти Брокерии Суғуртавии «Ариё» ва 1 Маркази суғуртаи мутақобила амал мекунанд. Ташкилотҳои суғуртавӣ аз рӯйи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, суғуртаи ҳатмӣ ва суғуртаи ихтиёрӣ ба шаҳрвандон хизмат мерасонанд.

**Тавре маълум аст, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати назорати суғуртавӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Бо гузашти муддати муайян чӣ тағйироту пешравиҳо дар соҳаи суғуртаи кишвар ба даст оварда шудаанд?**

— Қабл аз ҳама бояд гӯем, ки назорати давлатии суғурта аз болои фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 октябри соли 1991, таҳти №313 ташкил карда шуда буд. Баъдан, бо мақсади рушд додани суғурта ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои муосири байналмилалӣ, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, таҳти №408 “Дар бораи масъалаҳои Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ” ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, таҳти №851 “Дар бораи ба БМТ вогузор кардани ваколати назорати суғуртавӣ” мавриди амал қарор дода шуд.

Дар асоси санадҳои боло, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2017, таҳти №30 “Дар бораи таъсис додани Идораи назорати суғуртавӣ дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон” Идораи назорати суғуртавӣ ҳамчун воҳиди таркибӣ таъсис дода шуд ва инак, чанд моҳ аст, ки фаъолияти худро идома дода истодааст.

> Суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгири манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дар робита ба ин ва бо мақсади иҷрои фармони мазкур дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон Идораи назорати суғуртавӣ ташкил карда шуд. Лутфан бигӯед, ки мақсад ва вазифаи Идораи назорати суғуртавӣ ҳамчун воҳиди таркибии Бонки миллии Тоҷикистон аз чӣ иборат аст?**

— Дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон таъсис ёфтани Идораи назорати суғуртавӣ аз суханрониҳо, супоришу ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаҳои Шӯрои

машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта, ки солҳои 2013-14 баргузор гардида буданд, манша мегирад. Имрӯзҳо Идораи назорати суғуртавӣ бо мақсади боз ҳам тақвият бахшидани рушди бемайлони бозори суғуртаи ҷумҳурӣ, таҳия намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа, аз байн бурдани рақобати носолим ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди бозори суғуртаи кишварро пешаи кори худ қарор додааст. Идораи мазкур барои амалисозии мақсад ва вазифаҳои БМТ дар бахши назорати суғуртавӣ масъул буда, фаъолияти соҳаи суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат, танзим ва рушди самараноки хизматрасонии суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагонро таъмин менамояд. Дар баробари ин, Идора танзим ва назорати ягонаи суғурта оид ба масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ (лисензиякунонӣ), пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии ташкилотҳои суғуртавӣ, баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ, усулҳои суғуртакунӣ ва ҳамоҳангсозии суғуртакуниро амалӣ менамояд.

**Лутфан бигӯед, ки барои рушди соҳаи суғуртаи ҷумҳурӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта Идораи назорати суғуртавии БМТ то имрӯз чӣ корҳоро анҷом додааст? Муҳим он аст, ки оё барои рушди бахши суғурта заминаи ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ фароҳам шуда истодааст ё не?**

— Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, таҳти №788 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта" заминаи ҳуқуқии соҳа дар базаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда мустаҳкам шуда истодааст. Пеш аз ҳама, бо тамоми иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи ҷумҳурӣ бевосита бо иштироки роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ду маротиба вохӯрӣ гузаронида шуд. Дар рафти ин вохӯриҳо самтҳои асосии фаъолияти соҳа, мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, рушди минбаъдаи соҳа ва дигар масъалаҳои мубрам мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Агар дар ин бора мушахасан сухан гӯем, то ҳол аз ҷониби Идораи назорати суғуртавӣ вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта ҷиҳати фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ корҳои зерин ба сомон расонида шудаанд:

1. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ";
2. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии интиқолдиҳанда барои расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи мусофирон»;
3. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии масъулияти гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ";
4. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон";
5. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом";
6. Иҷозатномаҳои ҶДММ ТС "Эсхата суғурта" , КВД "Тоҷиксуғурта", ҶДММ ТС "Итминон" ва ҶДММ ТС "Кафил" тамдид карда шуда, ҶДММ ТС "Асри 21"-ро ба қайд гирифта, ба он иҷозатнома дода шуд, инчунин иҷозатномаи ҶДММ ТС "Боварӣ" аз нав ба расмият дароварда шуд.

Бидуни истиҳола метавон гуфт, ки барои рушди соҳаи суғуртаи ҷумҳурӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда истодааст ва минбаъд низ дар ин самт корҳо идома хоҳанд ёфт.

Хушбахтона, имрӯз дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон бахши махсуси суғурта ташкил карда шудааст ва дар он дастоварду пешравиҳои соҳа ва ҳамаи он тағйироту иловаҳое,

ки ба вуқуъ мепайванданд, инъикос карда мешаванд. Яъне, Идораи назорати суғуртавӣ дорои пойгоҳи маълумотҳо мебошад ва хоҳишмандон дилхоҳ вақт метавонанд аз маъумотҳои он бархурдор шаванд.

**Метавонед бигӯед, ки пеш аз таъсиси Идораи назорати суғуртавӣ дар сохтори Бонки миллӣ вазъи бозори суғуртаи ҷумҳурӣ чӣ гуна буд ва ҳоло бо гузашти муддате чанд он дар кадом сатҳу ҳолат қарор дорад ва оё дигаргуниҳои мусбат ба миён омадаанд?**

— Пеш аз таъсиси Идораи назорати суғуртавӣ вазъи бозори суғуртаи ҷумҳурӣ дар ҳолати карахтӣ қарор дошт. Баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” аз 23 июли соли 2017, тахти №1349 барои фароҳам овардани имкониятҳои зарурӣ ва ба вуҷуд омадани рақобати солим дар байни ширкатҳои суғуртавӣ заминаи ҳуқуқӣ ба миён омад. Яъне, имрӯз ҳамаи ширкатҳои суғуртавӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон метавонанд ҳамаи намудҳои суғуртаи ҳатмиро дар баробари намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ роҳандозӣ намоянд. Қобили қайд аст, ки соли гузашта як ширкати нави суғуртавӣ ба қайд гирифта шуда, барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ба он иҷозатнома дода шуд. Дар баробари ин баҳри ҷоннок намудани фаъолияти ширкатҳо назорат ба таври лозимӣ монда шудааст. Яъне, пас аз вохуриҳо бо роҳбарони

> Идораи мазкур барои амалисозии мақсад ва вазифаҳои БМТ дар бахши назорати суғуртавӣ масъул буда, фаъолияти соҳаи суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат, танзим ва рушди самараноки хизматрасонии суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагонро таъмин менамояд.

масъули ташкилотҳои суғуртавӣ соҳа мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуда, як қатор корҳо дар байни аҳолӣ оид ба ташвиқу тарғиби хизматрсониҳои суғуртавӣ ва ҷалби бештари суғурташавандагон гузаронида шудаанд, ки ин амал вазъро рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст. Умуман, ҳамаи он ҷаҳду талошҳое, ки имрӯзҳо Идораи назорати суғуртавӣ бевосита бо мададу дастгирии роҳбарияти БМТ карда истодааст, худ баёнгари дигаргуниҳои мусбӣ дар фаъолияти соҳа мебошанд.

**Айни замон дар ҷумҳурӣ 22 ташкилоти суғуртавӣ фаъолият доранд. Ба андешаи Шумо ин теъдоди ташкилотҳои суғуртавӣ барои фаро гирифтани талаботи аҳолии ҷумҳурии мо ва пеш бурдани соҳаи мазкур басанда аст? Дар кишварҳои ҳамсоя ва ҷумҳуриҳои дури Иттиҳоди давлатҳои мустақил ин низом дар кадом сатҳ қарор дорад?**

— Тавре аллакай иброз доштем, имрӯз сафи ширкатҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурии мо ба 22 адад расидаанд ва онҳо метавонанд ва қудрат доранд, ки дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани фаъолият, талаботи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба суғуртакунӣ фаро гиранд. Бо ин шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ маҳдуд карда намешавад ва ҳар як ширкате, ки дар оянда мехоҳад дар бозори рақобатноки имрӯзаи ҷумҳурӣ фаъолият намояд, бе мамониат тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои ҷойдошта худро сабти ном кунад ва барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар радифи дигар давлатҳо аъзои Шӯрои байнидавлатии ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии давлатҳо-аъзои ИДМ мебошад, ки дар ҷаласаҳои ҳарсолаи он роҳбарони масъули Идораи назорати суғуртавӣ ширкат меварзанд ва дар чорабиниҳову ҳалли он масоиле, ки дар Шӯрои мазкур бо назардошти манфиатҳои ҳамаи аъзоён ҳаллу фасл мегардад, саҳми худро мегузоранд. Вобаста ба ин, соҳаи суғуртаи ҷумҳурии мо низ дар ҳошияи ин муносибатҳои дуҷониба бо як қатор давлатҳо алалхусус бо Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Арманистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамкорӣ намуда истодааст. Ногуфта намонад, ки зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа мо

аз дастовардҳо ва таҷрибаи пешқадами ин давлатҳо истифода мебарем.

**Маълум аст, ки дар фаъолияти ҳар идораю муассисаҳо камбудию мушкилот вуҷуд доранд. Вобаста ба ин, имрӯз чӣ мушкилию камбудиҳо дар соҳаи суғурта вуҷуд доранд ва онҳоро идораи шумо чӣ тавр ҳаллу фасл мекунад?**

— Яке аз сабабҳои асосии рушди нокифояи бахши суғурта солҳои пеш дар мамлакат, пеш аз ҳама, набудани рақобат дар бозори суғурта ба шумор мерафт, ки имконияти ташкилотҳои ғайридавлатии суғуртавиро дар баробари ташкилотҳои давлатӣ барои расонидани хизматрасониҳои суғуртавӣ, аз ҷумла хизматрасонии суғуртаи ҳатмӣ маҳдуд менамуд. Мушкилоти мазкур бо қабул гардидани Қонуни асосии соҳа дар таҳрири нав ҳалли худро ёфта истодааст. Камбудии дигари бахши суғурта –ин ба дараҷаи кофӣ таъмин набудани ташкилотҳои суғуртавӣ бо мутахассисони соҳибтаҷриба мебошад, ки доир ба ин масъала низ бо ширкатҳои суғуртавӣ корҳои зарурӣ рафта истодааст. Мавҷуд набудани талаботи ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки яке аз шартҳои асосии сохтани фазои ягонаи суғуртавӣ дар ҳар як давлат мебошад, яке аз мушкилоти феълии соҳа ба шумор меравад. Оид ба ҳалли ин масъала дар вохуриҳо бо масъулони ташкилотҳои суғуртавӣ гуфтугузори ҷиддӣ сурат гирифт ва онҳо вазифадор карда шуданд, ки тариқи воситаҳои ахбори омма корҳои ташфиқу тарғиб ва фаҳмондадиҳиро ба таври васеъ ба роҳ монанд.

Камбудии дигар, ки хеле муҳим аст, ин маҳдуд будани фаъолияти худи ташкилотҳои суғуртавӣ дар атрофи шумораи маҳдуди намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ё ихтиёрӣ мебошад. Агар аниқтар карда гӯем, онҳо бештар кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ба намудҳои манфиатовари суғурта машғул гардида, аз истифодаи дигар намудҳо сарфи назар мекунанд. Нисбати масъалаи мазкур ба ташкилотҳои суғуртавӣ расман муроҷиатҳо ва дастурҳо дода шуданд.

**Ва ниҳоят, ба андеша Шумо барои танзим ва рушди минбаъдаи самараноки хизматрасонии суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва давлат анҷом додани кадом корҳо зарур аст?**

— Дар айни замон Идораи назорати суғуртавӣ доир ба ин масъала корҳои назаррасро амалӣ намуда истодааст. Дар баробари корҳои рӯзмарра ва Нақшаи корӣ, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз тарафи кормандони Идора дар радифи таҳлили низоми суғуртавии давлатҳои мутараққӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ барои ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти суғуртавӣ корҳо амалӣ шуда истодаанд.

Да маҷмуъ, ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаи суғурта дар кишвар бояд барои омода намудани мутахассони касбии соҳа, дигар намудани талабот нисбат ба сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ, ташаккули бозори фаъолияти азнавсуғуртакунии ширкатҳои ватанӣ ва фаъолияти суғуртакунии муштарак, таъсиси ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила дар минтақаҳо, аз тарафи ташкилотҳои суғуртавӣ мунтазам роҳандозӣ намудани чорабиниҳои таблиғотӣ тавассути ВАО, инчунин ташкили семинар-машваратҳо ва дигар корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дар ин замина баланд бардоштани эътимоднокӣ ва нуфузи соҳаи суғурта дар байни аҳолӣ, баррасӣ намудани масъалаи суғуртакунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумлаи фаъолиятҳоеанд, ки нисбати амалӣ гаштани онҳо тадбирҳои мушаххас андешида шаванд. Дар ин самт Идораи назорати суғуртавӣ тамоми кӯшишу талошҳои худро ба он равона месозад, то ки тамоми он супоришу вазифаҳоеро, ки дар наздаш гузошта шудаанд, дар сатҳи зарурӣ иҷро намояд.

**– Ташаккур барои суҳбати муфассал.**

**Мусоҳиб,**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**“БТҶ”**

# ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ДУРУСТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТУ ИҶТИМОИЁТ МУСОИДАТ МЕНАМОЯД



25 январи соли ҷорӣ тахти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизӣ Абдуҷаббор Абдуқаҳҳор оид ба мавзӯи «Сиёсати пулию қарзӣ ва самтҳои пешбурди он дар доираи супоришҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соати парламентӣ баргузор гардид, ки дар он намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон ширкат варзид.

Тавре Абдуҷаббор Азизӣ зикр кард, пешбурди сиёсати дурусти пулию қарзӣ ба рушди иқтисодиёту ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

> Бо мақсади паст намудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва хавфи асъорӣ, инчунин баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ, ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ 10,9 фоиз коҳиш ёфта, бо пули миллӣ 19,2 фоиз афзоиш дода шуд. Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда қариб 8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 1,3 фоиз кам мебошад.

Ба ин масъала зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дахл карда, таъкид намуданд, ки: «Вазъи низоми пуливу қарзии кишвар, бахусус, фишори қурб ба асъори миллӣ, ноустувории сармояи бонкӣ, сатҳи нокифояи қардиҳӣ ба иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармоя моро водор месозад, ки дар ин самт тадбирҳои таъхирнопазир андешем».

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин Салом роҷеъ ба тадбирҳои андешидашуда доир ба солимгардонии низоми бонкӣ, таҳкими сиёсати пулию қарзӣ, мусоидат ба таъмини суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ ибрози назар карда, таъкид намуд, ки новобаста аз идома ёфтани таъсири манфии бӯҳрони сиёсӣ — иқтисодӣ соли 2017 як қатор нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ мусбат ҷамъбаст гардиданд. Аз ҷумла, бақияи умумии пасандозҳо соли сипаригардида 9,3 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 37,4 млн.

сомонӣ зиёд аст. Бо мақсади паст намудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва хавфи асъорӣ, инчунин баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ, ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ 10,9 фоиз коҳиш ёфта, бо пули миллӣ 19,2 фоиз афзоиш дода шуд. Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда қариб 8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 1,3 фоиз кам мебошад.

Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода), ки тамоюли камшавӣ доранд, то 31 декабри соли 2017-ум 35,8 фоизро ташкил намуд, яъне нисбат ба аввали сол 11 банди фоизӣ (1,6 млрд. сомонӣ) коҳиш ёфт. Ин аз нисбатан беҳтар гардидани пардохтпазирии бонкҳои мушкилдор шаҳодат медиҳад.

- Умуман, соли гузашта даромаднокии дороиҳо, сармояи ташкилоти қарзӣ ва пардохтпазирии онҳо нисбат ба соли қаблӣ мусбат ҷамъбаст гардид. Ба буҷет 541,4 млн. сомонӣ андоз ва ба мизоҷон ба маблағи 302 млн. сомонӣ фоиз аз рӯйи пасандозҳо пардохт карда шуд, — гуфт Икромӣ Сироҷиддин Салом.

Қайд гардид, ки ҷиҳати ба танзим даровардани ҳаҷми

> Яке аз масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ вусъат додани амалиёти ғайринақдӣ, рушди инфрасохтори низоми пардохт, бемамоният ва сари вақт пешниҳод намудани хизматрасонии кортҳои пардохтӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ мебошад.

пул дар муомилот, пешгирӣ намудани фишорҳои қурбӣ ва сатҳи таваррум 187 музоядаи коғазҳои қиматнок ба маблағи 8,7 млрд. сомонӣ гузаронида шуд, ки нисбат ба соли 2016 қариб 2 маротиба ё ба маблағи 4,4 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Дар доираи фишанги нави амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) 18,5 млрд. сомонӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҷалб гардид. Татбиқи сиёсати қурбӣ дар асоси талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ амалӣ гардид ва қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 12,0 фоиз (дар соли 2016 -10,8 фоиз) коҳиш ёфт ва фарқи он ба 0,9 банди фоизӣ баробар шуд, ки ба меъёри байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Сироҷиддин Икромӣ дар идома зикр намуд, ки дахолатҳои асъории Бонки миллии Тоҷикистон соли 2017 бе истифода аз захираҳои тиллоии асъорӣ ва кам кардани ҳаҷми онҳо, асосан аз ҳисоби маблағҳои бо рубли русӣ харидоришаванда анҷом дода шуданд. Бо мақсади қонеъ кардани талабот ба доллари нақди ИМА дар ин давра ташкилотҳои қарзӣ тақрибан ба маблағи 300 млн. доллар таъмин карда шуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ вусъат додани амалиёти ғайринақдӣ, рушди инфрасохтори низоми пардохт, бемамоният ва сари вақт пешниҳод намудани хизматрасонии кортҳои пардохтӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ мебошад. Дар ин робита Сироҷиддин Икромӣ қайд кард, ки оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ва тақвият бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо Кумитаи андоз ҳайати муштараки корӣ таъсис шуд. Дар давраи фаъолияти он дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 1119 терминали электронӣ насб гардид ва шумораи умумии онҳо ба 1944 расонида шуд, ки нисбат ба соли

қаблӣ 2,7 маротиба зиёд мебошад, вале ин ҳанӯз моро қаноатбахш карда наметавонад. Ҳоло аз ҷониби ташкилоти қарзӣ зиёда аз 1500 терминали электронӣ харидорӣ шудааст ва ҳангоми муроҷиати мизоҷон дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда мешаванд. Айни ҳол, миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ зиёда аз 1694 ҳазорро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли қаблӣ 4,5 фоиз зиёд аст.

Миқдори дорандагони кортҳои пардохтӣ низ 4,1 фоиз зиёд шуда, 1672 ҳазор нафарро ташкил намуд. Тавассути кортҳо 17,6 млн. амалиёт ба маблағи умумии 8,3 млрд. сомонӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 16,6 фоиз зиёд аст. Шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқан 685 ва 3325 ададро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба соли қаблӣ шумораи банкоматҳо 114 адад кам ва шумораи терминалҳои электронӣ 870 адад зиёд шудааст.

Умуман, соли 2017 дар ҷумҳурӣ тавассути низоми гуногуни ҳисоббаробаркунӣ зиёда аз 83,0 млн. амалиёти пардохти ғайринақдӣ ба маблағи 656,3 млрд. сомонӣ

> Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ баҳри устувории низоми бонкии кишвар дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешида, раванди ислоҳоти соҳаи бонкдориро бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар идома медиҳад,

гузаронида шуд ва афзоиши онҳо мувофиқан 37,0 ва 59,2 фоизро ташкил дод. Ин аз нисбатан беҳтар гардидани таъмини шаффофият ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ ва эътимоди онҳо ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Бо дастгирии бевоситаи Роҳбари давлат дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон интишори нахустин рейтинги қарзии кишвар ва барориши аввалин коғазҳои қиматноки давлатӣ (евробондҳо) ба маблағи 500 млн. доллари ИМА ба бозори ҷаҳонӣ муваффақона амалӣ шуд, ки саҳифаи нав дар ташаккулёбии иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ ва ҳамгироии он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

- Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ баҳри устувории низоми бонкии кишвар дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешида, раванди ислоҳоти соҳаи бонкдориро бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар идома медиҳад, — гуфт дар фарҷом Сироҷиддин Икромӣ.

Дар хотима вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффоров, Ҷамшед Саидов, Насиба Содиқова, Мавзуна Шарофиддинова, Гулбаҳор Назирӣ, Ҷаббор Ахмедов, Рустам Қудратов, Зуфархон Исмоилзода, Мирзодавлат Сабурзода ва Муҳаббатшо Рӯзадор роҷеъ ба хавфҳои қарзие, ки ба низоми бонкдорӣ таҳдид мекунанд, тадбирҳо оид ба паст кардани фоизи қарзҳо, чораҷӯйӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидани фаъолияти низоми бонкдорӣ, фаъолияти бонкҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон ва ғайра савол дода, посухҳои мушаххас гирифтанд.

**http://sadoimardum.tj**

# Пули нақд: ЧАРО АҲОЛӢ АЗ ОН ЗИЁД ИСТИФОДА МЕБАРАД?



Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон аз 25 сентябр то 9 октябри соли 2017 доир ба сабабҳои аз ҷониби аҳолӣ бештар истифода бурдани пули нақд назарсанҷии шаҳрвандонро баргузор намуда буд. Назарсанҷии мазкур мувофиқи таҷрибаи қаблӣ дар байни аҳолӣ, хусусан дар бозорҳо, маҳалҳо, корхонаю муассисаҳо ва бонкҳо гузаронида шуд. Дар он 868 нафар респондентон иштирок намуда, фикру андешаҳои худро оид ба ҳар як саволи пурсишнома дар алоҳидагӣ иброз намуданд.

Саволи якум бо мазмуни зер дар пурсишнома ҷойгир карда шуда буд: "Шумо дар таъмини рӯзгоратон бештар пули нақд истифода мебаред ва ё ғайринақдӣ?". Ба саволи мазкур 868 нафар респондентон ҷавоб гардонида, чунин ибрози ақида намуданд, аз ҷумла: шумораи 862 нафар ё 99,3 фоиз дар таъмини рӯзгор бештар пули нақд ва танҳо 6 нафар ё 0,7фоизи респондентон қайд намуданд, ки бештар аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар таъмини рӯзгорашон истифода мебаранд. (Диаграммаи 1.).

Саволи дуюм бо мазмуни зайл манзур гардида буд: "Сабаб дар чист, ки Шумо пули нақдро бештар истифода мебаред?". Нисбати ин савол аз ҷониби респондентон 891 ҷавоб манзур гардид, ки назар ба шумораи респондентони дар назарсанҷӣ иширокдошта, бинобар сабаби интихоб намудани якчанд ҷавоб аз ҷониби  респондентон зиёд мебошад.

Ақидаи респондентон доир ба саволи мазкур чунин ҷамъбаст гардид: теъдоди 520 нафар ё 58,4 фоиз қайд намуданд, ки бо сабаби осон будани хариди молу ашё, 174 нафар ё 19,5 фоиз мавҷуд набудани дастгоҳи истифодабарии корти пардохтӣ дар марказҳои савдо, 59 нафар ё 6,6 фоиз дар марказҳои савдо бештар гирифтани пули нақд, 114 нафар ё 12,8 фоиз бо сабаби зиёд будани талабот ба пули нақд ва 24 нафар ё 2,7 фоиз бо дигар сабабҳо бештар пули нақдро истифода мебаранд. (Диаграммаи 2.).

Саволи сеюм дар шакли зерин пешниҳод шуд: "Оё Шумо амалиётҳои ғайринақдиро истифода мебаред?". Бояд қайд кард, ки ба саволи мазкур 860 нафар ё 99,1 фоизи респондентон ҷавоб гардониданд, аз ҷумла: теъдоди 117 нафар ё 13,6 фоизи респондентон посух доданд, ки амалиёти ғайринақдиро истифода мебаранд, вале шумораи 743 нафар ё 86,4 фоиз изҳор доштанд, ки амалиёти ғайринақдиро истифода намебаранд. (Диаграммаи 3.).

Бояд қайд намоем, ки ҷавоб ба саволи мазкур дар пурсишнома дар ду қисм пешниҳод шуда буд - "Ҳа", респондентоне, ки амалиётҳои ғайринақдиро истифода мебаранд ва "Не", респондентоне, ки чунин амалиётҳоро истифода намебаранд.

Ба қисмати якуми саволи мазкур, ки ба таври зерин оварда шуда буд: "Агар "ҳа", дар кадом мавридҳо амалиёти ғайринақдиро анҷом медиҳед?", теъдоди 203 нафар ё 23,4 фоизи респондентон ҷавоб доданд,

**Диаграммаи 1.** Истифодаи пули нақд ва ё ғайринақдӣ дар таъмини рӯзгор аз ҷониби респондентон (нафар/фоиз)




**Дигараммаи 2.** Истифодаи бештари пули нақд (нафар/ фоиз)




**Диаграммаи 3.** Истифодабарии амалиётҳои ғайринақдӣ (нафар/фоиз)




**Дигараммаи 4.** Мавридҳои истифодабарии амалиёти ғайринақдӣ аз ҷониби респондентон (фоиз/нафар)




ки амалиёти ғайринақдиро истифода мебаранд, аз ҷумла: 104 нафар ё 51,2 фоиз ҳангоми хариду молу ашё, 50 нафар ё 24,6 фоиз барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, 5 нафар ё 2,5 фоиз барои пардохти ҳаққи иҷора, 18 нафар ё 8,9 фоиз ҳангоми хизматрасонии телефони мобилӣ. Инчунин теъдоди 9 нафар ё 4,4 фоиз иброз намуданд, ки амалиётҳои ғайринақдиро бо дигар мақсадҳо истифода мебаранд, 2 нафар ё 1,0 фоиз бошад, барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Аз шумораи умумии респондентон 15 нафар ё 7,4 фоиз изҳор намуданд, ки амалиётӣ ғайринақдиро умуман истифода намебаранд. (Диаграммаи 4.).

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз рӯи қисми дувуми саволи мазкур, ки дар пурсишнома ба таври зерин ҷойгир гардида буд: “Агар “не”, чӣ мушкилот мавҷуд аст, ки Шумо амалиётҳои ғайринақдиро истифода намебаред?” теъдоди 875 нафар респондентон ҷавоб гардониданд. Аз теъдоди 875 нафар респондентоне, ки амалиётҳои ғайринақдиро истифода намебарад, сабаби онро чунин баён намуданд, аз ҷумла: 345 нафар ё 39,4 фоиз корти пардохтии бонкӣ надоранд, 115 нафар ё 13,1 фоиз корти пардохтии бонкиро истифода бурда наметавонанд, 58 нафар ё 6,6 фоиз ба ин амалиёт эҳтиёҷ надоранд, 60 нафар ё 6,9 фоиз хароҷоти ин амалиётро баланд мешуморанд, 124 нафар ё 14,2 фоиз дар он ақидаанд, ки истифодаи пули нақд осонтар аст, 37 нафар ё 4,2 фоиз бо дигар сабаб амалиётҳои ғайринақдиро истифода намебаранд. (Диаграммаи 5.).

Саволи чорум бо чунин маънӣ манзур шуда буд: “Шумо кадом намуди хизматрасониҳои электронии бонкиро истифода мебаред?”. Теъдоди ҷавобҳо аз

**Дигараммаи 5.** Сабаб ва мушкилот барои истифода набурдани амалиётҳои ғайринақдӣ (нафар/фоиз)




**Дигараммаи 6.** Мушкилоти истифода набурдани амалиётҳои ғайринақдӣ (нафар/фоиз)




рӯи саволи мазкур 873 ададро ташкил дод, ки 100,6 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил медиҳад. Қобили зикр аст, ки ҳангоми ҷавоб ба саволи мазкур респондентон имкон доштанд озодона як ва ё якчанд ҷавобро интихоб намоянд.

Аз шумораи умумии ҷавобҳо, ки 873 ададро ташкил намуд, теъдоди 162 нафар ё 18,6 фоиз изҳор намуданд, ки аз хизматрасониҳои электронии бонкӣ бештар кортҳои пардохтии бонкӣ, 112 нафар ё 12,8 фоиз бонки мобилӣ, 82 нафар ё 9,4 фоиз интернет-бонкро истифода мебаранд. Ҳамзамон 339 нафар ё 38,8 фоиз ошкоро посух доданд, ки хизматрасониҳои электронии бонкиро истифода намебаранд, 94 нафар ё 10,8 фоиз барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашида ва 84 нафар ё 9,6 фоиз қайд намуданд, ки дигар намуди

**Дигараммаи 7.** Мақсадҳои истифодабарии хизматрасонии бонки мобилӣ ( фоиз)




хизматрасониҳои электронии бонкиро истифода мебаранд. (Диагараммаи 6.).

Саволи панҷум бо мазмуни зайл ҷойгир карда шуда буд: “Шумо хизматрасонии бонки мобилиро бо кадом мақсад истифода мебаред?”. Ба саволи боло 854 нафар ё 98,4 фоизи шумораи умумии респондентон ҷавоб гардониданд.

Аз он ҷумла, 93 нафар ё 10,9 фоиз қайд намуданд, ки хизматрасонии бонки мобилиро бо мақсади пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, 119 нафар ё 13,9 фоиз барои пардохти хизматрасониҳои телефони мобилӣ, 74 нафар ё 8,7 фоиз барои маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ, 84 нафар ё 9,8 фоиз барои пардохти хариду фурӯши молу ашё, 64 нафар ё 7,5 фоиз барои қарзадокунӣ истифода бурда, 72 нафар ё 8,4 фоиз хизматрасонии мазкурро бо дигар мақсад ва 23 нафар ё 2,7 фоиз барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Аз теъдоди умумии иштирокдорон 325 нафар ё 38,1 фоиз изҳор доштанд, ки умуман ин намуди хизматрасониро истифода намебаранд. (Диаграммаи 7.).

Ба саволи шашум, ки чунин пешкаш гардида буд: “Шумо хизматрасонии интернет-бонкро бо кадом мақсад истифода мебаред?” теъдоди 901 нафар ҷавоб доданд. Респондентон ҳангоми ҷавоб ба ин савол ҳам имкон додштанд аз як то якчанд ҷавобро интихоб намоянд, аз ин рӯ шумораи ҷавобҳо нисбати шумораи респондентони дар назарсанҷӣ иштирокнамуда, 3,8 фоиз зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии 901 адад ҷавобҳои пешниҳодгардида, хизматрасонии интернет-бонкро бо мақсадҳои зерин, аз ҷумла: 64 нафар ё 7,1 фоиз барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, 72 нафар ё 8,0 фоиз барои қарзадокунӣ, 95 нафар ё 10,5 фоиз барои пардохти хариду

**Дигараммаи 8.** Мақсадҳои истифодабарии хизматрасонии интернет-бонк (фоиз)




**Дигараммаи 9.** Соҳиби корти пардохтии бонкӣ будан ва ё надоштани корти пардохтии бонкӣ (нафар/фоиз)




фурӯши молу ашё, 98 нафар ё 10,9 фоиз барои пардохти хизматрасони телефони мобилӣ, 22 нафар ё 2,4 фоиз барои маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ, 13 нафар ё 1,4 фоиз барои дигар мақсадҳо истифода мебаранд. Теъдоди 17 нафар ё 1,9 фоизи респондентон дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Дар баробари ин теъдоди 520 нафар ё 57,7 фоизи дигар қайд намудаанд, ки хизматрасонии интернет-бонкро умуман истифода намебаранд. (Диаграммаи 8.).

Саволи навбатии пурсишнома мазмуни зайл дошт: "Оё Шумо корти пардохтии бонкӣ доред ва онро истифода мебаред?". Ба саволи мазкур 863 нафар ҷавоб доданд, ки 99,4 фоизи ҳаҷми умумии респондентонро ташкил медиҳад.

Аз шумораи умумии респондентоне, ки ба саволи мазкур ҷавоб гардониданд(863 нафар), теъдоди 302 нафар ё 35 фоиз қайд намуданд, ки корти пардохтии бонкӣ доранд ва онро истифода мебаранд, вале 561 нафар ё 65,0 фоизи дигар иброз намуданд, ки корти пардохтии бонкӣ надоранд ва онро истифода бурда наметавонанд. (Диаграммаи 9.).

Саволи ҳаштум дар шакли шерин манзур шуда буд: "Шумо хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро бо кадом мақсад бештар истифода мебаред?" Ба саволи мазкур  респондентон 922 ҷавоб пешниҳод намуданд, ки 106,2 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил медиҳад. Сабаби зиёд будани шумораи ҷавобҳо нисбати шумораи респондентон дар он аст, ки респондентон метавонистанд зимни посух додан ба ин савол аз як то якчанд ҷавобро интихоб намоянд.

Аз маълумотҳои ҷамъбастгардида мушоҳида мегардад, ки аз 922 адад ҷавоби гирифташуда 119 нафар ё 12,9 фоиз кортҳои пардохтии бонкиро барои гирифтани музди меҳнат, 65 нафар ё 7,0 фоиз барои харидории молу хизматрасониҳо, 29 нафар ё 3,1 фоиз барои гирифтани нафақа, 98 нафар ё 10,6 фоиз барои хариди дигар воситаҳо, 101 нафар ё 11,0 фоиз барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ва 64 нафар ё 6,9 фоиз бо дигар мақсадҳо истифода мебаранд. 9 нафар ё 1,0 фоиз бошад, дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Ҳамзамон, 437 нафар ё 47,4 фоизи респондентон қайд намуданд, ки аз кортҳои пардохтии бонкӣ истифода намебаранд. (Диаграммаи 10.).

Ба саволи дигари назарсанҷӣ - "Шумо мехоҳед қисме аз даромади моҳонаатонро дар бонк ҳамчун воситаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нигоҳ доред?" 866 нафар ё 99,8 фоизи респондентон посух додаанд.

Аз шумораи умумии респондентони ҷавобдода, 242 нафар ё 27,9 фоиз қайд намуданд, ки мехоҳанд қисме аз даромади моҳонаи худро дар бонк ҳамчун воситаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нигоҳ доранд. Мутаассифона, қисми зиёди респондентон - 588 нафар ё 67,9 фоиз иброз намуданд, ки намехоҳанд қисми даромади моҳонаи худро дар бонк барои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ нигоҳ доранд. Теъдоди 36 нафар ё 4,2 фоизи дигар

**Дигараммаи 10.** Мақсадҳои истифодабарии корти пардохтии бонкӣ (фоиз)




**Дигараммаи 11.** Ҳоҳиши аҳолӣ оид ба нигоҳ доштани қисме аз даромади моҳонаи худ дар бонк ҳамчун воситаи ҳисобббаробаркунии ғайринақдӣ (фоиз)




барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашидаанд. (Диаграммаи 11.).

Саволи даҳум бо чунин маънӣ ҷойгир карда шуда буд: “Сабаб дар чист, ки Шумо бештар маблағҳои нақдии худро дар хона ва ё дар ҷойи дигар нигоҳ медоред, на дар бонкҳо?” Аз ҷониби респондентон 887 ҷавоб пешниҳод гардид, ки 102,2 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил медиҳад. Дар интихоби ҷавоб ба ин савол низ респондентон

**Дигараммаи 12.** Сабабҳои дар бонк нигоҳ надоштани маблағҳои нақдии аҳолӣ (нафар/фоиз)




озодона метавонистад аз як то якчанд ҷавобро интихоб намоянд. Бинобар ин, шумораи ҷавобҳо нисбати шумораи респондентон зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии ҷавобҳо 444 нафар ё 50,1 фоизи респондентоне, ки ба саволи мазкур ҷавоб гардониданд, қайд намуданд, ки бо сабаби боварӣ надоштан ба бонкҳо пули нақди худро на дар бонкҳо, балки дар хона ё дигар ҷойҳо нигоҳ медоранд. Ҳамзамон, теъдоди 95 нафар ё 10,7 фоизи дигари респондентон изҳор доштанд, ки ба бонкҳо эътимод надоранд. Шумораи 82 нафар ё 9,2 фоиз қайд кардаанд, ки маблағҳои қаблан ба бонкҳо гузоштаашонро аз бонк бозпас гирифта наметавонанд. Теъдоди 95 нафар ё 10,7 фоизи респондентон хизматрасониҳои бонкҳоро қаноаткунанда намешуморанд ва 42 нафар ё 4,7 фоизи дигар қайд намуданд, ки аз ин гуна амалиётҳо даромад намегиранд.

Ҳамзамон, 64 нафар ё 7,2 фоиз бо дигар сабабҳо пули нақдии худро дар бонк нигоҳ намедоранд ва 65 нафар ё 7,3 фоизи дигар дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. (Диаграммаи 12.).

Саволи ёздаҳум бо мазмуни зайл пешкаш шуда буд: “Кадом намуди хизматрасониҳои бонкӣ бештар ба фаъолияти Шумо кумак мерасонад?”. Ба саволи мазкур 871 адад ҷавоб ҷамъбаст гардид, ки 100,3 фоизи респондентонро ташкил медиҳад.

Тавре аз маълумотҳои ҷамъбастгардида мушоҳида гардид, ба фаъолияти 350 нафар ё 40,2 фоизи респондентон бештар хизматрасонии қарзи бонкӣ, 159 нафар ё 18,3 фоиз истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ, 187 нафар ё 21,5 фоиз саривақт дастрас кардани пули нақд, 91 нафар ё 10,4 фоиз интиқоли пулии ғайринақдӣ кӯмак мерасонад.

**Дигараммаи 13.** Намуди хизмарасониҳои бонкие, ки бештар ба фаъолияти респондентон кумак мерасонад (фоиз)




**Дигараммаи 14.** Истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби респондентон ҳангоми хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо (нафар/фоиз)




Теъдоди 38 нафар ё 4,4 фоизи респондентон қайд намуданд, ки ба фаъолияти онҳо дигар намуди хизматраснихои бонкӣ кӯмак расонида, 46 нафар ё 5,3 фоизи дигар дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. (Диаграммаи 13.).

Саволи навбатӣ бо мазмуни зерин оварда шуда буд: "Оё Шумо мехоҳед аз кортҳои пардохтии бонкӣ дар хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо истифода баред?". Ба он 855 ҷавоб ё 98,5 фоизи шумораи умумии респондентон ҷавоб гардониданд.

Аз 855 нафар респондентони ба ин савол ҷавобдода 557 нафар ё 65,1 фоизашон қайд намуданд, ки мехоҳанд аз кортҳои пардохтии бонкӣ дар хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо истифода баранд, вале 275 нафар ё 32,2 фоизи онҳо намехоҳанд аз ин гуна амалиёти ғайринақдӣ истифода намоянд. Шумораи 23 нафар ё 2,7 фоизи респондентон дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. (Диаграммаи 14.).

Саволи дигар дар пурсишнома чунин оварда шуда буд: «Ба фикри Шумо истифодаи пули нақд аз ғайринақдӣ чӣ бартарият дорад?». Ба саволи мазкур 892 ҷавоб пешниҳод гардид, ки нисбат ба ҳаҷми умумии респондентоне, ки дар назарсанҷии мазкур иштирок намуданд 2,8 фоиз зиёд мебошад. Сабаби зиёд будани теъдоди ҷавобҳо ба саволи мазкур нисбат ба шумораи умумии респондентон, ин аз ҷониби онҳо озодона интихоб намудани як ва ё якчанд ҷавоб ба саволи мазкур мебошад. Дар натиҷа респондентон низ ақидаи худро ба тарзи возеҳу равшан нисбати саволи зикршуда иброз намуданд.

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида, аз шумораи умумии респондентони назарсанҷӣ 536 нафар ё 60,1 фоиз сабаби бештар истифода бурдани пули нақдро аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар бидуни мушкилӣ хариду фурӯш кардан, 112 нафар ё 12,6 фоиз нагирифтани фоизи хизматрасонии иловагӣ ҳангоми хариди молу ашё, 96 нафар ё 10,8 фоиз фаъолияти ношаффофи бонкҳо, 85 нафар ё 9,5 истифода бурда натавонистани корти пардохтии бонкӣ ва 63 нафар ё 7,1 фоиз дар дигар омилҳо мебинанд. (Диаграммаи 15.).

Саволи навбатӣ бо мазмуни зерин оварда шуда буд: "Шумо сабабҳои кам истифода бурдани пули ғайринақдиро дар чӣ мебинед?". Ба саволи мазкур аз ҷониби респондентон 871 ҷавоб дастрас гардид, ки 100,3 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида оид ба саволи боло мушоҳида гардид, ки аҳолӣ сабабҳои кам истифода бурдани пули ғайринақдиро ба тарзи зерин шарҳ доданд: 515 нафар ё 59,1 фоиз дастрас набудани терминалҳо, 129 нафар ё 14,8 фоиз маърифати пасти молиявӣ, 106 нафар ё 12,2 фоиз ба пардохтҳои ғайринақдӣ боварӣ надоштан, 62 нафар ё 7,1 фоиз хароҷоти иловагӣ доштани ин намуди амалиёт, 27 нафар ё 3,1 фоиз дигар сабабҳо ва 32 нафар ё 3,7 дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашидаанд. (Диаграммаи 16.).

Саволи охири пурсишнома бо мазмуни зерин ҷойгир карда шуда буд: "Шумо ҳангоми мубодилаи асъор бештар кадом шакли ҳисоббаробаркуниро истифода мебаред?" Ба ин савол 852 нафар ё 98,2

**Дигараммаи 15.** Сабабҳои бештар истифода бурдани пули нақд нисбат ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ (фоиз)




**Дигараммаи 16.** Сабабҳои кам истифода бурдани пули ғайринақдӣ аз ҷониби аҳолӣ (нафар/ фоиз)




**Диаграммаи 17.** Истифодаи шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми мубодилаи асъор (фоиз)




фоизи респондентон ҷавоб пешниҳод карданд, ки 98,2 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил менамояд.

Тавре аз маълумотҳои ҷамъбастгардида бармеояд, аз шумораи умумии респондентони ба ин савол посухдода ҳангоми мубодилаи асъор 532 нафар ё 62,4 фоиз пули нақди сомонӣ, 265 нафар ё 31,1 фоиз корти пардохтии бонкӣ, 26 нафар ё 3,1 фоиз бонки мобилӣ, 17 нафар 2,0 фоиз интернет-бонкро истифода мебаранд. Теъдоди 12 нафар ё 1,4 фоиз иброз доштанд, ки ба ин намуди амалиёт эҳтиёҷ надоранд ва 63 нафар ё 7,4 фоизи дигар дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашидаанд.(Диаграммаи 17.).

Таҳлили натиҷаҳои назарсанҷии мазкур нишон дод, ки шаҳрвандон сабабҳои бештар истифода бурдани пули нақд дар таъмини рӯзгорро ба таври дақиқу шаффоф баён намуданд. Аз ҷумла, як қатор камбудиҳое, ки садди роҳи рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мешаванд, ҳангоми ҷамъбасти фикру ақидаҳои респондентон маълум гардиданд: дастрас набудани терминалҳо (515 нафар ё 59,1 фоиз), маърифати пасти молиявӣ (129 нафар ё 14,8 фоиз ), надоштани корти пардохтии бонкӣ (336 нафар ё 38,4 фоиз), истифода бурда натавонистани корти пардохтии бонкӣ (113 нафар ё 12,9 фоиз), хоҳиш надоштани аҳолӣ барои нигоҳ доштани пули нақд дар бонк (588 нафар ё 67,9 фоиз), ба бонкҳо боварӣ надоштани аҳолӣ (444 нафар ё 50,1 фоиз), истифодаи корти пардохтии бонкӣ бештар бо мақсади нақдикунонии маблағ, аз ҷумла гирифтани музди меҳнат ва нафақа (148 нафар ё 16,1 фоиз) ва ғ.

Муҳимтар аз ҳама, аз шумораи умумии респондентон 65 фоизашон ошкоро баён намуданд, ки ҳангоми анҷом додани хариду фурӯши молу ашё, иҷрои кор ва хизматрасониҳо мехоҳанд аз кортҳои пардохтии бонкӣ истифода баранд. Аз ин лиҳоз, баҳри таъмини суботи нишондиҳандаҳои пуливу қарзӣ, инчунин осону оммафаҳм ва дастрас намудани инфрасохторе, ки барои афзудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт замина мегузорад, бояд ҷораҳои зарурӣ андешида шаванд.

**М.Ниёзов** – муовини Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ тадқиқотии БМТ,
**Н.Назриева**-сардори Бахши тадқиқоти илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ.

# Пардохтҳои ғайринақдӣ омили рушди иқтисодиёт мебошанд

> Дар давраи фаъолияти Ҳайати корӣ (апрел-декабр) аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 1119 адад терминалҳои электронӣ насб карда шуда, шумораи умумии онҳо ба 1944 адад расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 175 фоиз зиёдтар аст.



Имрӯз низомҳои пардохтии кулли давлатҳои рушдкарда ва рӯ ба инкишофи дунё тамоми кӯшишҳои худро ба он равона карда истодаанд, ки аксари хариди молу амвол, хизматрасонӣ ва дигар амалиётҳои пулиро ба тариқи ғайринақдӣ анҷом бидиҳанд. Бо мақсади кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот, тезонидани рушди татбиқи пардохтҳои ғайринақдӣ дар ин кишварҳо аз дастовардҳои илму технологияи навини пардохтӣ, аз қабили терминалҳои электронӣ, интернет-бонкинг, мобайл бонкинг ва ҳисоббаробаркуниҳо бо пулҳои электронӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 зикр гардидаанд, дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ, ҷиҳати кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот ва зиёд намудани ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Дар робита ба ин, тибқи Нақшаи чорабиниҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ корҳо дар самтҳои зерин вусъат дода мешаванд:

(а) рушди инфрасохтори низоми пардохт барои амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ:

(б) назорати саривақт бо таҷҳизоти дахлдор таъмин намудани муассисаҳои савдою хизматрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ;

(в) баланд бардоштани саводнокии молиявии

аҳолӣ вобаста ба истифодаи воситаҳои муосири пардохтӣ;

(г) роҳандозӣ намудани ҳамкорӣ бо низомҳои пардохтии байналмилалӣ ва ватанӣ;

(ғ) ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ҷиҳати таҷдиди назар намудани сиёсати андозӣ ва ҷорӣ оиди қабули ҳатмии пардохти ғайринақдӣ барои ҳама гуна хизматрасониҳо (пардохтҳои коммуналӣ, қувваи барқ, оби нӯшокӣ, гармӣ, хизматрасониҳои Бозрасии давлатии автомобилӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳо, инчунин пардохтҳои андоз, ҷарима, пеня, боҷу хироҷ ва дигар пардохтҳои давлатӣ) ва ғайра.

Дар давоми соли 2017 дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути низомҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ зиёда аз 84,8 млн. пардохт ба маблағи умумии 681,5 млрд. сомонӣ амалӣ гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи онҳо 40,0 фоиз зиёд гардида, ҳаҷми пардохтҳо 65,3 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Дар ин давра теъдоди умумии кортҳои пардохтии аз ҷониби ташкилотҳои қарзии ватанӣ ба муомилот баровардашуда 1 694 157 ададро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,6 фоиз зиёд мебошад. Шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ бошад, 1 672 434 нафарро ташкил намуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,2 фоиз зиёд мебошад.

> Низомҳои пардохтии байналмилалии Visa Int, Mastercard, Western Union, Золотая Корона, Низоми пардохтии миллии “Корти миллӣ” ва Низоми интиқоли маблағҳо ва пардохтҳои “Сония” бастаи ҳуҷҷатҳои заруриро барои гирифтани иҷозатномаи фаъолияти оператори низоми пардохтӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намуданд. Айни замон раванди баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда амалӣ шуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2017 шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқан 685 адад ва 3 325 ададро ташкил намуданд, ки дар муқоиса бо соли 2016 теъдоди банкоматҳо 114 адад кам ва шумораи терминалҳои электронӣ 870 адад зиёд шуданд. Аз миқдори умумии терминалҳои электронӣ 1 381 ададашон дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд насб буда, 1 944 адад терминалҳои электронӣ дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар ҷойгир карда шудаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 175 фоиз (1 244 адад) зиёд мебошад.

Таҳлилҳои нишон доданд, ки истифодаи кортҳои пардохтӣ ҳангоми анҷом додани амалиётҳои пардохти молу амвол ва хизматрасониҳо аз ҷониби аҳолӣ рӯз то рӯз зиёд мегардад. Масалан, дар соли 2017 бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ 17,6 млн. адад амалиётҳо ба маблағи умумии 8,3 млрд. сомонӣ гузаронида шудаанд, ки нисбат ба соли қаблӣ ҳаҷми амалиётҳо 16,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, ҳаҷми амалиётҳои пардохти ғайринақдии молу хизматрасониҳо маблағи 387,1 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 39,7 фоиз зиёд мебошад.

Дар баробари ин, дар соли 2017 шумораи умумии суратҳисобҳои бонкии барои мизоҷон дар ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ кушодашуда нисбат ба соли қаблӣ 2,1 фоиз афзоиш ёфта, зиёда аз 3,2 млн. ададро ташкил намуд, ки ин яқин аз беҳтар гардидани фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Дар чаҳорчӯбаи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ” бо таш-

килотҳои қарзӣ масъалаи иҷрои қарори зикргардида мунтазам муҳокима шуда, масъалаи саривақт бо терминалҳои электронӣ таъмин намудани соҳибкорон аз ташкилотҳои қарзӣ талаб карда мешавад. Бо мақсади пешбурд ва назорати татбиқи қарори зикргардида бо иштироки намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон 1 апрели соли 2017 Ҳайати муштараки корӣ фаъолияти худро оғоз намуд. Ҳайати корӣ ба якчанд гурӯҳ тақсим шуда, дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа, Кӯлоб ва Хоруғ сохторҳоеро, ки бояд бо терминалҳои электронӣ муҷаҳҳаз гарданд, санҷиш гузаронид. Дар давраи фаъолияти чандмоҳа Ҳайати муштараки корӣ дар зиёда аз 1500 муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ санҷиш гузаронида, ба 1400 муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ аз ҷониби намояндагони Кумитаи андоз барои дар мӯҳлати 25 рӯз насб кардани POS терминалҳои электронӣ огоҳинома дода шуд. Инчунин, 4 шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои насб накардани терминалҳои электронӣ ва қабул накардани кортҳои пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд.

> Дар давоми соли 2017 дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути низомҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ зиёда аз 84,8 млн. пардохт ба маблағи умумии 681,5 млрд. сомонӣ амалӣ гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи онҳо 40,0 фоиз зиёд гардида, ҳаҷми пардохтҳо 65,3 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Қобили қайд аст, ки баъд аз ба фаъолият шурӯъ кардани Ҳайати муштараки корӣ ва гузаронидани санҷишҳо зиёда аз 1200 соҳибкорон ва ташкилотҳои қарзӣ барои насби терминалҳои электронӣ муроҷиат намудаанд. Дар давраи фаъолияти Ҳайати корӣ (апрел-декабр) аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 1119 адад терминалҳои электронӣ насб карда шуда, шумораи умумии онҳо ба 1944 адад расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 175 фоиз зиёдтар аст.

Бо мақсади ба танзим даровардани хизматрасониҳои пардохтӣ ва фаъолияти низоми пардохтӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” таҳия карда шуд. Қонуни мазкур 24 феврали соли 2017 аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид ва пас аз нашри расмӣ 2 марти соли 2017 мавриди амал қарор гирифт.

Тибқи талаботи қонуни зикргардида раванди додани иҷозатномаи оператори низоми пардохтӣ оғоз гардидааст. Низомҳои пардохтии байналмилалии Visa Int, Mastercard, Western Union, Золотая Корона, Низоми пардохтии миллии “Корти миллӣ” ва Низоми интиқоли маблағҳо ва пардохтҳои “Сония” бастаи ҳуҷҷатҳои заруриро барои гирифтани иҷозатномаи фаъолияти оператори низоми пардохтӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намуданд. Айни замон раванди баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда амалӣ шуда истодааст.

Ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ҷиҳати истифодаи бештари хизматрасониҳои бонкӣ тавассути ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот, гузаронидани чорабиниҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишӣ-таълимӣ аз 28 ноябр то 8 декабри соли 2017 даҳрӯзаи рушди хизматрасониҳои пардохтӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон эълон гардида, дар ин давра аз ҷониби Идораи низоми пардохт дар ҳамкорӣ бо низомҳои пардохтии байналмилалӣ ва

## ЭЪЛОМИЯИ ФОРУМИ «РОҲ БА СӮИ ИҚТИСОДИЁТИ ҒАЙРИНАҚДӢ»

*Бонки миллии Тоҷикистон,*
*8 декабри соли 2017*

Рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шаффофияти иқтисодиёти кишвар ва рушди минбаъдаи он мусоидат хоҳад кард. Дар ин хусус коршиносон - намояндагони сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи молиявӣ ва таҳлилгарон дар Форуми «Роҳ ба сӯи иқтисодиёти ғайринақдӣ», ки 8 декабри соли 2017 дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид, изҳор доштанд.

Иштирокчиёни Форум нақши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар раванди рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон баррасӣ намуданд. Ба андешаи ягонаи онҳо, чунин навъи ҳисоббаробаркунӣ на танҳо шаффофияти иқтисодиётро афзун мегардонад, балки барои ҷалби сармоягузорӣ дар кишварамон таъсири мусбӣ расонида, имкон медиҳад, ки ба назорати ҷараёнҳои молиявӣ тақвият бахшида шуда, ҳаҷми гардиши пулии ғайрирасмӣ кам ва дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолӣ зиёд карда шавад. Чуноне, ки коршиносон таъкид карданд, бо шарофати технологияҳои муосири иттилоотӣ, сатҳи пардохтҳои ғайринақдӣ дар кишварҳои пешрафта дар даҳсолаи охир то 80% аз муомилоти пулиро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон низ сатҳи пардохтҳои ғайринақдӣ динамикаи хуби рушди гардиши маблағҳои пулиро, ки тавассути низоми бонкӣ мегузаранд, нишон дода истодааст.

Дар ҷамъбасти муҳокимарониҳо иштирокчиёни Форум чораҳои асосӣ ва роҳҳои рушди пардохтҳои ғайринақдиро номбар карданд. Аз ҷумла: такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ташаккули инфрасохтори зарурӣ барои баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таъмини бехатарии истифодаи хизматрасониҳои пардохтии электронӣ ва рақамӣ ва муқовимат бар зидди киберҷаллобӣ, ҳаматарафа баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ оид ба хизматрасониҳои пардохтӣ ва технологияҳои инноватсионӣ.

Иштирокчиён муҳимияти баргузории Форумро дар ин мавзӯъ таъкид намуда, барои ҳар сол баргузор кардани чунин чорабинӣ изҳори умед карданд.

Иштирокчиёни Форуми «Роҳ ба сӯи иқтисодиёти ғайринақдӣ» муқаррароти зеринро қабул намуданд:

- ҳар сол баргузор намудани Форум оид ба рушди хизматрасониҳои пардохтӣ ва низомҳои пардохтӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон;
- таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва маҳсулоти молиявӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ, тавассути рушди инфрасохтори хизматрасониҳои пардохтӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ, ҳамчунин ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, бозорҳои молиявӣ ва чакана;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ оид ба хизматрасониҳои пардохтӣ ва технологияҳои инноватсионӣ тавассути истифодаи манбаъ ва технологияҳои иттилоотӣ (интернет-портал, видеолексияҳо, аудио, иттилооти хаттӣ ва ғ.), афзун намудани эътимод ва таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ, маблағгузории хурд ва пардохтӣ.

Эъломия аз ҷониби иштирокчиёни Форуми «Роҳ ба сӯи иқтисодиёти ғайринақдӣ» қабул гардид.

ташкилотҳои қарзии ватанӣ семинари таълимии низоми пардохтии Mastercard (28 ноябр) ва Форуми байналмилалӣ дар мавзӯи “Роҳ ба сӯи иқтисодиёти ғайринақдӣ” (8 декабр) гузаронида шуданд. Баъди анҷоми кори Форуми байналмилалӣ аз ҷониби иштирокчиёни он Эъломия Форуми «Роҳ ба сӯи иқтисодиёти ғайринақдӣ» қабул гардид, ки матни онро манзури хонандагон мегардонем:

Ҳамчунин бояд қайд намоем, ки бо мақсади рушди инфрасохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва ҷавобгӯ намудани низоми пардохтӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи грантии Бонки ҷаҳонӣ таҳти унвони “Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ” қисмати 4 “Рушди инфрасохтори молиявӣ” Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо, Платформаи пардохтӣ барои интиқоли маблағҳо ва Амонатгоҳи (депозитарияи) марказии коғазҳои қиматнок татбиқ гардида истодаанд. Айни замон, тибқи тартиби муқарраргардида раванди интихоби таҳвилгари таъминоти барномавию техникии низомҳои зикргардида амалӣ шуда, раванди

мувофиқакунии шартнома бо таҳвилгар анҷом ёфта истодааст. Дар назар аст, ки дар давоми соли 2018 низомҳои муосир харидорӣ ва насб карда мешаванд.

Илова ба ин, бо мақсади пешгирӣ намудани таъсири хавфҳои эҳтимолии таваррумӣ ва қурбӣ ба иқтисодиёт, ба роҳ мондани татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ, таъмини муътадилӣ дар бозори дохилии асъор, баланд бардоштани шаффофият дар фаъолияти ҷории ташкилотҳои қарзӣ, афзоиши эътимод ва боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот, дар доираи иҷрои талаботи бандҳои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ”, Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ гардонидани тадбирҳои зеринро ба мақсад мувофиқ мешуморад:

1. Дар партави дастуру супоришҳои дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Ҳукумати ҷумҳурӣ садодода, бо мақсади рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ҷалби ҳарҷӣ бештари сайёҳони хориҷӣ тамоми кӯшишҳо ба он равона карда хоҳанд шуд, ки хизматрасониҳои бонкӣ ва пардохтӣ дар сатҳи баланди байналмилалӣ таъмин гарданд. Барои ин дар мадди аввал дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, нуқтаҳои гумрукӣ ва сарҳадӣ ва дигар мавзеъҳои зарурӣ марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ бо таҷҳизотҳои муосири амалӣгардонии пардохтҳо, аз қабили банкоматҳо ва терминалҳои электронии пардохтӣ таъсис дода мешаванд.

2. Мувофиқи таҷрибаи муваффақи ҷаҳонӣ андешидани чораҳои ҳавасмандгардонии шахсони ҳуқуқию воқеӣ ҷиҳати истифодаи бештари амалиётҳои ғайринақдӣ. Аз ҷумла, таҷдиди назар намудани сиёсати андоз ва муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ барои ҳавасмандгардонии соҳибкорон ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, баррасии амиқи чораҳои имконпазири ғайри ҳавасмандкунонии истифодабарии пули нақд ҳангоми хариду фурӯши молу маҳсулот, хизматрасонӣ, амволи ғайриманқул, автомашинаҳо, иҷрои корҳо ва ғайра;

3. Корхонаҳо ва муассисаҳои давлатии хизматрасон (коммуналӣ, барқ, оби нӯшокӣ, гармӣ, аз ҷумла, хизматрасониҳои Бозрасии давлатии автомобилӣ, андоз, ҷарима, пеня, боҷу хироҷ, ҳамагуна пардохтҳои давлатӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳо) ва корхонаҳои ҳуқуқии ғайридавлатӣ ҳатман бояд бо воситаҳои муосири электронии пардохтӣ муҷаҳазонида шуда, қабули пардохтҳоро ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монанд.

4. Барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва баланд намудани боварии аҳолӣ ба пули миллӣ, ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати истифодаи бештари хизматрасониҳои бонкӣ тавассути ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот пайваста аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чорабиниҳои омӯзишӣ-таълимӣ бо истифодаи ҳамагуна роҳҳои имконпазир (аз ҷумла, васоити ахбори омма, бо рекламаю барномаҳои радио ва телевизион) анҷом дода шаванд.

**Шуҳрат Салоҳиддинов,**
**Сардори Идораи низоми пардохти БМТ.**

## Абдулло Қурбонов:

# Мо масъулем, ки рӯз аз рӯз беҳтар шавем!

Абдулло Қурбонов дар Мактаби улуми иқтисодию сиёсии донишгоҳи Лондон, донишгоҳи Босфори Туркия таҳсил намудааст. Чанд муддат дар Бонки миллии Тоҷикистон, дар ҶСК "Ориёнбонк", бонки швейтсарии UBS, ширкати молиявии Oliver Wyman, фаъолият кардааст. Айни замон вазифаи роҳбари ТАҚХ "Алиф-Сармоя"-ро ба ӯҳда дорад.



Дар ду-се соли охир ташкилоти амонатии қарзии хурди "Алиф-Сармоя" бо вуҷуди навтаъсис будан тавонистааст, дар бозори бонкии Тоҷикистон рақобатпазир гардида, миёни мардум аз маҳбубият бархӯрдор шавад. "Алиф-Сармоя" дар соли 2014 аз тарафи гурӯҳе аз ҷавонони тоҷик, ки дар донишгоҳҳои машҳури Аврупо таҳсил кардаанд, таъсис ёфт. Номгӯи хизматрасониҳои ин ташкилот, ҳаҷми сандуқи қарзии он ва шумораи мизоҷони он тадриҷан меафзояд. Ин дастовардҳо дар ҳолест, ки "Алиф Сармоя" ҳатто ба муштариён қарзҳои истеъмолии бефоиз пешниҳод мекунад, амонатҳои шаҳрвандонро бар асоси тақсимоти даромадҳо ҳаммонанд ба бонкдории исломӣ қабул мекунад ва ба мизоҷон имкони бо пули қарз харидории молу маҳсулоти гуногунро аз фурӯшгоҳҳои машҳури кишвар фароҳам меорад. Саволи матраҳ ин аст, ки дар асл ин натиҷаҳои дилхоҳро ташкилоти қарзии "Алиф Сармоя" чӣ гуна ва бо кадом роҳҳо ба даст овардааст? Хабарнигори маҷаллаи "БТҶ" дар ин маврид бо Абдулло Қурбонов, роҳбари ТАҚХ "Алиф-Сармоя" суҳбат намуд.

**■ Дар ҳоле, ки баъзе ташкилотҳои қарзӣ пешбурди фаъолиятро дар шароити бухрони молиявӣ душвор меҳисобанд, чӣ гуна ташкилоти қарзии шумо дар соли 2017 тавонист ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад?**

—Албатта, тағйирот дар вазъи иқтисодӣ ҳамеша буданд ва мешаванд. Ба қавле, агар як ҳақиқати бетағйире вуҷуд дошта бошад, ин ҳамешагии тағйирот аст. Баъзе аз ширкатҳои солимтарину дарозумри ҷаҳонӣ айнан дар вақтҳои мушкили макроиқтисодии кишвари худ тавлид ёфтаанд. Зеро ташкил ёфтан дар чунин давраҳо ба пойдевору фарҳанги ташкилот, ба ДНК-и ташкилот нақши худро мегузорад — бо одатҳое, ба монанди эҳтиёт кардан, сарфакорӣ кардан, бо талаботҳои замона ва хоҳишҳои тағйирёфтаи мизоҷон ҳамоҳанг будан.

Шароитҳои иқтисодии

нисбатан мушкилтари солҳои гузашта моро водор карданд, ки дар масъалаи баҳодиҳии хавфҳо бодиққаттар бошем. Сандуқи қарзии мо нисбатан хурд ва тоза буд, бинобар ин, кӯшиш мекардем, бо нафароне кор кунем, ки дар дигар бонкҳо қарз надоранд. Зеро тавре маълум гардид, қарздории аз ҳад зиёди мизоҷони аксарияти бонкҳо, дар даврони мушкилоти иқтисодӣ, зуд ба қарзҳои ғайрифаъол мубаддал мегаштанд.

Мо низ дар аввал ба хатогиҳо роҳ додем, аммо базудӣ ин хатогиҳоро фаҳмида, ислоҳ кардем ва имрӯз сандуқи қарзии мо дар байни дигар ташкилотҳои қарзӣ яке аз сандуқҳои қарзии солим ба ҳисоб меравад.

**■ Дар сандуқи қарзиатон ҳиссаи кадом намуди қарзҳо бештар аст? Беҳтараш бигӯед, ки имрӯз "Алиф-Сармоя" ба кадом соҳаҳо бештар қарз медиҳад?**

—Ташкилоти қарзии мо ба муштариён ҳам қарзҳои соҳибкорӣ ва ҳам қарзҳои истеъмолӣ пешниҳод менамояд.

**■ Дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ (аз қабили Facebook) сифати хизматрасониро дар "Алиф-Сармоя" хуб арзёбӣ мекунанд. Маълум аст, ки ин пеш аз ҳама, аз маҳорату қобилият ва дараҷаи касбияти ҳайати кормандон вобаста аст. Воқеан меъёри интихоби кормандон дар ташкилоти қарзии шумо чӣ гуна аст?**



—Шояд муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки имрӯз рақобат байни довталабон барои ворид шудан ба "Алиф-Сармоя" яке аз баландтаринҳо дар Тоҷикистон аст. Барои ҳар як ҷои корӣ мо номзадии садҳо нафар довталабонро дида мебароем. Дар ибтидо аз тариқи тестӣ онлайн ба тарзи фикррони ва мантиқи довталаб баҳо медиҳем. Баъд бо нафарони интихобшуда сӯҳбати кӯтоҳи телефонӣ гузаронида, ба сатҳи муошират ва муомилаи онҳо баҳо дода мешавад. Ҳамзамон, барои супоридани тести дуюми мантиқӣ довталаб ба идораи «Алиф-Сармоя" даъват мешавад. Нафароне, ки аз ин марҳила бо муваффақият мегузаранд, ба мулоқотҳои 1x1 даъват мешаванд. Довталабоне, ки ин мулоқотро хуб паси сар кардаанд, боз ба вохӯриҳои иловагӣ даъват мешаванд. Ҳамин тавр, баъзан барои интихоби як ҳамкори нав бо ӯ то 5—6 мулоқот мекунем. Дар интихоби ҳар як корманд ман ва ҳамкорам Зухуршо Раҳматуллоев иштирок мекунем.

Ҳоло дар "Алиф-Сармоя" зиёда аз 90 нафар кор мекунанд. Ба андешаи ман, онҳо аз ҷумлаи беҳтаринҳоеанд, ки аз тамоми гӯшаҳои кишварамон ҷалб карда шудаанд. 90 нафаре, ки дар бораашон ҳар қадар суханони хуб гӯям, кам аст. Ҳар яке арзанда аст, ки дар бораш як мақолаи алоҳидае навишта шавад. Ҳатто бова-

рии комил дорам, ки дар бораи баъзеи онҳо на танҳо мақолаҳо, балки китобҳо навиштан мумкин аст. Онҳо шахсони бениҳоят азиз, меҳнатдӯст, бовиҷдон, пок ва ватандӯст ҳастанд. Онҳо касоне ҳастанд, ки барои Ватани худ хизмат карданро фидокорӣ не, балки шараф меҳисобанд. Бо онҳо будан барои ман ифтихор аст.

Фикр мекунам, мо дар назди худ, Ватан ва миллат масъулем, ки рӯз аз рӯз беҳтар шавем, омӯзем ва омӯзонем. Барои кормандонамон ҳар ҳафта дар мавзӯъҳои гуногун беш аз ду тренинг мегузаронем: аз талаботҳои дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон то хизматрасонии самимӣ, аз ҳуқуқи занҳо то технологияҳои блокчейн. Мо фаромӯш намекунем, ки тағйирот доимӣ аст ва аз равандҳо ҳамеша бохабар бояд бошем ва мутобиқати худро ба хоҳишҳои мизоҷонамон ҳамеша азнавбаҳодиҳӣ кунем, технологияҳои навро ворид созем ва зудтару беҳтар бошем.



**Пӯшида нест, ки баъзе ҷавонон баъди таҳсил дар хориҷа дар он ҷо мемонанд. Чаро шумо ва тими ҳамкоронатон баъд аз таҳсил дар хориҷа ба Ватан баргаштед?**

— Тавре болотар қайд кардам, бароямон баргаштан ба Ватан фидокорӣ нест, балки имконият ҳаст. На ба ҳар миллат насиб гаштааст, ки соҳиби давлати худ бошад. Ин имкониятро ғанимат бояд донист ва дар назди Ватану миллат бояд масъулият эҳсос кард. Шояд каме фалсафа мешавад, аммо вақте, ки шодиро дар чашмони волидайни худ, дӯст, ҳамсоя ва ҳамватан мебинем, мо метавонем лаззати асосиро эҳсос кунем ё ҳангоми фарзанди худро ба даст бардошта орзу мекунем, бояд тасаввур кунем, ки ҳазорҳо волидайн фарзанди худро чунин бардошта дар бораи таҳсил ва тансиҳатии ӯ фикр мекунанд, пас худ аён мешавад, ки маънии зиндагӣ "худро ба макони шароитҳои хуб бурдан" нест, балки "шароитҳои хубро ба макони худ овардан" аст. Зеро имрӯз ниёзмандон ба шароитҳои хубтар дар кишварамон зиёдтаранд. Боз ҳам, фалсафа шуд, аммо бе фалсафа соҳибкорӣ кардан ва умуман бе фалсафа зиндагӣ кардан, киштиеро мемонад, ки дар баҳри беканор бе қутбнамо шино дорад.

**Шумо ҳангоми роҳандозии менеҷменти ташкилот аз таҷрибаи кадом кишварҳо истифода мебаред?**

—Ба таври мушаххас гуфта наметавонам, ки таҷрибаи ягон кишвареро интихоб карда бошем. Ният он буд, ки тибқи меъёрҳои бонкдории исломӣ фаъолият кунем ва ба меъёру чаҳорчӯбаи бонкдории кишварамон ҷавобгӯ бошем. Ин моро маҷбур сохт, ки маҳсулоти навро ихтироъ кунем.

**Хуб, дар фаъолияти худ кадом қоидаҳоро истифода мебаред, барои мисол, кадом принсипҳои додани қарзро? "Алиф-Сармоя"**



аз ташкилотҳои дигари қарзӣ чӣ тафовут дорад?

— **Принсипҳои асосии мо** — кормандон (ҳамкорон), фарҳанг ва технология мебошанд. Дар бораи интихоби инсонҳои беҳтарин аллакай сӯҳбат кардем.

**Фарҳанг** — ин инсонҳоро ба ҳам мепайвандад. Мисоле, ки карбонҳои алмос ба якдигар пайванданд. Тавре маълум аст, ангишт ва алмос ҳарду аслан аз як элемент — карбон иборатанд. Фарқият танҳо дар сифати пайвастагии ин карбонҳо бо ҳамдигар аст. Дар мисоли алмос, карбонҳо бо ҳамдигар зичтар ва пайвастатар мебошанд. Дар ҳолати ангишт бошад, баръакс, пайвастагии карбонҳо ба якдигар пасттар аст, шакли пайвастагӣ фарқ мекунад. Ҳамин тавр, агар дар тими шумо ҳатто беҳтарин нафарҳо ҷамъ омада бошанд, вале дар байни онҳо пайвастагии хуб, фарҳанги хуб, ҳамдигарфаҳмию равобити хуб таъмин карда нашавад, сифати кори муштараки ин нафарон паст хоҳад буд.

**Технологияҳо** — ин принсипи дигари муҳими кории мост. Мо тасмим гирифтем, ки то ҳадди имкон барномаҳои муҳими соҳаи бонкиро худамон таҳия кунем. Аз системаи автоматикардашудаи бонкӣ (CBS) сар карда, то системаи кор бо мизоҷон (CRM). Мо ҳатто ба офис супориш додани хӯроки нисфирӯзиро дар дохили “Алиф-Сармоя” худ барномасозӣ кардему ба истифода додем.

**Корҳои роҳандозии бонкдории исломӣ дар ташкилоти шумо дар кадом сатҳ қарор доранд?**

— То он сатҳе, ки қонунгузории имрӯза иҷозат медиҳад. Масалан, барои ҷалби амонатҳо мо фоизи муайян ва ивазнашаванда намедиҳем, балки даромаднокии амонатҳоямон аз рӯи даромаднокии дороиҳои ташкилотамон ҳисоб карда мешавад, ки асосан принсипҳои мудараба истифода мешавад. Дар додани қарзҳо мо бояд мутмаин бошем, ки маблағҳо барои харидории дороии муайян истифода мешаванд. Барои шароб, қимор ва дигар амалиётҳои ноҷоиз қарз намедиҳем.

Хеле хушҳол ҳастем, ки айни ҳол дастуралмалҳо доир ба фаъолияти бонкдории исломӣ дар ҷумҳурӣ омода шуда истодаанд.

**Ба назари шумо ҳоло вазъияти бозори хизматрасониҳои бонкии Тоҷикистон дар кадом ҳолат қарор дорад?**

— Ба қавле, нафареро, ки пиёлаи нимпурро “пур аз об" мебинад, «оптимист» мегӯянд. Шахсеро, ки пиёларо «нимхолӣ» мебинад «пессимист» меноманд. Баъзеҳо худро «реалист» мегӯянд — намедонам онҳо пиёларо чӣ хел медида бошанд? Аммо дар чунин ҷаҳонбинӣ як камбудие ҳаст — «оптимист», «пессимист» ва «реалист» — ҳама хубу бадро аз берун мебинанд,

гӯё аз дасти худи онҳо чизе намеояд ва гӯё ҳар хубиву бадие, ки ба амал меояд, аз вазъияти беруна вобаста аст. Ва ниҳоят, нафаронеро дучор омадан мумкин аст, ки пиёларо дида чизе намегӯянд, балки амал мекунанд — чойникро ба даст гирифта, кӯшиш мекунанд, ки он пиёларо пур кунанд. Умедворам то ҷое ба саволатон ҷавоб дода тавонистам?

**■ Бале, то ҷое, вале боз ҳам файласуфона. Хуб. Ба андешаи шумо дар соҳаи бонкдории кишвар кадом проблемаҳо вуҷуд доранд, ки барои рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҳал намудани онҳо зарур аст?**

— Мисли қонуни Парето, 80%-и он проблемаҳое, ки мо имрӯз дар соҳаи бонкӣ мебинем, дар рӯи 20%-и сабабҳои асосӣ ҷамъ омадаанд. Яъне ду-се омили фундаменталӣ сарчашмаи аксарияти мушкилиҳост. Омили якум интихоби нокомили кадрҳо аст. Дар интихоби кадрҳо барои соҳаи бонкӣ диққати хосса бояд дод, зеро ин нафарон бо пул, амонат ва бовари мардум сарукор доранд. Омили дуюм — ин нодуруст ба роҳ мондани сиёсату таҷрибаи қарздиҳӣ дар бархе ташкилотҳо аст, ки дар гузашта боис шудааст, ки қарзҳо бо шиносоӣ ё манфиати шахсӣ дода шаванд. Омили сеюм он аст, ки мутаассифона, ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо душвории рӯёнидани қарзҳо, дар баъзе мавридҳо қонунгузории кишвар барои шахсони бевиҷдон бо мақсади аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ раҳо ёфтан шароит фароҳам меоварад ва ҳалли баҳсҳо дар мақомоти судӣ на ҳама вақт дар муҳлатҳои аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинишуда, амалӣ мегардад.

Албатта, боз сабабҳои зиёди дигар низ мавҷуданд, аммо боварӣ дорам ислоҳи се омили зикршуда аксарияти проблемаҳои соҳаи бонкиро аз байн мебарад.

**■ Истифодаи кадом роҳу усулҳо дар шароити бӯҳрони ҷаҳонӣ метавонанд барои пешбурди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мусоидат намоянд?**

— Фикр мекунам, бояд дар ин масъала сода фикр кунем. Ба ташкилотҳои қарзии мо имрӯз стратегияҳои амиқи хориҷӣ ва «инсайт»-ҳои мушкилфаҳм лозим нестанд. Муваффақияти соҳаи бонкии имрӯза аз содиқ будан ба принсипҳои фундаменталии содае ба мисли меритократия, адолат ва тозакорӣ зиёдтар вобастагӣ дорад.

**■ Дар соли ҷорӣ кадом нақшаҳои кориро дар "Алиф-Сармоя" амалӣ карданӣ ҳастед?**

— Дар соли ҷорӣ ният дорем барои рушди пардохтҳои ғайринақдӣ боз ҳам зиёдтар кӯшиш ба харҷ диҳем.

**■ Маълум аст, ки роҳбарон чун дигар кормандон барои баркарор намудани нерӯ ва афзоиши самаранокии кор ба истироҳат ниёз доранд. Шумо вақти фароғати худро чӣ тавр мегузаронед?**

— Дар вақтҳои холӣ китоб мехонам. Дурусттараш, китобҳои аудиоиро гӯш мекунам (табассум мекунад). Якчанд сол пеш, китобхонии худро баҳо додам ва дидам, ки дар як сол танҳо як—ду китоб мехондаам. Сабаб дар он буд, ки барои китобхонӣ вақт ҷудо кардан мушкил буд. Гӯш кардани китобҳои аудиоиро санҷидам ва хеле муносибтар буданаш зуд маълум шуд. Дар як моҳ ба ҳисоби миёна 2 китоби аудиоӣ гӯш мекунам, асосан дар вақти рафтан ва бозгашт аз кор, пеш аз хоб, дар вақти мунтазирӣ ва ғайра. Китобгӯшкуниро ба дӯстон ва ҳаводорони ин кор тавсия медиҳам.

**Мусоҳиб: Аслам Мӯминов, "БТҶ"**

# Аҳди истисноъ

*(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

Ҳамзамон барои дароз намудани муҳлати пардохт наметавон маблағи зиёдатӣ талаб кард, аммо кам кардани маблағ дар ҳолати пешпардохт ҷоиз аст, агар он дар шартнома қайд нагардида бошад.

## ҲОЛАТҲОИ ИСТИСНОӢ Ё ФОРС-МАЖОР

Агар ҳолатҳои истисноие ба вуҷуд оянд, ки тақозои кам ё зиёд кардани маблағи истиноъро намоянд, пас бо розигии ҳарду тараф ё бо ҳукми доварон ва ё бо муроҷиат кардан ба додгоҳ онро метавон анҷом дод.

Дар баъзе мавридҳо шартномаи истисноъро метавон барои ба итмом расонидани лоиҳае баст, ки қаблан аз ҷониби истеҳсолкунандаи дигар шуруъ шуда буд. Дар ин ҳолат бояд ҳамаи ҳисобу китоби ҳуқуқ ва уҳдадориҳо байни муштарию истеҳсолкунандаи собиқ пурра ба итмом расонида шаванд ва ҳеҷ гуна даъвое байни тарафҳо боқӣ намонад. Танҳо баъд аз ин барои анҷоми корҳои боқимондаи лоиҳаи нотамом шартномаи истисноъ баста мешавад ва он ҳам бидуни гузоштани шарт барои ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандаи собиқ. Дар шартнома истеҳсолкунанда, яъне сониъ метавонад қайд намояд, ки ӯ бо ҳар василаи барояш муносиб метавонад фаъолияташро пеш барад.

> Ҳамчунин имкон дорад объекти истисноъ қабл аз муҳлат супорида шавад, ба шарте, ки мутобиқи сифатҳои талабкардаи тарафи дигар сохта шуда бошад. Агар муштарӣ онро рад намояд, сабаби ин амалро муайян кардан зарур аст. Агар монеае вуҷуд дошта бошад, пас ӯ ҳаққи рад карданро дорад, аммо дар ғайри ин, вай барои қабул кардан водор карда мешавад.

Инчунин дар шартнома қайд намудан мумкин аст, ки муштарӣ ҳақ дорад аз ҳисоби истеҳсолкунанда дар ҳоли даст кашидани вай аз иҷрои шартнома ё ба итмом нарасонидани лоиҳа амалиёти истисноъро давом диҳад, дар ҳоле ки объекти истисноъ сохтмони бино ва иншоот дар замини муштарӣ бошад. Ин амалиёт дар муддати муайян руйи даст гирифта мешавад, яъне дарҳол баъд аз боз истодани истеҳсолкунанда аз амал, оғоз меёбад.

Агар истеҳсолкунанда дар кори пурра анҷом додани сохтмони бино ё иншооте, ки шуруъ карда буд, оҷиз монад, муштарӣ ба таври ройгон онро соҳиб шуда наметавонад. Дар ин ҳолат бо назардошти сабаби оҷиз мондани истеҳсолкунанда натиҷаи қарор ё ҳукм фарқ хоҳад кард. Агар сабаби оҷиз мондан марбут ба истеҳсолкунанда бошад, пас мустасниъ, яъне муштарӣ қимати биноро ба андозае, ки истеҳсолкунанада сохтааст ба ӯ мепардозад ва истеҳсолкунанда аз тарафи худ маблағи зарари эҳтимолиро, агар вуҷуд дошта

бошад, ба мустасниъ пардохт менамояд. Вале агар сабаби ба итмом нарасонидани сохтмон марбут ба мустасниъ бошад, пас истеҳсолкунанда маблағи тамоми корҳоеро, ки анҷом додааст, мегирад ва мустасниъ зарареро, ки ба истеҳсолкунанда расонидааст барояш пардохт мекунад. Ва ниҳоят, агар сабаби ба итмом нарасидани сохтмон ба ҳеҷ яке аз тарафҳо алоқаманд набошад, дар ин сурат, мустасниъ танҳо арзиши корҳои анҷомдодаи истеҳсолкунандаро пардохт менамояд ва ҳеҷ яке аз ҷонибҳо зарареро, ки ба онҳо расидааст, ҷуброн намекунанд.

Дар шартномаи истисноъ ҳамчунин метавон бо мазмуни зайл чунин шартро илова намуд: ҳар шарти наверо, ки тарафи сеюм ба миён мегузораду он дар шартномаи истисноъ вуҷуд надорад ва боиси пайдоиши масъулиятҳои нав мегардад ва тибқи шартномаю қонун ба души истеҳсолкунанда нест, дар ин сурат он ба души мустасниъ, яъне муштарӣ хоҳад буд.

## ТАШКИЛИ НАЗОРАТ БАР РАВАНДИ ИҶРОИ ЛОИҲА

Бонк метавонад барои назорат аз рӯйи иҷрои босифати лоиҳа бо мувофиқа бо истеҳсолкунанда, тавре дар шартнома омадааст, тарафи сеюмро ба ҷои худ вакил намояд. Инчунин вакил метавонад лоиҳаро қисм ба қисм ва ё пурра, яъне баъд аз ба охир расидани он қабул намояд.

Илова бар ин, бонк ҳангоми истеҳсолкунанда буданаш, метавонад муштариро бо бастани шартномаи алоҳида барои бурдани назорат аз рӯйи иҷрои лоиҳа мувофиқи мушаххасот ва сифатҳои дар шартнома буда вакили худ таъйин намояд.

Истеҳсолкунанда ва муштарӣ, яъне сониъ ва мустасниъ метавонанд барои муайян намудани тарафи пардохткунандаи хароҷот барои назорати иҷрои лоиҳа, байни ҳам мувофиқа намоянд.

Уҳдадории истеҳсолкунанда баъд аз ба муштарӣ супоридани объекти истеҳсолшуда ё баъд аз дар ихтиёри ӯ гузоштан ва ё супоридан ба намояндае, ки вай таъйин кардааст, ба поён мерасад.

Агар объекти истеҳсолшуда ҳангоми супоридан ба мушаххасот ва сифатҳои дар шартномабуда мутобиқат накунад, муштарӣ ҳуқуқ дорад онро рад намояд ё онро дар ҳамон шакл қабул намояд. Ҳарду тараф метавонанд бо кам кардани маблағ барои қабули иншоот байни ҳам мувофиқа кунанд.

Ҳамчунин имкон дорад объекти истисноъ қабл аз мӯҳлат супорида шавад, ба шарте, ки мутобиқи сифатҳои талабкардаи тарафи дигар сохта шуда бошад. Агар муштарӣ онро рад намояд, сабаби ин амалро муайян кардан зарур аст. Агар монеае вуҷуд дошта бошад, пас ӯ ҳаққи рад карданро дорад, аммо дар ғайри ин, вай барои қабул кардан водор карда мешавад.

Супоридани объекти истеҳсолшуда метавонад ба таври ҳукмӣ сурат бигирад, яъне истеҳсолкунанда баъд аз истеҳсол онро дар ихтиёри муштарӣ мегузорад ва ба ҳамин шакл замонати истеҳсолкунанда ба охир расида, замонати муштарӣ шуруъ мегардад. Агар баъд аз дар ихтиёри муштарӣ гузоштани объект зараре ба иншоот расида бошад ва он аз тарафи истеҳсолкунанда ва ё бо сабаби кӯтоҳии вай набошад, пас он бар уҳдаи муштарӣ хоҳад буд. Ба ҳамин минвол замонати муштарӣ ва истеҳсолкунанда аз ҳам ҷудо карда мешавад.

Агар муштарӣ бидуни ягон ҳақ аз қабули объект баъд аз он ки дар ихтиёри ӯ гузошта шудааст, худдорӣ намояд, объект дар дасти истеҳсолкунанда амонат ба ҳисоб рафта, замонати онро ба уҳда надорад, ба ғайр аз ҳолатҳои кӯтоҳӣ кардан нисбати он ва ё дағалона вайрон кардани он. Муштарӣ бошад, хароҷоти нигоҳубини онро ба уҳда мегирад.

Дар шартномаи истисноъ мумкин аст қайд карда шавад, ки муштарӣ истеҳсолкунандаро вакили худ таъйин менамояд ва дар ҳолати дер мондан ба вақти қабули объект, баъд аз гузаштани муддати муайян, ӯ ҳуқуқ дорад онро фурӯшад. Истеҳсолкунанда онро аз ҳисоби муштарӣ фурӯхта, маблағи зиёдатӣ ё изофавиро, агар вуҷуд дошта бошад, ба муштарӣ бармегардонад ва ё агар камомад бошад, барои пӯшонидани он ба ӯ муроҷиат менамояд. Хароҷоти фурӯш ба уҳдаи муштарӣ мебошад.

Метавон бо ризоияти тарафҳо барои дермонии

истеҳсолкунанда дар таҳвили объект дар шартномаи истисноъ шарти ҷазои на он қадар вазнин ба фоидаи муштарӣ пешбинӣ намуд, агар ин дермонӣ бо сабабҳои форс-мажор ва ҳолатҳои фавқулода ба миён наомада бошад. Шарти ҷазо нисбат ба муштарӣ ҳангоми таъхир дар пардохти маблаҷи қарз пешбинӣ карда намешавад.

Фурӯхтани объекти истеҳсолшуда пеш аз ба таври ҳақиқӣ ё ба таври ҳукмӣ қабул кардани он ҷоиз нест, лекин бастани шартномаи истисноъи дигар ва гирифтани ӯҳдадориҳо барои объекте, ки сифат ва мушаххасоташ монанди объекте мебошад, ки аз истеҳсолкунандагон харида шудааст, ҷоиз аст ва инро истисноъи мувозӣ меноманд.

Бонк ва ё муассисае, ки мустасниъ, яъне муштарӣ аст, баъд аз ба даст овардани иншоот метавонад истеҳсолкунандаро вакили худ барои ба фоидаи бонк фурӯхтани объекти истисноъ ба мизоҷони худи истеҳсолкунанда таъйин намояд. Таъйин намудани вакил метавонад ройгон ва ё бо маблаҷи муайян ва ё бо ҳиссаи муайян аз маблаҷи фурӯш сурат бигирад, ба шарте ки масъалаи таъйини вакил дар шартномаи истисноъ ҳамчун шарт қайд нагардида бошад.

## ИСТИСНОЪИ МУВОЗӢ

Бонк ҳамчун мустасниъ метавонад барои истеҳсоли маҳсулоте, ки сифат ва мушаххасоташ муайян гардидааст, бо истеҳсолкунанда шартномаи истисноъ бандад ва маблаҷро дарҳол баъд аз баста шудани шартнома, барои дастрасии истеҳсолкунанда ба пули нақд, пардозад. Сипас, ҷиҳати фурӯхтани он маҳсулот бо ҷониби дигар шартномаи истисноъи мувозӣ барои истеҳсоли маснуот бо ҳамон сифатҳое, ки шарт гузошта буд, мебандад. Муҳлати ин шартномаро баъд аз муҳлати истисноъи аввал мегузорад ва набояд байни ҳарду шартнома робитае вуҷуд дошта бошад.

Бонк метавонад ҳамчун истеҳсолкунанда бо муштарӣ шартномаи истисноъ бо таъхири пардохти он ба имзо расонад. Сипас, бо истеҳсолкунанда ва ё миёнараве ҷиҳати харид аз ӯ шартномаи истисноъи мувозӣ барои маҳсулот ё биноҳо бо ҳамон сифат ва бо маблаҷи нақд, мебандад, ба шарте ки байни ин ду шартнома алоқамандӣ набошад.

Баъд аз бастани шартномаи истисноъ бонк ҳамчун истеҳсолкунанда бояд масъулияти моликият ва хароҷоти нигоҳубини объекти истеҳсолшударо то супоридани он ба муштарӣ ба ӯҳда гирад. Бонк тибқи талаботи шартномаи истисноъи мувозӣ наметавонад ӯҳдадориҳои дар назди муштарӣ доштаашро ба души истеҳсолкунанда гузорад.

Фаромӯш набояд кард, ки рабт додан байни шартномаи истисноъ ва истисноъи мувозӣ мумкин нест. Ҷоиз нест, ки аз супоридани объект дар яке аз шартномаҳо даст кашид, вақте супоридани он дар дигараш ба таъхир афтода бошад. Ҳамчунин дар сурати дермонӣ ва ё зиёд гардидани хароҷот дар яке аз онҳо, наметавон онро ба шартномаи дигар рабт дод. Бонк тибқи шартномаи истисноъи мувозӣ метавонад дар назди истеҳсолкунанда шартҳоеро монад, (аз ҷумла шартҳои ҷазоӣ) ки монанд ба шартҳои ба ӯҳда гирифтаи худ ва ё мухолифи он дар шартномаи аввал дар назди муштарӣ бошанд.

Хулоса аҳди истисноъ монанди аҳди салам барои соҳибкорон, махсусан барои соҳаи сохтмон, хеле мусоид аст. Бо истифода аз ин услуб бонкҳо ва муштариён (ҳуқуқӣ ва воқеъӣ) метавонанд барои сохтмони иншоот, биноҳои маскунӣ ва корхонаҳои хурду миёнаи гуногуни истеҳсолӣ байни ҳам қарордоду шартномаҳо банданд. Итминон дорем ва умедворем, ки роҳандозии чунин тарзу равиши маблаҷгузорӣ имкон дорад барои рушду нумӯи соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

**Давлатбек Ҳалимов,**
**сармутахассиси Шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон**

# Барҳам додани Фонди эҳтиётӣ чӣ оқибате ба миён меорад?

## Вазорати молия охирин триллион рубли Фонди эҳтиётиро харҷ кард



Чанде пеш Вазорати молияи Русия дар бораи тамоман харҷ шудани маблағҳои Фонди эҳтиётӣ хабар дода буд. Охирин триллион рубл моҳи декабри соли гузашта барои пӯшонидани касри буҷети федеролӣ сарф карда шуд. Шуруъ аз соли равон дар Русия фақат як Фонди некӯаҳволии миллӣ боқӣ мемонаду бас. Дар он ба ҳолати аввали сол 3,753 трлн рубл мавҷуд буд, вале "пулҳои зинда" тақрибан нисфи онро ташкил медоданд. Нагуфта намонад, ки нархи баланди нафт имконият медиҳад, ки захираҳо зиёд гарданд. Аммо аз ҷониби Вазорати молия харидорӣ шудани асъори хориҷӣ метавонад ба заъиф шудани мавқеи рубл оварда расонад.

Мақоми молияи ин кишвар оид ба ҷойгиркунии маблағҳои Фонди эҳтиётӣ ва Фонди некӯаҳволии миллӣ дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2017 маълумот пахш намуд. Тибқи маълумоти он дар моҳи декабри соли 2017 бақияи маблағҳои Фонди эҳтиётӣ бо асъори хориҷӣ дар Бонки Русия ($7,62 млрд, 6,71 млрд. евро и 1,10 млрд. фунтов стерлингов) аз ҷониби Вазорати молия бар ивази 1 трлн. рубл фурӯхта шуда, ҳамааш барои пӯшонидани касри буҷети федеролӣ истифода шудаанд.

Аз рӯйи ҷамъбасти моҳҳои январ-ноябри соли гузашта касри буҷет 532 млрд. рубро ташкил дода буд. Вале аз рӯйи анъана тамоми хароҷоти калон ба моҳи декабр рост меояд, бинобар ин, нишондиҳандаи ҷамъбастии касри буҷет ба таври назаррас зиёд мегардад. Бино ба пешгӯйи вазири молия Антон Силуанов касри буҷет дар соли 2017 қариб ба 1,5 трлн. рубл ё 1,6% ММД баробар мешавад.

Дар маълумоти вазорат гуфта мешуд, ки баъди анҷом додани амалиётҳои моҳи декабр дар ҳисобҳои Фонди эҳтиётӣ бақияҳои сифрӣ боқӣ монданд ва аз 1 феврали соли ҷорӣ он фаъолияти худро қатъ мекунад. Бар асоси қароре, ки моҳи июни соли гузашта қабул шудааст, Фонди эҳтиётӣ ба Фонди некӯаҳволии миллӣ (ФНМ) ҳамроҳ карда мешавад.

Мувофиқи рақамҳои Вазорати молия ба ҳолати 1 январи соли 2018 ҳаҷми ФНМ ба 3,753 трлн. рубл баробар аст, ки он 65,15 млрд.

долларро ташкил медиҳад. Вале аз ин маблағ дар баъзе ҳисобҳои алоҳида оид ба ҳисобгирии маблағҳои ФНБ дар Бонки Русия ҳамагӣ $15,65 млрд, 15,14 млрд. евро и 3,36 млрд. фунтов стерлинг ҷойгир карда шудааст. Ба ибораи дигар гӯем, пулҳои зинда дар ФНМ қариб 2 тлрн. рублро ташкил медиҳад.

Каме пештар вазири молия Антон Силуанов тамом шудани маблағҳои Фонди эҳтиётиро пешгӯйи карда буд. "Имсол, тавре дар қонун оид ба буҷет нишон дода шудааст, мо тамоми маблағҳои Фонди эҳтиётиро истифода мебарем", - гуфта буд вай.

Ҳаҷми ФНМ ба ҳолати 1 январи соли 2018 аз рӯйи дурнамои вазири молия Антон Силуанов бояд 3,7 трлн. рубл., қисмати пардохтпазири он 2.3 трлн. рублро ташкил диҳад.

"Тамом шудани Фонди эҳтиётӣ ин кори расмиётӣ ҳаст ва ба он алоқаманд аст, ки ба ҷойи ду Фонд акнун як ФНМ боқӣ мемонад. Ҳол он ки агар ҳақиқатро гӯем, аз ФНМ ҳам фақат ном мемонаду бас. Солҳои пеш вай воқеан ҳам Фонд буд ва дар он барои гузаронидани ислоҳотҳои сохторӣ, барои лоиҳаҳои оянда, ки ҳар яке бояд вазъи ичтимоӣ ва иқтисодии кишварро аз тариқи дигаргунсозиҳо тағйир медоданд, маблағҳо захира мешуданд, ҳозир бошад, ин як фонде ҳаст, ки аз ҳисоби баландшавии нархи нафт соҳиби маблағ мешавад ва барои маблағгузории касри буҷет равона карда мешавад. Яъне онро бо ибораи дигар метавон халтаи

> Вазорати молия ба наздикӣ бояд нақша ва ҳисобу китоб оид ба пурра кардани захираҳоро нашр намояд, баҳои қаблии он дар сурати ба $55-60 барои як баррел арзиш доштани нефти навъи Urals маблағи захираҳо дар соли 2018 дар атрофи $38-50 млрд. ташкил медиҳад.

пул "барои рӯзи сиёҳ" номид, ки ҳамчунин барои маблағгузории баъзе барномаҳои мақсаднок, ки ба ислоҳот ягон алоқамандӣ надоранд, истифода мешавад", - мегӯяд таҳлилгари «Алор брокер» Алексей Антонов.

Собиқ муовини якуми Раиси Бонки марказии Русия Олег Вюгин ба Газета.Ру изҳор намуд, ки тамом шудани Фонди эҳтиётӣ ҳам ҷанбаи мусбат ва ҳам ҷанбаи манфӣ дорад. Аз он ҷиҳат мусбат аст, ки Вазорати молияро "боинтизом" мекунад, зеро он имкон пайдо намекунад пулро аз "пулдон" берун кашад ва буҷети воқеӣ қабул хоҳад шуд. Тарафи манфиаш дар он аст, ки ҳангоми ба миён омадани оқибатҳои манфӣ "болишт"-и амниятӣ нахоҳад буд.

Таҳлилгари пешбари Amarkets Артем Деев бар ин назар аст, ки дар шароити феълии арзиши қурби нафт тамом шудани Фонди эҳтиётӣ ягон хавферо ба миён намеорад. Вале ҳамин ки арзиши қурби нафт то нуқтаи хатарнок $40 барои баррел расид, захираҳо метавонанд тамом шаванд ва зарурати беқурбшавии пул ба миён меояд.

Вале имсол бо шарофати баланд будани нархи нафт, захираҳо бояд зиёд шаванд. Аз 1 январи соли 2018 дар Русия қоидаи нави буҷетӣ мавриди амал қарор гирифта шуд. Тибқи он қимати заминавии як баррел нафти навъи Urals $40-ро бо нархи соли 2017 ташкил медиҳад (ҳамасола ин рақам ба андозаи 2% тағйир меёбад). Маблағи афзоишёфта захираҳоро пур хоҳад кард. Вазорати молия бошад, аз ҳисоби маблағҳои даромадҳои иловагӣ асъор хориҷӣ харидорӣ хоҳад кард.

Антон Силуанов гуфта буд, ки ҳаҷми хариди асъори хориҷӣ аз ҷониби Вазорати молия дар бозори дохилӣ дар соли равон бо нархи миёнасолонаи нафт ба андозаи $54-$55 атрофи 2 трлн. рублро ташкил медиҳад.

"Дар сурати $54-$55 будани арзиши нафт барои як баррел даромадҳои иловагии нафту газ қариб 2 трлн. рублро ташкил медиҳад", - гуфт вазир.

Вай ҳамчунин қайд кард, ки агар арзиши миёнасолонаи нафт 60 долларро ташкил намояд, вазорат ба маблағи 2,8 трлн. рубл асъори хориҷӣ харидорӣ хоҳад кард.

Дар робита ба ин, сардори Идораи амалиёт дар бозори фондии русиягии ИК "Фридом Финанс" Георгий Ващенко изҳор дошт, ки Вазорати молия ба наздикӣ бояд нақша ва ҳисобу китоб оид ба пурра кардани

захираҳоро нашр намояд, баҳои қаблии он дар сурати ба $55-60 барои як баррел арзиш доштани нефти навъи Urals маблағи захираҳо дар соли 2018 дар атрофи 38-50 млрд. долларро ташкил медиҳад.

Соли гузашта Вазорати молия ба маблағи 830 млрд рубл асъории хориҷӣ харидорӣ намуда буд, вале онҳо то нимаи моҳи январи соли равон ба ФНМ ворид нашуда буданд.

Коршиносону таҳлилгарони бозори асъор ба ин назаранд, ки амалиётҳои Вазорати молия ба рубл фишор хоҳанд овард ва коҳиш ёфтани арзиши онро дар муқобили доллар ва Евро пешгӯӣ мекунанд.

"Бонки танзимгар нақша дорад тамоми асъори озодро харидорӣ намояд ва бо ин роҳ профитсити тавозуни пардохтро аз байн барад, ки ин амалан пешгирӣ намудани таҳкими минбаъдаи рублро дар назар дорад", - мегӯяд Михаил Машенко, таҳлилгари шабакаи иҷтимоӣ барои сармоягузорони eToро дар Русия ва ИДМ.

## ▲ КОҲИШЁБИИ ДОЛЛАР ЧӢ ДАР ПАЙ ДОРАД?

Вазири молияи ИМА Стивен Мнучин коҳишёбии қурби долларро дар форуми Давос шарҳ дода гуфт, ки доллари заиф барои иқтисодиёти ИМА хуб ва фоидаовар аст. Вале тақдири минбаъдаи доллар чӣ мешавад, коршиносон ба хубӣ намедонанд. Дар баробари ин, агар доллар пастравии худро идома

> Дастгирии амиқи рубл дар вақтҳои наздик аз ҷониби омили мавсимӣ, яъне семоҳаи аввал, ки маъмулан ҳаҷми воридот дар ин вақт он қадар зиёд нест, анҷом дода мешавад".

диҳад ҳам, мустаҳкамшавии мавқеи рублро интизор шудан нашояд.

"Маълум аст, ки заиф шудани доллар барои мо хуб аст, зеро он барои рушди тиҷорат ва дигар имкониятҳо мусоидат менамояд, - гуфт Стивен Мнучин.

Вазир бар ин андеша аст, ки лаппишҳои кӯтоҳмуддати асъор ягон мушкилотеро ба миён намеоранд. Дар баробари ин, вай таъкид кард, ки ислоҳоти андоз, ки бо ташаббуси президент Доналд Трамп манзур гардид, ба таври мусбат аз ҷониби бахши соҳибкорӣ истиқбол шуд (он аз 35% то 21% паст кардани андоз аз фоидаи корпоратсияҳоро дар назар дорад).

"Мо дида истодаем, ки бисёр ширкатҳо барои маблағгузорӣ кардан ба иқтисодиёти Амрико садҳо миллион долларро омода карда истодаанд", - изҳор намуд Мнучин.

Бозор ба суханони вазир бо паст кардани қурби доллари амрикоӣ ҷавоб дод. Дар натиҷа доллар нисбат ба сабади шаш асъори пешбари дунё то ҳадди ақали моҳи декабри соли 2014 коҳиш ёфт.

Доллари амрикоӣ муддати тӯлонӣ аст, ки тахти фишор қарор дорад – индекси доллар ҳафтаи чорум аст(январ-феврал), ки раванди пастравӣ дорад, қайд менамояд Сергей Королев, сардори шуъбаи кор бо муштариёни Ширкати инвеститсионии «Тсерих Кэпитал Менеджмент».

Номбурда пастравии ҷории долларро ба суханронии Стивен Мнучин алоқаманд мекунад ва хотиррасон менамояд, ки дар бораи кӯшишҳои худ нисбати паст кардани қурби доллар якчанд маротиба президенти ИМА Доналд Трамп иброз дошта буд. Вале ҳаракат ба сӯи паст кардани қурби доллар хеле пеш ба нақша гирифта шуда буд, зеро ин асъор нисбат ба дигар асъорҳо хеле баланд баҳогузорӣ шудааст.

"Қурби доллар бинобар сабаби мавҷуд будани имкониятҳои бузурги инвеститсионӣ дар дигар минтақаҳои ҷаҳон, аз қабили Аврупо ва Ҷопон паст меравад", - чунин мепиндорад таҳлилгари калони Ширкати инвеститсионии "Фридом финанс" Вадим Меркулов.

Ба андешаи вай ба шарофати дар ИМА анҷом додани ислоҳоти андозӣ, вазъият барои доллар бояд беҳтар шавад, зеро бинобар сабаби мулоим шудани қонунгузории андоз ба ИМА маблағҳои хеле зиёд баргардонида мешаванд ва ин дар навбати худ ба иқтисодиёт маблағҳои иловагиро ворид месозад.

Бо вуҷуди ин, евро ва иена




бартарияти худро дар назди доллар нигоҳ медоранд, вале назар ба дигар асъорҳои дунё қурби доллар баландтар мешавад”- мегӯяд вай.

Сергей Королев чунин меҳисобад, ки ба таври воқеӣ дарк кардани ояндаи доллар он қадар кори осон нест, зеро “Низоми захираи федеролӣ имсол ба нақша гирифтааст, ки меъёри бозтамвилро тез-тез баланд намояд ва инро чӣ гуна бо хоҳиши Мнучин, ки мехоҳад мавқеи долларро суст кунад, алоқаманд кунем, намедонам”.

Аксари чизҳо аз сиёсати монетарии Низоми захираи федеролӣ вобаста аст, ки ба андешаи ман, аз интизориҳои пешина каме сахттар хоҳад буд, меъёри бозтамвил бошиддат баланд мешавад, чунин мепиндорад таҳлилгари «Алор брокер» Кирилл Яковенко.

> “Бонки танзимгар нақша дорад тамоми асъори озодро харидорӣ намояд ва бо ин роҳ профитсити тавозуни пардохтро аз байн барад, ки ин амалан пешгирӣ намудани таҳкими минбаъдаи рублро дар назар дорад”.

## ФОНДИ НЕКӮАҲВОЛИИ МИЛЛӢ СОЛИ ҚАБЛӢ 14% КОҲИШ ЁФТ

Тавре оҷонсии РИА Новости бо истинод ба Вазорати молия хабар дода буд, дар соли 2017 Фонди некӯаҳволии миллӣ аз ҳисоби рубли русӣ 14% то 3,753 триллион рублей, аз ҳисоби доллари ИМА – 9,3% то 65,15 млрд. доллар коҳиш ёфт.

Ба ҳолати 1 январи соли 2017 ФНМ дорои 4,359 триллион рубл буд, ки баробар аст ба 71,87 млрд. доллари ИМА. Тавре дида мешавад, дар моҳи декабри ҳамин сол ҳаҷми фонди номбурда 3,905 триллион рублро ташкил медод, ки баробар аст ба 66,94 млрд. доллари ИМА, ба ҳамин тартиб он дар моҳи декабр бо рубли русӣ 3,9% ва бо доллари ИМА 2,7% кам гардид. Дар моҳи декабри соли гузашта аз ФНМ ба буҷети давлатӣ барои дар мувозинат нигоҳ доштани Фонди нафақа 124, 11 млрд. рубл равона карда шуд.

Фонди эҳтиётӣ ва Фонди некӯаҳволии миллӣ соли 2008 дар натиҷаи тақсим шудани Фонди устуворсозӣ, ки барои андӯхти даромадҳои иловагӣ, ки аз болоравии нархи нафту газ ба миёномада, равона шуда буд, ташкил шуданд.

Тибқи қонун дар бораи тағйирот ба Кодекси буҷет, ки охири моҳи декабри соли гузашта қабул шуда буд, фаъолияти Фонди эҳтиётӣ қатъ карда мешавад.

## УСТУВОРИИ РУБЛ ТО МОҲИ МАРТ ИДОМА МЕЁБАД

Бинобар сабаби боло рафтани нархи нафт дар бозори ҷаҳонӣ, устуворшавии қурби рубл то моҳи март идома меёбад. Дар ин бораи нашрияи “Известия” бо истинод ба коршиносони соҳа хабар медиҳад.

“Дастгирии амиқи рубл дар вақтҳои наздик аз ҷониби омили мавсимӣ, яъне семоҳаи аввал, ки маъмулан ҳаҷми воридот дар ин вақт он қадар зиёд нест, анҷом дода мешавад”, изҳор дошт директори маркази пешгӯйи макроиқтисодии Бинбанк Наталия Шилова.

Ба андешаи сармутахассиси шуъбаи амалиёт дар бозори пули хазинадории бонки “Возрождение” Михаил Бурулав, эҳтимолияти баланди он ки дар семоҳаи аввал Бонки марказӣ меъёри калидиро паст нахоҳад кард, вуҷуд дорад,ки ин дар навбати худ ба қурби рубли русӣ таъсири мусбат хоҳад расонид.

“Дар маҷмӯъ бо дигар омилҳо ин барои рубл заминаи мусоид барои таҳкими ояндаи он фароҳам меорад”, - хулоса намуд вай.

Ба фикри Наталия Шилова қурби рубл дар семоҳаи аввали соли равон дар ҳудуди 56-58 рубл барои як доллари ИМА қарор хоҳад дошт.

> Қурби доллар бинобар сабаби мавҷуд будани имкониятҳои бузурги инвеститсионӣ дар дигар минтақаҳои ҷаҳон, аз қабили Аврупо ва Ҷопон паст меравад.

## ПОСУХИ АНТОН СИЛУАНОВ БА ТАҲЛИЛГАРОН

“Дар асоси қарорҳои ба таври қонунӣ қабулшуда имсол фақат як фонди мустақил – ФНМ боқӣ мемонад. Истифодаи маблағҳои Фонди эҳтиётӣ дар соли 2017 барои маблағгузории касри буҷет дар буҷети соли гузашта ба нақша гирифта шуда буд”, иброз намуда буд Антон Силуанов. Тавре вазир изҳор дошт, ба Вазорати молия муяссар гашт “харҷи захираҳои моро ба андозаи хеле зиёд кам кунад: ҳам маблағҳои Фонди эҳтиётӣ”ва ҳам Фонди некӯаҳволии миллиро”. “Хароҷоти тозаи захираҳо ба ҷойи 1707 млрд. рубли дар буҷет ба нақша гирифта тақрибан 790 млрд. рублро ташкил намуд”, - гуфт вай.

Вазир чунин шарҳ дод, ки маҳдуд кардани хароҷот бо шарофати татбиқи кори қоидаи буҷетӣ, ки равона кардани даромадҳои аз нархи $40 барои баррел баланди нафту газро ба захираҳои ҳукумат дар назар дорад, ба даст омад”. Дар натиҷаи амалӣ намудани ин механизм, ба андешаи вай, муяссар гардид, ки захираҳои иловагӣ ба андозаи 841,8 млрд. рубл, ки дар соли 2018 барои пурра кардани ФНМ равона карда мешаванд, ташаккул дода шаванд. “Дар ниҳояти кор ҳаҷми умумии захираҳо дар оғози соли 2018 назар ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ зиёд шуданд ва 5% ММД-ро ташкил намуданд”, - гуфт Силуанов.

Ҳамчунин вазир дар идомаи суҳбат қайд кард, ки касри ғайри нафту гази буҷети федеролӣ то 7,9% ММД (аз 9,1% дар соли 2016) поин гардид, ҳамчунин ҳассосияти тағйирёбии қурбӣ ба дигаргуншавии нархи нафт паст карда шуд. “Дар амал татбиқ намудани муқаррароти қоидаҳои буҷетӣ ҳамчунин имконият доданд, ки ба таври назаррас вобастагии иқтисодиёт ва буҷет аз арзиши нафт кам карда шавад”, - гуфт дар хотимаи суханрониаш Антон Силуанов.

**Таҳияи А. Курбонов, “БТҶ”.**

# БИТКОИН – ҳубоби кафиданӣ ё пули ҳақиқӣ?



Вақтҳои охир дар доираҳои молиявии байналмилалӣ роҷеъ ба асъори рамзии рақамӣ ё асъори рамзбандишудаи интернетӣ, аз қабили биткоин баҳсҳои гуногун сурат мегиранд. Бархе онҳоро ба аҳромҳои молиявӣ монанд карда, таъкид менамоянд, ки муомила бо онҳо оқибати хубе надорад ва ба зудӣ ба мисли ҳубобҳо кафида аз байн хоҳанд рафт. Дар ҳамин ҳол, қисмати дигар бо таваҷҷӯҳ ба афзоиши қурби биткоин дар чанд моҳи ахир талош мекунанд, ки аз он харидорӣ намуда, фоида бинанд. Ҳоло суоли матраҳ ин аст, ки ин асъори рамзбандишуда чӣояндае дорад ва бозори он ба куҷо хоҳад расид?

## БИТКОИН ПУЛЕ, КИ ВУҶУД НАДОРАД?

Асли баҳсҳо ва сабаби нигаронии доираҳои молиявӣ дар ҷаҳон дар он аст, ки асъори рамзии рақамӣ ба таври воқеӣ вуҷуд надоранд. Онҳоро ягон давлат расман ба муомилот намебарорад ва касе низ ба ивази онҳо ба мисли асъори воқеӣ бо тиллою молу маҳсулоти дигар замонат пешниҳод намекунад ва касе низ кафолат намедиҳад, ки пасфардо бо биткоин муомила карда мешавад ё на.

Асъори рамзии рақамӣ ё мисол биткоинҳо аз рӯйхатҳои махсусе иборатанд, ки дар онҳо амалиётҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ин рӯйхатҳоро блокчейн меноманд ва он пойгоҳи маълумоти тақсимшудае мебошад, ки дар он иттилоот дар бораи амалиёти анҷомдодашудаи иштирокдорони низом, ба таври занҷири блокҳо ба қайд гирифта мешаванд. Эмиссия ё худ барориши биткоин ва дигар намудҳои асъори рақамӣ дар натиҷаи кори миллионҳо компютерҳо дар тамоми ҷаҳон бо истифодаи барномаҳои ҳисобу китоби алгоритмҳои мураккаби математикӣ сурат мегирад.

Дар солҳои охир намудҳои асъори рамзии рақамӣ ба тадриҷ афзуда, ҳоло теъдоди онҳо ба 1200 расидааст. Намудҳои асъори

рамзии Bitcoin, Ethereum, Ripple, Litecoin, NEM, Ethereum Classic бештар маъруф мебошанд. Ин асъори рақамӣ дар Интернет мавриди барориш қарор гирифта, дар дохили ин шабака муомила мешаванд ва аз сӯи барномасозон пули замони оянда эълом карда шудаанд. Имрӯз дар Интернет биржаи махсуси муомила бо онҳо ба вуҷуд омадааст. Қиматтарин намуди асъори рамзӣ биткоин буда, асосан қурби намудҳои дигари асъори рамзбандишуда, вобаста ба он тағйир меёбад.

Идеяи барориши чунин асъори рамзии рақамӣ соли 1992 пайдо гардида буд, вале танҳо соли 2008 ба барномасозе бо номи мустаори Сатоши Накамото, ки шахсияташ то ҳанӯз норӯшан аст, даст дод, ки нахустин асъори рамзиро бо номи биткоин созад ва ба муомилот барорад. Вай муваффақ шуд, ки муштариён биткоинҳоро ба пулҳои воқеӣ иваз кунанд.

Худи вожаи **“биткоин” (bitcoin)** аз калимаҳои англисии bit – бит, воҳиди ченаки миқдори иттилоот ва coin – танга сохта шудааст. То кунун ҳуввияти Сатоши Накамото маълум нест. Чанд сол қабл ӯ дар сомонаи худ навиштааст, ки 37-сола аст ва дар Ҷопон зиндагӣ мекунад. Аммо мутахассисон дар Ҷопон чунин одамро пайдо накарданд. Ба далели он ки ҳамаи ҳуҷҷатгузориҳои барномавии биткоин бо забони англисии шево навишта шудаанд, мутахассисон ба ҷопонӣ будани асосгузори биткоин шак доранд.

Аммо пинҳон будани созандаи биткоин низ яке аз сабабҳои асосии пайдоиши ҳадсу гумонҳои гуногун дар бораи биткоин шудааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки ҳамаи иштирокчиёни низоми биткоин ҳуқуқи баробар доранд, зеро он дар асоси шабакаи пирингӣ сохта шудааст. Низоми биткоин ғайримутамарказ буда, маркази ягонае, ки фаъолияти ин низом аз он вобаста бошад ё идора карда шавад, вуҷуд надорад. Ин низом тарзе сохта шудааст, ки дар он ҳамаи мизоҷон озодона тавассути интернет байни ҳамдигар муомила менамоянд. Яъне онро ягон нафар ё гурӯҳ идора карда наметавонад, вале ҳама хоҳишмандон метавонанд аз ин шабака истифода баранд. Бо ин сабаб биткоин аз ҷониби мақомоти ягон давлат назорат ва танзим карда намешавад. Ҳамин тавр биткоин ва асъори дигари рамзии рақамӣ ба сиёсати пулии ягон давлат алоқамандӣ надоранд.

Муомилот низ дар ин низом бидуни иштироки бонкҳо сурат мегирад ва интиқолҳо низ аз одам ба одам тавассути интернет дар давоми як дақиқа амалӣ мешаванд. Барои интиқолҳо коммисия гирифта намешавад ва ба бонк муроҷиат кардану анҷом додани ҳуҷҷатгузорӣ зарур нест. Биткоинро ба воситаи СМС, почтаи электронӣ ва ё тавассути мактуби оддӣ равона мекунанд.

То ҳанӯз чунин низом имкон додааст, ки ҳарчанд биткоин дар қиёс бо асъори муқаррарӣ бо ягон дороиҳо таъмин нест ва ба ягон давлат ё иқтисодиёт вобаста намебошад, мавриди муомилот қарор гирад. Он ба пулҳои муқаррарӣ дар биржаҳои махсуси асъори рамзии рақамӣ ё худ сомонаҳои махсус мубодила мешавад.

**Аббос Шарифов** донишҷӯи ДМТ мегӯяд, биткоин ҳамчун воситаи пардохт худашро тадриҷан бештар нишон дода истодааст:

— Ҳоло бо чанд миллибиткоин шумо метавонед, дар қаҳвахона қаҳва нӯшед ва ё ба воситаи интернет моли худро харидорӣ намоед. Бубинед, ҳатто ширкати муътабари ҷаҳон Майкрософт ҳам биткоинро ҳамчун воситаи пардохт пазируфт. Бинобар ин, ҳавасмандони хариди биткоин дар Тоҷикистон низ кам нестанд.

Яке аз сабабҳое, ки боиси харидор пайдо кардани биткоинҳо гаштааст, ин метавонад, маҳдудияти барориши биткоинҳо бошад. Аз баъзе маълумотҳо бармеояд, ки биткоинҳо то соли 2140 бароварда мешаванд ва баъд аз он барориши онҳо қатъ мегардад. Зеро тибқи алгоритми биткоин дар низоми он аз 21 миллион бештар биткоин мавҷуд буда наметавонад. Дар ибтидо дар ин низом ҳар 10 дақиқа 50 биткоин ба муомилот бароварда мешуд. Ҳар чор сол ин шумора ду баробар камтар мешавад. Ҳамин хел, баъди ҳар чор сол барориши биткоин кам шудан мегирад. Ҳоло тақрибан 15 миллион биткоинҳо аллакай бароварда шуда, ба гуфтаи мутахассисон биткоинҳои боқимонда




дар давоми 122 соли оянда ба муомилот бароварда мешаванд.

Гуфта мешавад, ки эҳтимол шумораи ками биткоинҳо дар оянда ба чараёни ҳисоббаробаркуниҳо мушкилӣ эҷод намояд. Аммо барномасозон мӯътақид бар онанд, ки як биткоин метавонад ба миллионҳо қисмҳо, ки сатоши ё "миллибиткоин” ва ё "микробиткоин" ном гирифта мешаванд, тақсим шуда, бо ин роҳ ҳисоббаробаркунӣ бо биткоинҳо осон гардад.

Ҳамчунин эҳтимол меравад, ки чунин ҳолат одамони зиёдеро дар саросари сайёраи Замин ба умеди фоида зиёд гирифтан барои дар ихтиёри худ нигоҳ доштани биткоин ҳавасманд намуда, бозори биткоин ва дигар асъори рамзии рақамиро гарм кардааст.

Агар дар ибтидои кор, яъне пайдоиши он дар соли 2009 1000 биткоин бар ивази 3 сент мубодила мешуд, ҳоло дар ибтидои соли 2018 ҳар як биткоин бар ивази 11000 доллар мубодила мешавад.

## БОЗОРИ ГАРМИ БИТКОИН

Моҳи декабри соли гузашта қурби биткоин ба 20 ҳазор доллар расид ва ҳаҷми маблағгузории умумӣ ба ин асъори рамзбандишуда аз 330 миллиард доллар бештар шуд. Бо чунин нишондиҳанда асъори рамзии рақамӣ ба қисми муҳими бозори молиявии дунё табдил ёфт. Биржаи молии Чикаго дар моҳи декабри соли 2017 савдои фючерсҳоро бо биткоин шуруъ кард. Аммо дар моҳи январ қурби биткоин арзоншавиро сар кард ва тадриҷан ба 11 ҳазор доллар фаромад.

Вале нобобаста аз ин коҳишёбӣ бозори биткоин дар ҳоли тавсиа қарор дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, харидорони биткоинҳо дар ҳоли афзоиш қарор доранд ва зиёдшавии ин талабот нархи биткоинро баланд нигоҳ медорад.

Агар дар ибтидои кор, яъне пайдоиши он дар соли 2009 1000 биткоин бар ивази 3 сент мубодила мешуд, ҳоло дар ибтидои соли 2018 ҳар як биткоин бар ивази 11000 доллар мубодила мешавад. Онҳое, ки дар замони нав пайдо шудани биткоин бо 10 доллар як адади онро харида буданд, ҳоло шояд ба миллионер табдил ёфтаанд. Чунин афзоиши қимати биткоин афроди ҳаннотро ҳавасманд кардааст, ки биткоинро харидорӣ намуда, онро баъд аз чанде бо нархи гаронтар фурӯшанд.

Вале касе гуфта наметавонад, ки фардо биткоин боқӣ мемонад ё не. Худи барномасозоне, ки биткоинро месозанд, дар сомонаҳои худ ин намуди асъорро пули замони оянда меноманд. Аммо то ҳанӯз бонкҳои марказӣ ва мақомоти давлатии олам дар мавриди асъори рамзии рақамӣ ягон муқаррарот барои танзими онҳо қабул накардаанд ва дар ин хусус нигоҳи ягона низ надоранд. Бинобар ин, мавқеи ҳуқуқии асъори рамзии рақамӣ номуаяйн боқӣ мемонад.

Ба далели ноустувор будани қурби биткоин коршиносон ҳангоми харидорӣ наму- дан ва додугирифти биткоин эҳтиёткориро тавсия медиҳанд. Зеро қурби биткоин ва намудҳои дигари асъори рамзии рақамӣ ба лаппишҳои калон дучор шуда, дар сурати поин рафтани он за- рар дидани истифодабарандаго- ни он аз эҳтимол дур нест.

## ЧАРО МАРДУМ БИТКОИН МЕХАРАД?

Ҳоло саволи матраҳ ин аст, ки чаро бо вуҷуди набудани ка- фолат ва замонат мардум аз биткоин ва дигар асъори рамз- бандишуда истифода меба- ранд. Ба назари Воҳид Умаров, иқтисоддони тоҷик асосан хусусиятҳои мутамарказ на- будани онҳо, ниҳонӣ анҷом додани амалиёти интиқоли онҳо ва ҳангоми транзактсия наги- рифтани ҳаққи хизматрасонӣ, таваҷҷуҳи мардумро ба ин пул ҷалб намудааст.

Аз ҷониби дигар даромадно- кии пасти бештари дороиҳо дар кишварҳои ғарбӣ боис ба хари- дории асъори рамзии рақамӣ гардидааст. Ҳоло меъёри фоизӣ барои депозитҳо қариб дар сатҳи сифрӣ қарор дорад, бозори саҳом низ ба таври кофӣ рушд ёфтааст ва акнун дар он интизор меравад, қурби саҳом коҳиш ёбад. Дар чунин вазъият пайдо шудани дороие, чун биткоин, ки даромаднокии хубро бо тавсифи зебоиояндаи технологӣ нишон медиҳад, мавриди таваҷҷӯҳи сар- моядорон қарор гирифтааст.

> Ҳеҷ кас аз мо намедонад, ки ин асъори рамзбандишуда нигоҳдорӣ мешавад ё не. Аммо барои ҳама фаҳмост, ки технологияи блокчейн ояндаи бузург дорад.

## ДАВЛАТҲОИ ДУНЁ ВА МАВҚЕИ ОНҲО

Бо вуҷуди надоштани кафолати зарурӣ қурби як биткоин дар моҳи декаби соли гузашта то 20000 доллар баланд гардид, ни- гаронии доираҳои молиявӣ дар ҷаҳон нисбат ба асъори рамзии рақамӣ шиддат гирифт.

Бинобар ин, ҳоло муносибати давлатҳо роҷеъ ба асъори рам- зии рақамӣ яксон нест. Бархе давлатҳо саъй доранд, ки бит- коинро ба муомилоти низоми молиявӣ ворид намоянд ва амалиёт бо биткоинро иҷозат додаанд. Вале бештар ба асъори рамзии рақамӣ ҳамчун ба мол ё дороии инвеститсионӣ муно- сибат мекунанд. Масалан, дар Олмон, биткоин ҳамчун асъори баҳисобгирӣ ё дар Ҷопон ҳамчун воситаи пардохт эътироф карда шудааст.

Мақомоти Канада талош карда истодаанд, ки ба ҷойи биткоин худашон асъори рам- зии рақамии давлатӣ созанд. Бонки марказии Канада лоиҳаи CADcoin-ро, ки дар якҷоягӣ бо бонкҳои калонтарин, аз қабили Bank of Montreal, CIBC, Royal bank of Canada, Scotiabank ва TD Bank, инчунин, дар ҳамкорӣ бо консортсиуми бонкии R3CEV мавриди коркард қарор дода истодааст.

Британияи Кабир, Кореяи ҷанубӣ ва Украина низ ба мисли Канада дар асоси технологияи муосири блокчейн лоиҳаҳои барориши асъори рамзиии рақамии миллиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар Русия низ чунин ба назар мерасад, ки аз падидаи асъори рамзии рақамӣ шадидан ни- гаронанд. Дмитрий Медведев, сарвазири Русия ахиран дар шаҳри Алмаато дар анҷумани Иттиҳодияи Иқтисодии Ав- руОсиё, ки ба истифодаи технологияҳои рақамӣ бахшида шуда буд, гуфт: " - Ҳеҷ кас аз мо намедонад, ки ин асъори рамз- бандишуда нигоҳдорӣ мешавад ё не. Аммо барои ҳама фаҳмост, ки технологияи блокчейн ояндаи бузург дорад. Мо ҳоло намефаҳмем, ки чӣ гуна тақдир асъори рамзбандишударо интизор аст. Оё он воқеан ҳам воситаи беҳтари пардохт аст, ки қобилияти рақобат бо асъори стандартии маъмулиро дорад, ё он ҳубобест, ки метавонад ҳар лаҳза кафад ва аз он чизе боқӣ намонад.”

Сарвазири Русия ба далели он, ки иқтисодиёти кишварҳои узви Иттиҳодияи Авруосиё ба ҳам алоқамананд, аз кишварҳои ди- гари аъзои ин созмон – Белорус, Қазоқистон ва Қирғизистон даъ- ват кард, ки муносибаташонро нисбат ба асъори рамзии рақамӣ якҷоя муқаррар намоянд.

Дар ҳамин ҳол, Венесуэла шаби 20-уми феврали соли 2018 расман аввалин асъори рамзии рақамиашро бо номи El Petro ба муомилот баровард. Президенти Венесуэла Николас Мадуро изҳор дошт, ки асъори рамзии рақамиро бо мақсади устувор намудани иқтисоди ин кишвар ва аз муҳосираи иқтисодӣ баровардани он ба муомилот баровардаанд. Мадуро инчунин қайд кард, ки асъори рамзии рақамии кишвараш барои дарёфти манбаъҳои нави даромади буҷет ба давлат кумак хоҳад кард. Ӯ таъкид кард, ки қурби муътадили El Petro бо захираҳои табиии Венесуэла, аз ҷумла алмос, тилло ва нафт таъмин карда мешавад.

Венесуэла ба миқдори 100 миллион адад асъори рамзии рақамӣ ба муомилот баровардааст ва арзиши ҳар як воҳиди онро ба нархи 1 баррел нефти ин кишвар баробар намудааст. Ҳамзамон, Венесуэла эълон кардааст, ки арзиши асъори рамзии рақамиаш вобаста ба нархи нафт тағйир меёбад. Аммо алҳол харидор пайдо кардани “Эл Петро”-ҳои Венесуэла суоли рӯз аст ва як каме гузашти вақтро талаб мекунад.

Ахиран вазорати молияи Русия низ масъалаи додани иҷозат ба хариду фурӯши асъори рамзии рақамӣ ба воситаи биржаҳоро барои муҳокима ба шаҳрвандони ин кишвар пешниҳод кард. Ин вазорат лоиҳаи қонун “Дар бораи дороиҳои молиявии рақамӣ”-ро таҳия карда, дар сомонаи расмиаш ҷой додааст, ки тибқи он шаҳрвандони Русия метавонанд, хариду фурӯши асъори рақамиро ба воситаи рубл ва дигар асъори хориҷӣ “танҳо ба воситаи иштирокдорони касбии бозори коғазҳои қиматнок ва аз тариқи ташкилкунандагон, оператори мубодилаи дороиҳои молиявии рақамӣ” анҷом диҳанд.



Мақомоти вазорати молияи Русия феълан фикру мулоҳизаи коршиносон ва шаҳрвандони ин кишварро перомуни ин масъала мавриди омӯзиш қарор додааст.

Агар парламенти Русия ин масъаларо баррасӣ намуда, тарҳи ин қонунро қабул кунад, дар он сурат, хариду фурӯши асъори рақамӣ дар ин кишвар ҷомаи қонунӣ хоҳад пӯшид.

Аммо давлатҳое ҳам ҳастанд, ки муомилот бо асъори рамзии рақамиро комилан мамнуъ эълон кардаанд. Мақомоти Ҳиндустон асъори рамзии рақамиро аҳромҳои молиявӣ номида, аҳолии худро даъват кардаанд, ки аз хариду фурӯши асъори рамзии рақамӣ худдорӣ намоянд. Онҳо ба шаҳрвандони худ ҳушдор додаанд, ки шахсони бо хариду фурӯши асъори рамзии рақамӣ дастдошта, ба хавфҳои молиявӣ, амалиётӣ ва ҳуқуқӣ мувоҷеҳ мешаванд.

Ба ҳамин монанд, Чин, Бангладеш, Тайланд, Ветнам ва давлатҳои дигар гузаронидани амалиёт бо асъори рамзии рақамӣ ва фаъолияти биржаҳои онҳоро манъ кардаанд. Ин давлатҳо гуфтаанд, ки беном будани дорандагони биткоин, пинҳонӣ будани амалиёт бо он ва имкони истифодаи онҳо бо ҳадафҳои ҷинояткорӣ онҳоро водор намудааст, ки аз шаҳрвандонашон дархост кунанд, ки аз истифодаи асъори рамзии рақамӣ худдорӣ намоянд.

## МАВҚЕИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бонки миллии Тоҷикистон низ ахиран аз тариқи сомонаи расмии худ шаҳрвандони кишварро дар мавриди муомилот бо биткоин ва дигар асъори рамзии рақамӣ ба эҳтиёткорӣ даъват кард. Бино ба иттилоияи нашрнамудаи Бонки миллӣ, аз як тараф ноустувории қурби биткоин ва хусусияти ҳаннотӣ доштани он ва аз тарафи дигар пинҳонӣ будани амалиёт бо асъори рамзии рақамӣ ва имко-

ни истифодаи онҳо бо мақсадҳои ҷиноятӣ, барои шаҳрвандон истифодаи онҳоро бохавфу хатар мегардонад.

Дар ин иттилоия, аз ҷумла омадааст, "Аз нуқтаи назари сиёсати давлатӣ аз ҷониби аҳолӣ истифодаи низоми пардохтии ниҳонӣ хатарҳо ва хавфҳои иҷрои амалиётҳои марбут ба маблағгузории терроризм ва шустушӯи пул ва дигар амалиётҳои молиявии ғайриқонуниро зиёд мекунад. Зеро, ки амалиётҳо бо крипто-асъорҳо (асъори рамзии рақамӣ) бидуни бонкҳо ва дигар институтҳои молиявӣ, мустақиман байни дорандагони ҳамёнҳои биткоин амалӣ карда мешаванд. Масалан, дар яке аз платформаҳои интернетӣ фурӯши моддаҳои психотропӣ ва маводи нашъадор бар ивази биткоин ба роҳ монда шуда буд." Ба ин далелҳо Бонки миллии Тоҷикистон ба шаҳрвандон тавсия дод, ки ҳангоми харидорӣ аз биткоин эҳтиёткор бошанд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин дар ин иттилоия таъкид кард, ки биткоин ва асъори рамзи рақамии дигар дар қонунгузории Тоҷикистон ҳамчун воситаи муомилот эътироф нашудаанд ва бинобар ин, ҳама гуна муомилаҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ танҳо бо пули миллӣ – сомонӣ амалӣ мешавад: "Тибқи моддаи 64 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" – пули миллии ба муомилот баровардашуда ва дар гардиш қарордошта воситаи ягона ва истисноии пардохти ҳар гуна уҳдадориҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо буда, қабули он бо арзиши номиналиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тамоми пардохтҳои пулӣ ҳатмӣ мебошад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон крипто-асъор (асъори рамзии рақамӣ), аз ҷумла биткоин ба монанди дигар асъорҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи қонунии пардохт эътироф нагардидааст ва оиди истифодаи он низ сухане дарҷ нагаштааст, вобаста ба ин дар қаламрави кишвар амалиётҳои молиявию бонкӣ бо истифодаи онҳо гузаронида намешаванд."

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин хабар дод, ки ҳамарӯза бо таваҷҷуҳи хос ҳамагуна иттилооти вобаста ба танзими ҳуқуқии биткоин ва асъори рамзии рақамии дигарро пайгирӣ мекунад ва ба низоми молиявии ҷаҳон таъсири мусбат ва ё манфӣ доштани истифодаи онҳоро омӯхта истодааст.

Бинобар ин ҳоло дар қаламрави Тоҷикистон танҳо воситаи қонунии пардохт пули миллӣ буда, тамоми ҳисоббаробаркуниҳо танҳо бо он иҷозат дода шудааст.

## КОРШИНОСОН ДАР БОРАИ БИТКОИН

Назари аксарияти коршиносону сармоядорони ҷаҳон ба асъори рамзии рақамӣ мусбат нест. Иқтисоддони дорандаи ҷоизаи нобелӣ Роберт Шиллер, ки корҳои илмиаш асосан масъалаи таҳлили аҳромҳои молиявиро фаро гирифтаанд, изҳор дошт, ки биткоинро сукути комил интизор аст. Ӯ гуфт, то замоне, ки ҷомеа ба нуқтаи назари ягона оид ба нархи биткоин наояд, биткоин дорои арзиши воқеӣ нахоҳад шуд. Вай афзуд, дороиҳои дигар ба мисли тилло нарх доранд, ҳарчанд, ки одамон онҳоро барои сармоягузорӣ истифода намебаранд.

**Роберт Шиллер гуфт, ки чунин вазъият "ҳубоби гули лола"-ро ба хотир меорад:**
— Мо то ҳол барои харидории гулҳои лола пули хеле бисёр медиҳем. Биткоин метавонад сукут кунад ва ҳама онро фаромӯш намоянд. Ин хулосаи эҳтимолӣ аст. Вале то фаро расидани он лаҳза мумкин аст, вақти бисёр зарур бошад.

Барои маълумоти бештар гуфтанием, ки ҳубоби гули лола яке аз аввалин ҳубобҳои иқтисодӣ дар таърихи Аврупо ба шумор меравад. Дар солҳои 1636-1637 нархи тухмидонаи гули лола дар Ҳоланд ба сатҳи фавқуллода боло рафт ва сипас ба таври ногаҳонӣ сукут кард. Азбаски сармоядорони зиёди Аврупо маблағҳояшонро барои хариди гули лола сармоягузорӣ карда буданд, дар натиҷаи сукути ногаҳонии нархи гули лола ҳисорот диданд ва он вақт аввалин буҳрони бузурги иқтисодӣ дар дунё ба вуҷуд омада буд.



**Иқтисоддон ва яке аз сарватманди бузурги амрикоӣ Ҷорҷ Сорос** низ ҳамин андешаро дорад. Вай дар Анҷумани байналмилалии иқтисодии Давос биткоин ва дигар асъори рамзии рақамиро "ҳубоби маъмулии молиявӣ" номид. Вай гуфт, ки "Биткоин асъор нест, зеро асъор чизест, ки воситаи устувори ҷамъоварии маблағ ҳисобида мешавад ва қурби он дар як рӯз 25 фоиз тағйир намеёбад. Асъори рамзии рақамӣ ин ҳаннотиест, ки чун ҳамеша ба нофаҳмӣ асос ёфтааст."

**Аммо Ҷеймс Даймон,** роҳбари ҳолдинги молиявии JP Morgan Chase аз он изҳори таассуф кардааст, ки чанд моҳ қабл биткоинро мавриди танқид қарор дода, онро фиребгарӣ номида буд. Вай моҳи сентябри соли 2017 барориши асъори рамзии рақамиро қаллобии бадтар аз "Ҳубоби гули лола" дар Ҳоланд номида буд. Вай дар ҷамъи сармоядорон амалиёт бо биткоинро мухолифи қонун ва кори аҳмақона номида, гуфта буд, ки сарнавишти биткоин хуб анҷом намеёбад ва дер ё зуд асъори рамзбандишуда барҳам хоҳад хӯрд. Аммо ҳоло баъд аз 5 моҳ ӯ гуфтааст, ки низоми блокчейн комилан самаранок кор мекунад ва ин имкон медиҳад, ки дар оянда асъори рамзии рақамии доллар, йен ва ё намудҳои дигари асъори рамзии рақамӣ пайдо шаванд.

Дар ҳамин ҳол, Стив Мейҷор, роҳбари Идораи назорати бозори коғазҳои қиматноки Иттиҳоди Аврупо изҳор доштааст, ки "ноустувории шадиди биткоин истифодаи онро ба сифати асъор бемаъно мекунад". Вай ҳушдор додааст, ки дорандагони биткоин мумкин аст, ки аз муомила бо он дар ниҳояти кор пулҳояшонро аз даст диҳанд.

Коршиносони тоҷик дар ин хусус бештар ба эҳтиёткорӣ таъкид мекунанд. Давлат Олимшоев, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мегӯяд, айни замон касеояндаи биткоин ва дигар асъори рамзбандишудаи рақамиро пешгӯӣ карда наметавонад:

- Роҷеъ ба масъалаи биткоин бояд дар мадди назар дошт, ки мардум ба аввалин пулҳои коғазӣ низ эътимод надоштанд, вале тадриҷан онҳо ҷои тангаҳои тиллоию нуқрагиро гирифтанд. Имрӯз танҳо метавон гуфт, ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки дар оянда асъори рамзбандишуда ҷои пулҳои коғазиро мегиранд. Вале боз кӣ медонад, чӣ хоҳад шуд?

Ба андешаи Далер Раҳимов, мутахассиси дигари тоҷик бинобар сабаби он ки хавфҳои асъори рамзии рақамӣ бузурганд, дар муносибат бо онҳо бояд аз масали тоҷикии "эҳтиёт - нисфи ҳаёт" кор гирифт. Зеро ҳангоми корбарӣ аз ин ҳикмати халқ, на аз истифода накардани биткоинҳо зарар мебинию на истифода кардани онҳо.



**Сармоягузори амрикоӣ Уоррен Баффет,** ки дороиҳояш беш аз 87,3 миллиард доллар аст, низ пешбинӣ кардааст, киояндаи асъори рамзии рақамӣ хуб нахоҳад буд.

Хуллас, коршиносони байналмилалӣ ва афроди саршиноси ҷаҳони сармоядорӣ дар бораи биткоин назари ягона надоранд.

Ба ин тартиб, ба андешаи аксари сармоядору сармоягузор, иқтисоддону бонкдор ва коршиносон ҳолоояндаи асъори рамзии рақамӣ норӯшан боқӣ мемонад. Яқин дар ин маврид он аст, ки гузашти вақт, бешубҳа, маълум хоҳад кард, ки биткоин ва дигар асъори рамзии рақамӣ ба пули ҳақиқӣ табдил меёбанд ё чун падидаи ногаҳонӣ аз бозори асъор нопадид мегарданд. Зеро вақту замон довари ҳама кор аст.

**Аслам Мӯминов,**
**шореҳи "БТҶ"**

# Саводнокии молиявӣ – масъалаи муҳим

Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва рузмарра ба ҳисоб рафта, даст ёфтан ба сатҳи болои он барои рушди иқтисодиёт, хусусан барои пешрафти соҳаи бонкдорӣ мусоидат хоҳад кард. Ба далели муҳим будан, масъалаи мазкур дар банди алоҳидае дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030" қайд гардидааст ва дар асоси он ниҳодҳои иқтисодии давлат бояд дар ин самт тадбири муҳимеро роҳандозӣ намоянд. Дар доираи ин стратегия дар баробари масоили муҳими дигар, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва дар ин замина беҳтар намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба мардум доир ба идоракунии маблағҳояшон, истифодаи босамар аз хизматрасониҳои бонкӣ ва пайдо кардани иттилоот оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои муосири молиявӣ чорабиниҳои дахлдор роҳандозӣ карда мешаванд.

Маҳз бо мақсади иҷрои вазифаҳои ба миён гузоштташуда, солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ кору фаъолият бурда дар якҷоягӣ бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ аз қабили Бонки ҷаҳонӣ, Иттиҳодияи байналмилалии молиявӣ ва Дафтари ҳамкориҳои Швейтсария чорабиниҳои дахлдор гузаронида истодааст. Баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолии кишвар, пеш аз ҳама, барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолот ва афзоиши сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Дар солҳои охир, кофӣ набудани сатҳи саводнокии молиявӣ яке аз сабабҳои пайдо шудани қарздории аз ҳад зиёди аҳолӣ дар назди бонкҳо шудааст. Зеро бархе аз шаҳрвандон аз бонкҳо қарз гирифта, ба далели маълумоти кофии молиявӣ надоштан онро ғайримақсаднок истифода бурда, саривақт баргардонида наметавонанд, ки ин бевосита ба фаъолияти босамари ташкилотҳои қарзӣ монеа шуда, боиси гум кардани қобилияти пардохтпазирии онҳо мегардад. Бинобар ин, татбиқи барномаҳо дар заминаи баланд бардоштани саводнокии молиявӣ аз як ҷониб ба коҳиши мушкилоти бонкҳо оварда расонад, аз ҷониби дигар ба шаҳрвандон ва хонаводаҳои Тоҷикистон имкон медиҳад, ки маблағҳои худро беҳтар идора намоянд ва малакаҳои молиявию робитаҳои мустаҳкамро бо бонкҳо ривоҷ диҳанд.

Тавре аз тадқиқоти анҷомдодаи Иттиҳодияи байналмилалии молиявӣ дар бораи вазъи фаҳмиши молиявии аҳолии Тоҷикистон маълум гардид, аксарияти мардуми кишвар дар бораи фаъолияти бонкҳо ва даҳлу харҷи худ маълумоти кофии молиявӣ надоранд.

Зарина Одинаева, роҳбари Барномаи инфрасохтори молиявӣ ва рушди пардохтҳои электронии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ/IFC мегӯяд, дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти мазкур беш аз 40 фоизи иштирокчиёни пурсиш даромади умумии худро пурра сарф мекунанд ва танҳо нисфи онҳо мунтазам пасандоз менамоянд. Ба ғайр аз ин, 83 фоизи иштирокчиёни назарпурсӣ истилоҳоти асосии бонкиро шарҳ дода натавониста-анд. Ҳамчунин 90 фоизи пурсидашудагон умуман дар бораи бюрои қарзӣ чизе нашунидаанд ва фақат 40 фоизи онҳо розӣ шуданд, ки ба бюрои қарзӣ дар бораи таърихи қарзи онҳо маълумот дода шавад.

Бо назардошти ин омилҳо Ширкати байналмиллалии молиявӣ низ оид ба зарурати баланд бардоштани фаҳмиши иқтисодии шаҳрвандон таъкид намудааст. Мардум бояд ҳадди ақал тарзи фаъолияти бонкҳо ва ҳисобукитоби

дахлу харҷи хонаводагиро донанд.

Гуфтан мумкин аст, ки агар аксари шаҳрвандон маълумоти кофӣ оид ба фаъолияти бонкҳо ва тарзи дурусти истифодаи қарзро надошта бошанд, даст ёфтан ба нишондиҳандаҳои беҳтари қарздиҳӣ ва маблағгузорӣ бисёр душвор мегардад. Мисоли одӣ ин аст, ки қарзгирандае, ки саводи кофии молиявӣ надорад, метавонад қарзро барои пешбурди тиҷорат гирифта, онро барои гузаронидани тӯю маърака ва ё барои хариди таҷҳизоти хона истифода бурда, баргардонидани маблағи асосӣ ва фоизи қарзро ба истилоҳ "фаромӯш" кунад. Дар ниҳояти кор, саривақт ё умуман бозпас нагардонидани қарз боиси пайдо шудани мушкилоти пардохтпазирӣ дар бонкҳо гардида, зимни пардохти пасандозҳои аҳолӣ, ки бо умеди ба даст овардани фоида маблағҳои худро дар бонкҳо гузоштаанд, дар назди ташкилоти қарзӣ боз як душворӣ ба миён меояд.

Баланд шудани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ имконият медиҳад, ки шаҳрванди маълумотнок, пеш аз ҳама молияи хонаводаи худро ба вижа дар шароити буҳронӣ беҳтар идора намуда, ҳангоми харидорӣ ва ё истифода аз маҳсулоти молиявӣ қарори муносибтаринро қабул намояд. Ба ин далелҳо саводнокии молиявӣ сатҳи хавфи талафотро паст намуда, манфиати иқтисодии захираҳои мавҷудаи молиявиро ҳам барои оилаи шаҳрванд ва ҳам барои низоми бонкӣ зиёд менамояд.

Аз ҷониби дигар, ин барои ҷорӣ кардани принсипҳои маблағгузории бомасъулият ва таъмини устувории бозори молиявӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, манфиат ва имкониятҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявиро тавсиа мебахшад.

Дар робита ба корҳои анҷом додашуда, Бонки миллии Тоҷикистон, Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ва якчанд муассисаҳои молиявӣ Барномаи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Тоҷикистонро ки аз соли 2014 то соли 2017 аз ҷониби Иттиҳодияи байналмилалии молиявӣ дар кишвар татбиқ мешуд, ҷамъбаст намуда, изҳор доштанд, ки фаъолиятро дар ин самт давом медиҳанд. Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ маблағгузории ин барномаро то соли 2020 тамдид намудааст.

Ба гуфтаи Зарина Одинаева, роҳбари Барномаи инфрасохтори молиявӣ ва рушди пардохтҳои электронии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ / IFC, дар доираи Барномаи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Тоҷикистон 15 ташкилоти қарзӣ дар тамоми қаламрави кишвар бо бастаи воситаҳо, аз қабили модулҳои таълимӣ, наворҳои видео, асбобҳои гузаронидани ҳисобу китоби даромаду хароҷоти оила, маводҳои ҷолиб дар намуди комикс ва ғайра таъмин шуда, фаъолият мекунанд. Дар доираи ин барнома беш аз 1800 кормандони ташкилотҳои молиявӣ дар давраҳои таълимӣ тарзи гузаронидани машварат бо аҳолиро омӯхтаанд. Дар натиҷаи чунин корҳои амалӣ беш аз 15 ҳазор шаҳрвандон бо омӯзиш фаро гирифта шудаанд, ки 6,7 ҳазори онҳоро занон ташкил медиҳанд. Дар доираи барнома бар асоси омори нимсолаи аввали соли 2017, беш аз 300 ҳазор шаҳрвандон бо дастгирии машваратӣ таъмин шудаанд.

Чунин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки иштироки фаъоли бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурди Тоҷикистон дар раванди баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ метавонад назаррас бошад ва маърифати молиявии шаҳрвандонро баланд бардорад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар навбати худ Барномаи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишварро дастгирӣ намуда, ҳамчун яке аз шарикони асосӣ дар татбиқи он мусоидат мекунад. Инчунин ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ оид ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ташаббусҳои муҳимро дастгирӣ менамояд.

Ба гуфтаи Рукмина Сафарова, сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин, БМТ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ як қатор чорабиниҳо, аз қабили "Ҳафтаи байналмилалии молиявӣ", "Рӯзи умумиҷаҳонии пасандоз", "Рӯзи дарҳои кушод" ва тренингу семинарҳоро барои ҷавонону мактаббачагон баргузор намудааст.

Андешидани чунин тадбирҳо саводнокии молиявии аҳолиро баланд бардошта, барои иҷрои

дастуру супоришҳои Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар соҳаи бонкдорӣ мусоидат мекунад, ки аз ҷумлаи ин супоришҳо гузаронидани ислоҳоти зарурии пуливу қарзӣ, муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ, сатҳи нархҳо, фаъолияти бонкҳо, назорати риояи қонунгузории бонкӣ ва такмили он, паст кардани дараҷаи хавфҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои идораи корпоративӣ мебошанд.

Бо мақсади тақвият бахшидани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии мардуми кишвар ва васеъ намудани имконияти онҳо, ҷиҳати ба роҳ мондани ояндаи бомасъулияти молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ҳамасола дар моҳи март ҳафтаи байналмилалии молиявиро бо номи Global Money Week барои кӯдакон ва ҷавонон баргузор менамояд. Дар гузаронидани чорабинии мазкур тамоми ташкилотҳои қарзии кишвар, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои молиявии хурд, ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолона саҳм мегузоранд.

Масъалаи кофӣ набудани саводи молиявии аҳолӣ чанд сол пеш аксари ташкилотҳои қарзии Тоҷикистонро нигарон карда буд. Ба ин далел, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон дар заминаи барномае, барои кормандони ҳокимияти маҳалӣ, бонкҳо ва дигар табақаҳои ҷомеа дар аксари шаҳру навоҳии Тоҷикистон давраҳои омӯзиширо барои баланд бардоштани маърифати молиявӣ баргузор намуда буд. Мавзӯъҳои омӯзиш хеле оддӣ, вале зарурӣ буданд, аз қабили буҷети оила ва мақсадҳои молиявӣ, дороиҳо, сармоягузорӣ, амалиётҳои амонатии бонк, пасандоз ва фишангҳои он, қарз ва идоракунии он ва хизматрасониҳои молиявии ҳозиразамон.

Дар он вақт гузаронидани давраҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониши молиявии аҳолӣ ибтидо барои кормандони ҳокимияти маҳаллӣ, намояндагии бонкҳо ва баъдан дигар табақаҳои ҷомеа бисёр зарур буд. Зеро баланд бардоштани маърифати молиявии тамоми қишрҳои аҳолӣ метавонад бахши молиявиро ривоҷ диҳад, соҳибкориро ҳавасманд гардонад, барои сарфи оқилонаи маблағҳо саҳм гузорад ва некӯаҳволии мардумро тавсиа бахшад. Бешубҳа, ин барои рушди иқтисодиёт бисёр муҳим аст.

Бархе аз ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ аҳамияти ин масъаларо дарк карда, худро бетарафу бетафовут нагузоштаанд. Ҳоло ташкилотҳои қарзие, ба мисли “Спитамен Бонк“, “АксесБонк Тоҷикистон” ва “Имон интернешнл” ба масъалаи зиёд намудани саводнокии молиявии мизоҷони худ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамоянд. Дар доираи чорабиниҳои иттилоотие, ки аз ҷониби ташкилотҳои мазкур гузаронида мешаванд, мизоҷон ва сокинони маҳалӣ метавонанд ба саволҳои худ дар бораи мафҳумҳо ва хизматрасониҳои молиявӣ посухи муфассал гиранд. Ҳамчунин, ба шаҳрвандон, оид ба дуруст тартиб додани буҷети оилавӣ, ки дар оянда ба онҳо имкон медиҳад воситаҳои пулиро самаранок захира намоянд ва минбаъд барои таълими кӯдакон, беҳдошти хонаи худ ва бунёди шароити мусоид барои зиндагӣ сарф намоянд, ба таври сода ва возеҳ фаҳмонида мешаванд. Барои ин танҳо лозим аст, ки шаҳрвандон нақшаи хароҷоти буҷети оилавиро тартиб дода, онро риоя намоянд. Аз ҷумла, пулҳоро барои чорабиниҳои оилавӣ дар суратҳисоби алоҳидаи бонкӣ, дар суратҳисобҳои пасандозии бонкӣ пасандоз намудан амали муҳим арзёбӣ мешавад.

Метавон гуфт, ки ин чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки шаҳрвандон вобаста ба масъалаҳои молиявии худ қарорҳои дуруст қабул кунанд. Бинобар ин, бо мизоҷон гузаронидани тренингу семинарҳо, ки мавзӯъҳои идоракунии буҷети хонавода, ҳисоби даромаду хароҷот, қабул кардани қарори дуруст барои гирифтани қарзро фаро мегиранд, барои баланд кардани сатҳи саводнокии молиявӣ муфид мебошад.

Ҳамзамон, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ корҳои ташкилӣ низ ба роҳ монда шудааст. Дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, дар саҳифаи Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, қисмати алоҳида дар

самти маърифатнокии молиявӣ кушода шуда, маводҳои дахлдор барои истифодабарандагон оид ба масъалаҳои баланд бардоштани маърифати молиявӣ ҷойгир карда шудаанд.

Рукмина Сафарова мегӯяд, ҳамасола дар саросари кишварҳои ҷаҳон нимаи дуюми моҳи октябр чорабинии "Ҳафтаи байналмилалии пасандоз", ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонону наврасон гузаронида мешавад:

- Боиси хушнудист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, чорабинии мазкурро соли дуввум аст, ки баргузор менамояд. Он дар тамоми минтақаҳои кишвар гузаронида шуда, дар давоми ду соли баргузории он бештар аз 9 ҳазор шаҳрвандон ширкат варзиданд, ки зиёда аз 6 ҳазори онҳоро кӯдакон ва наврасон ташкил доданд. Дар ин давра бо роҳи пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ, омӯзишӣ ва амалӣ намудани бозиҳои гуногуни иқтисодӣ ба онҳо тарзи дурусти истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ омӯзонида шуд. Вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Фонди хазинаҳои амонатгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон ва бонкҳои тиҷоратии кишвар якчанд чорабинӣ ва барномаҳоро дар самти мазкур баргузор намуд. Гузаронидани машваратҳо дар ташкилотҳои қарзӣ бо муштариёни онҳо, ташрифи мактаббачагон ба бонкҳои тиҷоратӣ ҷиҳати ошноӣ бо фаъолияти бонкҳо, семинар-машварат барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва бозии омӯзишии интерактивии "Пасандоз" ва ғайра аз қабили онҳост. Қайд кардан ба маврид аст, ки раванди омӯзиши дониши молиявӣ бояд аз синни хурдсолӣ, яъне аз муассисаҳои томактабӣ оғоз гардида, дар мактабҳои миёна ва мактабҳои олӣ идома дода шавад. Аз ин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади огоҳ намудани толибилмон бо таърих ва ҳолати имрӯзаи муносибатҳои пулӣ ва пулҳои ҷаҳон, барои бештар намудани дониши молиявии онҳо, экскурсияи хонандагонро дар осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам баргузор менамояд.

Ба андешаи сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон мақсад аз баргузории ин гуна машғулиятҳо, бедор намудани завқи хонандагон ба омӯзиши донишҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад ва дар вақти омӯхтан ба иштирокдорон дар бораи банақшагирии даромаду хароҷот, қабули қарори дуруст дар ҳолати рух додани мушкилиҳои рӯзмарра ва нақши институтҳои молиявӣ дар ҷомеа маълумоти муҳим пешниҳод карда мешавад.

Бино ба маълумоти Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ натиҷаҳои ин тадбирҳо нишон додаанд, ки сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Тоҷикистон дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Тадқиқоти такрории сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, ки ин созмон гузаронидааст, нишон медиҳад, ки шумораи шаҳрвандоне, ки соҳиби пасандоз шудаанд, дар сатҳи 6% баланд шудааст (40% дар соли 2017 дар қиёс бо 34% дар соли 2013) ва қариб 4% зиёдтари посухдодагон қайд кардаанд, ки буҷети ба нақша гирифташударо риоя карда метавонанд.

Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки андешидани тадбирҳои муҳим ва пешбурди корҳо дар ин самт, сатҳи саводнокии молиявии аҳолиро боз ҳам баландтар мебардорад. Зарурати андешидани тадбирҳо дар он пайдо мешавад, ки дар натиҷаи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ афзоиши пасандозҳои аҳолӣ, афзоиши амонатҳо дар низоми молиявӣ, коҳиши хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ, беҳтар шудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, пешгирӣ аз бӯҳронҳои молиявӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолот ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ба миён меояд.

Умед аст, ки тадбирҳо дар доираи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030" ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ такон бахшида, барои расидан ба зиндагии некӯаҳволонаи мардум ва пешрафти низоми бонкии кишвар мусоидат мекунад.

**М. Аслам,**
**хабарнигори "БТҶ"**

# МАРКАЗИ ТАЪЛИМИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**дар соҳили зебоманзар ва пуртаровати обанбори Гулистон “Баҳри тоҷик” ҷойгир аст.**




**СИНФХОНАҲОИ ҲОЗИРАЗАМОНИ ТАЪЛИМӢ БО ТАҶҲИЗОТҲОИ МУЛТИМЕДӢ БАРОИ ТАШКИЛИ ЛЕКСИЯ-СӮҲБАТҲО, СЕМИНАРҲОИ МАВЗУӢ, МИЗИ МУДАВВАР, БОЗИҲОИ КОРӢ, ДАРСҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ, ТОЛОРИ МАҶЛИСГОҲ БАРОИ 260 ҶОЙИ НИШАСТ БО СИСТЕМАҲОИ ОВОЗӢ ВА ВИДЕОКОНФЕРЕНСИЯ, ТАРҶУМАИ СИНХРОНӢ, САЙРУ ГАШТ ДАР БАҲР БО КАТЕР, КАТАМАРАН, ГИДРОСИКЛ, ТОЛОРИ ВАРЗИШ БАРОИ ФУТБОЛИ ХУРД, БАСКЕТБОЛ, ВОЛЕЙБОЛ, ТЕНИСИ РӮИ МИЗ, КОРТИ ТЕННИС ДАР ХИЗМАТИ МЕҲМОНОН ҚАРОР ДОРАНД.**



**Нишонии мо:**
Вилояти Суғд, ш. Гулистон.
Тел.: +(992 44) 630-45-99;
+(992 44) 630-45-92;
Моб.: +(992 92) 787-57-70;
e-mail: info@tcnbt.tj: www.tcnbt.tj



**Меҳмонони гиромӣ!**
**Ташрифи Шуморо ба Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш. Хоруғ, ки барои гузаронидани курсҳои баланд бардоштани ихтисоси кормандони низоми бонкӣ сохта шудааст, хайра мақдам мегӯем.**



Маркази таълимии БМТ дар яке аз мавзеъҳои зеботарини Боғи ботаникии ш. Хоруғ, дар баландии 2,200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, барои пешвозу ҷойгир кардани меҳмонон ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани чорабиниҳои гуногун тамоми шароитҳо муҳайё карда шудаанд.

Нишонии мо: ВМКБ, ш. Хоруғ, к. Усмон Холдоров Тел: (992 44) 600-46-71, : (992 44) 600-46-75
Моб: + (992) 93-501-01-59, E-mail: khorog.mt@mail.ru